

Сафар Саид

# ДАР ЁДИ ВАТАН

Равшанфикр

Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

www.ravshanfikr.tj

ДАР ЁДИ ВАТАН

Сафар Саид

-

**С А Ф А Р   С А И Д**

# ДАР ЁДИ
# ВАТАН

Душанбе
«Адиб»
2014

**Муаллиф ба раиси шаҳри Қурғонтеппа**
**Амрулло Асадуллозода барои дастгирӣ дар чопи**
**ин китоб самимона арзи сипос менамояд.**

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррири масъул *Шералӣ Сабзалӣ*
Муҳаррир *Абдураҳмон Халилов*

С-35 **Сафар Саид. Дар ёди Ватан** *(хотираҳои сафар)*.
– Душанбе, «Адиб», 2014, 168 саҳ.

«Дар ёди Ватан» раҳтӯшаест аз сафарҳои ходими давлатию ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, адиби хотиранигор Сафар Саид аз кишвари Олмон ва дигар манотиқи Аврупо, ки басо лаҳзаҳои дилнишину хотирмонро ба хонанда ҳадя месозад.

ISBN 978 99947-2-384-3

© Сафар Саид, 2014.

* * *

Сарзамини Тоҷикистони моро биҳишти рӯи замин мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саросари мамлакат гул-гул шукуфта, ба як гӯшаи зебои афсонавии чаҳон табдил ёфта истодааст. Мардуми ватандӯсту меҳнатдӯсташ аз сидқи дил ба корҳои ободонию созандагӣ машғул шуда, баҳри боз ҳам зебо гардидани симои шаҳру деҳот азму талош менамоянд.

Ҳангоми сафар дар мамлакатҳои Олмон, Белгия, Швейтсария, Голландия, Австрия, Италия, Чехия, Полша бо мардуми он мамлакатҳо ҳамсуҳбат мешу**дам.** Хурсанд аз он будам, ки ҳангоми дар мактаб таҳсил намуданам, забони олмониро каму беш аз худ карда будам. Чи хеле, ки мегӯянд «Забон донӣ, ҷаҳон донӣ». Ҳангоми суҳбатҳо дар бораи Тоҷикистони офтобрӯяи мо, ки таҳти роҳбарии Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба тараққӣ ниҳода истодааст, бо самимият ҳарф мезананд. Баробари номбар намудани номи роҳбари давлати мо дар лабони онҳо табассуми ширин гул мекард. – Бахти баланди шумо тоҷикон аст, ки чунин сарвари оқилу доно ва нисбат ба мардум ғамхору одил доред. Таҷрибаи ваҳдати миллии шумо дар тамоми олам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, – мегуфтанд онҳо. Аз баҳои баланди хориҷиён ифтихор менамоям, ки таҳти роҳбарии президенти кишвар Тоҷикистон ба як диёри обод ва сарсабзу хуррам табдил ёфта истодааст. Табиати зебову ҳамешабаҳори дилфиребаш ба биҳиштн рӯи олам шабоҳат дорад.

Дар фасли баҳор ман ҳар сол якчанд маротиба ба

мавзеи дӯстоштаам деҳаи Қули Сӯфиёни ноҳияи Данғара бо дӯстонам сафар менамоям. Ман худро хушбахт мешуморам, ки айёми кӯдакиам дар ни мавзеи афсонавӣ гузаштааст. Ҳар гоҳ ба деҳаи Қули Сӯфиён сафар мекунам, дилам аз меҳмондӯстии мардуми шуҳратёри ин ҷо аз фараҳ лабрез гардида, аз тамошои табиати афсунгари он ба ваҷд меоям. Талу теппа, доманаҳои кӯҳҳо, лолазор, гиёҳҳои навруста, шилдироси оби мусаффои чашмасорон, хониши кабкҳои маст, нағмасароии булбулон ба кас як ҷаҳон ҳаловат мебахшад. Насими форами боди субҳгоҳӣ ба димоғ бӯи муаттари гулу бутаҳоро меоварад. Ба ростӣ ҳар гоҳ, ки баҳорон ба ин деҳаи биҳиштосо меҳмон мешавам, худамро хеле ҷавон ва тануманд ҳис мекунам. Аз баландӣ сӯи ин мавзеи зебоманзар дида медӯзаму табиати дилорои деҳаҳои Шингихо, Обиҷонак, Зардолу, Сирзор, Даҳанаи боло, Даҳанаи поён, Тутқавул пеши назар ҷилвагар мегарданд. Дар ин ҷо хешу таборони ман, акаи Абдуҷамил, писараш Файзулло, акаи Ҳамроқул, писараш Умарқул, бобои Холмаҳмад, писаронаш Файз, Сафармаҳмад, Гулмаҳмад, Нурмаҳмад, Бегмаҳмад, акаи Ҳасан, тағои Маҳманазар, писаронаш Холназар, Бойназар, Қурбонназар, Рамазон, акаи Бобӣ, Бобои Мӯсо, писаронаш Мардонқулу Саидқул, писари амакам Холмаҳмад, Дилшодҷон ва дигарон зиндагӣ мекунанд. Зодгоҳи ман деҳаи Даҳана аст, ки кӯдакии ман дар он ҷо гузаштааст. Ин деҳа дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир шуда буд ва ҳангоми бунёди дарғоти нерӯгоҳи барқии обии Норак зери об монд. Ин сабаби муҳоҷирати мо ба водии Вахш гардид. Ман шукр мекунам, ки нерӯгоҳи Норак ба хонаи мардуми тоҷик имрӯз нуру равшанӣ мебахшад.

Махсусан, солҳои охир деҳаҳои ин гӯшаи биҳиштосо тавассути заҳмати мардуми меҳнатқариаш хеле ободу зебо ва дилкашу дилфиреб гардидааст. Дар ин ҷо бобоям Худойдодбой, бародараш Худойназарбой ва хешонаш Сафаралибой масҷиди зебое сохта буданд. Аз ҷумла бо ташаббусу дастгирии марди саховатпеша Нуриддини Раҳмонзода дар деҳаи афсонавии Шингихо, боғҳои замонавӣ, ҳавзи моҳипарварӣ, меҳмонхонаи зебо бунёд гардида, ҳайвонҳои нодир ба ин макон оварда шудаанд.

Акнун аз баҳори 65-уми умрам гул мечинам ва имконият дорам, ки ҳар моҳ ба ин гӯшаи гулрезу сабзазор азми сафар намоям. Рӯзе дар фасли зебои баҳор ҳамроҳи устодам Абдулло Холов аз ин макони афсонавӣ ба хона баргаштем. Моро писарам Комилҷон хурсандона пешвоз гирифта, гуфт:

– Ота, отаҷон, ба номи Шумо аз мамлакати Олмон мактуб омадааст – ва лифофаро ба ман дароз намуд. Мактуб аз номи ҳамкорам Магдалена буд, ки солҳои дароз ҳамроҳам дар Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Румӣ) кор мекард. Магдалена барои ман даъватнома барои сафар ба Олмон фиристода буд. Ба ростӣ чунин даъватномаҳоро борҳо гирифта будам, аммо ҷуръати сафар кардан ба ин мамлакати дур аз Тоҷикистони азизро намекардам. Вале ин маротиба зарбулмасали халқ «Аз дунё хӯрдан, дунё дидан беҳтар»-ро ба ёд оварда, азм намудам, ки ҳатман ба Олмон сафар мекунам. Охир Магдалена ва фарзандони дӯстрӯяшро дар ин қадар солҳои сипаришуда сахт пазмон шуда будам.

Бо ҳамин ният ба шаҳри Мюнхени ин кишвари

овозадор чипта харидам.

Бегоҳӣ ҳама аҳли оила, бародарон, хоҳарон ва наздиконам сари дастурхони пурнозу неъмат ҷамъ омадем. Аввал хаёл кардам, ки ҳама якдилона мақсадамро фаҳмида розӣ мешаванд.

– Ман, азизони дил, азми сафари Олмон намудам. Аз кормандонам, ки якҷоя дар кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳия кор мекардем, даъватнома гирифтаам. Пагоҳ ба сафар мебароям – гуфта, мақсадамро баён намудам.

Лаҳзае хонаро оромӣ фаро гирифт. Аз ин қарори ғайричашмдошт касе сухане нагуфт. Баъди чанде завҷаи азизу меҳрубонам Зумрад, ки зиёда аз 45 сол якҷоя хушу хурсандона умр ба сар мебарем, ба сухан **оғоз** намуд.

– Не, оташ, ман туро ба ҳеҷ куҷо рафтан намемонам. Бемор ҳастӣ, ман ҳатто намемонам, ки ба шаҳри Душанбе танҳо равӣ. Не, не, барои ин сафарат ман ҳаргиз розигӣ намедиҳам.

– Барои чӣ ҷони ширин, – гуфтам дар ҷавоб. – Охир аз Тоҷикистон ҳар рӯз даҳҳо нафар шаҳрвандон ба ин мамлакати тараққикардаи ҷаҳон сафар мекунанд. Сиҳату саломат бармегарданд.

– Чи хеле, ки набошад, ман розигӣ намедиҳам, охир нав аз табобат омадай, дилатро дар шаҳри Санкт-Петербург ҷарроҳӣ намуданд, мебинам, ки худатро айни ҳол бардаму бақувват ҳис мекунӣ, метарсам, ки боз саломатиат бад мешавад. Вақти табобат чи қадар азобҳоро аз сар гузаронидӣ. Тобу тоқати чунин заҳматҳои кашидаатро дигар надорам. Не, оташ, қарорам қатъист, намеравию халос, – хулоса намуд завҷаи меҳрубонам.

Агар иқрор шавам, мо бо ҳам солҳои зиёд якҷоя

зиндагӣ карда бошем ҳам, бори аввал сидқан ҳис намудам, ки Зумради азизу меҳрубонам маро аз таҳти дил дӯст медоштааст. Беихтиёр солҳои ҷавони-ам пеши назарам ҷилвагар гардиданд. Ҷавони қо-матбаланд ва чашмназар будам. Аксарияти духтаро-ни деҳаамон ба ман изҳори муҳаббат менамуданд, вале падари бузургворам ҳар дам таъкид карда мегуфт:

– Сафарҷон, поятро дониста мон, фирефтаи дух-тарони деҳа ҳаргиз машав.

Ман бошам духтареро дӯст медоштам, ки дар синфи панҷум мехонд. Орзуи бо ӯ хонадор шуданро дар дил мепарваридам. Ин мақсадамро борҳо бо дӯстонам баён намуда будам. Аз ҳама як ҷавоб мешунидам.

– Сафар, ақлатро хӯрдӣ магар? Ӯ кӯдак аст, то синну солаш ба балоғат мерасад, ки ту ҳам оиладор мешавию ҳам соҳиби ду-се фарзанд. Ин фикрро па-дари бузургворам низ тасдиқ карда, як бегоҳӣ ба ман таклиф пешниҳод намуд, ки Сафарҷон, ҷону ҷи-гарам, аввалан ихтиёр ба худат, вале агар розигии маро хоҳӣ, лоиқи ту танҳо духтари дӯсти ҷониам Худойназар – Зумрадро медонам. Аз суханони па-дарам, ки аз ҷон зиёд дӯсташ медоштаму ҳурматаш-ро ба ҷо меовардам розӣ шуда, азми дидори Зумра-дро намудам. Чанд бегоҳро назди ҳавлиашон гуза-ронидам, вале ба дидани дидораш муяссар нашудам. Зумрад дар оилаи бонуфуз тарбия ёфта беҳудаю баҳуда ба кӯча намебаромад. Падару модарашро аз таҳти дил ҳурмат мекард. Хайрият, як бегоҳӣ ӯ са-тилҳо дар даст ҷониби ҷумаки обрези кӯча мерафт. Бо меҳри беандозаю зиёд сӯяш дида дӯхтам. Қаду

қомати зебо, кокулони дароз, чашмони шаҳло, рухсораҳои сурху лабони пуртабассумаш диламро мафтун намуд. Падари бузургворам хеҷ гоҳ хато намекунад, аз дил гузаронидам ва ҷуръат пайдо намуда, назди Зумрад рафтам.

– Биёед ман ба Шумо ёрӣ дода, сатилҳоро то ба назди ҳавлиатон барам, – гуфтам ба ӯ.

– Не, не, ман худам мебарам. Илтимос наздик наоед, ҳамсояҳо бинанд, чӣ мегӯянд, – гуфт ӯ шармгинона ва сатилҳоро бардошта сӯи ҳавлиашон раҳсипор гардид.

То ба ҳавлӣ расидан сӯяш ба ҳавас дида дӯхтам. Ӯ оҳиста-оҳиста қадам мегузошт, мӯйҳои дарозаш ҳавасамро меовард. То ба ҳавлӣ даромадан бо ҳавасу нигоҳи пурумед гуселаш намудам.

Бегоҳӣ аҳли оила сари дастурхон ҷамъ шуда боз суҳбат дар хусуси хонадоршавии ман оғоз гардид. Ба таклифи падари меҳрубонам барои ба духтари дӯсташ Худойназар – Зумрад хонадор шуданам бо ҷону дил розигӣ додам. Дар хонадони мо қарори падарам ҳамеша қобили қабул буд. Аз ҳамин сабаб, ҳам модари муштипарам ҳарфе назад. Падарам хомӯширо маънои розигӣ қабул намуд ва ба хонаи дӯсташ Худойназар хостгорӣ рафт.

Бори аввал, таклифи падарамро дӯсташ қабул накард. Ӯ бо табъи хирра ба хона баргашт. Аввал чизе нагуфт. Баъди каме сукут сӯи модарам нигоҳ карда ба сухан оғоз намуд:

– Ба ростӣ, очаш, дилам аз дӯстам Худойназар ранҷид. Ӯ дар байни дӯсту душман суханамро шикаст. Ман барои хостгорӣ ба хонаи онҳо дигар намеравам.

– Аз дӯстон дилшикаста набояд шуд, оташ. Мо бо

оилаи Худойназар чанд сол боз дӯстӣ дорем. Мебинам, ки Сафарҷонам танҳо духтари ӯро интихоб намудааст. Худам ба хостгорӣ меравам. Танҳо розигии туро мехоҳам, – гуфт дар ҷавоб модарам.

– Ман ҳам, очаш, хушбахтии писарамон Сафарҷонро мехоҳам. Барои хушбахтии ӯ ба ҳама кор розӣ мебошам, майлаш ихтиёрат – гуфта, розӣ шуд падарам.

Хеле хушбахтам, ки модарам истодагарӣ карда маро ба мақсадам расонд. Тӯйи хонадоршавии ману Зумради азизам баргузор гардид.

– Оча, очаҷон, чаро шумо розӣ намешавед, – гуфтани писарам Комилҷон маро аз банди хаёлот раҳо намуд. – Охир, очаҷон, аз Тоҷикистони мо ҳар рӯз даҳҳо нафар шаҳрвандон ба Олмон сафар менамоянд. Мегӯянд, ки дар шаҳри Мюнхени Олмон духтуроне ҳастанд, ки бемории дилро табобат мекунанд. Ман чандин касро мешиносам, ки дар шаҳри Мюнхен табобат гирифта, ҳоло бемориеро ҳис намекунанд. Биё, очаҷон розӣ шав, падаромонро бо таъби болида ва лабони пуртабассуми шумо гусел намоем. Охир ӯ танҳо не, ҳамроҳи амаки Маҳдмадулло меравад. Ҳам саёҳат мекунанд ва ҳам бемории дилашонро аз нав табобат мекунанд.

– Комилҷон, Маҳмадуллоро ман мешиносам ё не, – гуфт Зумрад.

– Ҳа, очаҷон, ӯ борҳо меҳмонн хонадони мо шудааст. Маҳдмадулло, писари амаки Насруллоро магар аз ёд баровардай?

– Шумо ҷигарбандонам ҳама вақт тарафи падаратонро мегиред, – гуфт дар ҷавоб завҷаам ва суханашро идома дод, – Маҳдмадуллоро хуб мешиносам аз ӯ дилам пур аст. Ба хотири табобати дилаш ва бо-

лида гардидани хотираш розӣ мешавам Комилҷон. Вале падаратро хуб медонам ва сахт дӯсташ медорам, метарсам, ки боз ба ягон духтари олмонӣ дил набандад, охир дар хунаш чунин хислатҳо аз ҷавонӣ ҷой дорад. Худо накунад, ки мо ӯро дар кофтуков эълон намоем, – гуфт шӯхиомезона завҷаи меҳрубонам.

Бо дуои неки аҳли хонадон ба сафар омода шудам. Пагоҳ ҳамроҳи иисаронам Комилҷон, Ҳотамҷон, наберагонам Сорбон, Замон, Садам, Комрон, Сарвар ва додаронам Холмаҳмад, Нурмаҳмад, Гулмаҳдмад, Алимурод, Қосимҷон, Одилҷон сӯи шаҳри Душанбе азми сафар намудем. Ҳинни сафар ба Маҳмадулло Насруллоев занг зада, дар куҷо вохӯрданро пурсон шудам. Чиптаи ӯ ба воситаи Москва ба Олмон будааст. Аз ман бошад аз Душанбе-Истамбул баъд ба Мюнхен. Маслиҳат кардем, ки дар шаҳри Мюнхен вомехурем.

Ҳамроҳи гуселкунандагонам ба мошина нишастем. Ба симои завҷаи азизу мехрубонам назар намудам. Хеле ҳузнангез менамуд. Бо нигоҳи ҳузнангез маро ба ин сафари дуру дароз гусел мекард. Тоқат накарда аз мошина фаромадам. Сахт ба оғӯшаш гирифтам, хоҳиш намудам, ки маро бо нигоҳи пурмеҳру лабони пуртабассум гусел намояд. Хоҳишамро ба ҷо овард, вале ҳис намудам, ки ба дилаш чизе намегунҷид.

Ба роҳ баромадем. Ронандаи мошинаи мо писари собиқ раиси колхози номдори «Коммунизм» (ҳоло ба номи Ниёзмаҳмад Бегов) ҷояш ҷаннат бошад, Қосимҷон мошинро бо маҳорати баланд идора менамуд. Ман аз тирезаи мошин ба табиати зебою нотакрори диёр дида дӯхта, дилам аз фараҳ лабрез мегардид. Дар асл табиати зебои Тоҷикистони азизи мо

афсонавӣ ва нотакрор мебошад. Дар мавзеи оғози ағбаи Фахробод кас боғотро дида ангушти ҳайрат мегазад. Ҳодисаҳои бист сол пеш як ба як аз назарам мегузашт. Солҳои 1980-1990 ин макон ба мулки зебо табдил ёфта, макони боғоту токзор ва себзор буд. Аммо дар як муддати кӯтоҳ аз таъсири чангҳои бемаънӣ ба як мулки нообод табдил ёфт. Хушбахтона аз соли 1996 инҷониб бо роҳбарии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва марди ватандӯсту миллатдӯст Ҳасани Асадуллозода ин диёр ба макони токзору меваҳои шаҳдбор табдил ёфтааст. Тамошои талу теппаҳои сабзпӯш, лолазорону сабзазор ҳаваси касро меоварад. Дар ҳақиқат мардум дар ободу зебо иамудани ин макон бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фарзанди фарзонаи миллат Ҳасани Асадуллозода саҳми арзанда гузоштаанд. Бо ташаббуси онҳо имрӯз ин мавзеъ, ки дар давраи шуравӣ макони токзор буд боз ба токзор ва боғи сабзу хуррам мубаддал гардидааст. Манзараҳои ду тарафи роҳ, токзор, ниҳолони гуногуни мевадиҳанда ба кас олам олам ҳаловат мебахшанд. Таҳсину офарин мегӯем, ба чунин шахсони ободкору созанда, ки дар ободонии диёр саҳми муносиб мегузоранд.

Мафтуни тамошои ин манзараҳои дилфиреб гардида ноаён вориди шаҳри зебоманзари Душанбе гардидем. Аз ронанда Қосим хоҳиш намудам, ки мошинро ба воситаи кӯчаи марказии шаҳр ронад. Зеро аз манзарахои зебои шаҳр кас олам-олам ҳаловат мебарад. Дар иазди боғи истироҳатию фароғатии ба номи устод Рӯдакӣ, таклиф намудам, ки боғро тамошо кунем.



*Кӯчаи 800-солагии Москва, соли 1961*

Ба гирду атрофи боғи фарҳангию истироҳатӣ, ки ҳоло номи сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулоҳи Рӯдакиро гирифтааст, дида дӯхта ангушти ҳайрат мегазидам.



*Боғи истироҳатию фароғатии*
*ба номи Устод Рудакӣ*

Ҳама ҷо сабзапӯш фаввораҳои калону ниҳолҳои нодир, роҳравҳои замонавӣ, дар гирду атрофи боғ биноҳои боҳашамати қасри миллат, осорхона, китобхонаи миллӣ, бинои Вазорати корҳои хориҷӣ ва биноҳои баландошёнаи замонавӣ қомат рост кардаанд, ки ҳусни шаҳрро дучанд намудаанд.

Дар ҳақиқат, роҳбари давлат барои ободонию созандагӣ ва зиндагии хушу хурсандонаи мардуми шарифи Тоҷикистон тамоми ҳастии худро бахшидааст.

Аз тамошою зебоии шаҳр, номҳои тоҷикии ба тозагӣ ба кӯчаю хиёбонҳо, маҳаллаю бозорҳо гузошта хушҳол шуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Маҳдмадсаид Убайдуллоев таҳсину

офаринҳо мехонӣ.

Шоири ширинсухан хуб гуфтааст:

*Ҷисму ҷонам ту бошӣ, Душанбе,*
*Нури ваҳдатт бипошӣ, Душанбе.*
*Шаҳри дӯстию ваҳдат, Душанбе,*
*Анҷуман дар ту миллат, Душанбе.*
*Зеб бидиҳад туро Кохи Ваҳдат,*
*Ҳусн бахшад туро Қасри миллат.*
*Парчамат парафшон то фалак,*
*Кохи Сомон туро зебу зиннат.*

– Падарҷон, вақт қариб расидааст, баъди даҳпонздаҳ дақиқа дар фурудгоҳ бақайдгирии мусофирон оғоз мегардад, – ба ман рӯ оварда гуфт Комилҷон.

– Писарам, ба ростӣ Тоҷикистони азизи мо ба яке аз минтақаҳои зебои сайёра табдил ёфтааст – гуфтам ман, – Рафтанам ба Олмон ба хотири табобати дилам зарур мебошад. Набошад, намерафтам. Бубинед аз чунин мамлакати ободу зебо ва манзараҳои дилкашу дилоро шахс дил канда наметавонад. Вақт, ки расида бошад меравем.

Ба фурудгоҳ ҳамчунин барои гусел устодам, ки баробари падари бузургворам ҳурматашро ба ҷо меорам Абдуло Холов ва дӯсти ҷониам Ғайбулло Афзалов омаданд. Бо Ғайбулло Саидович каме сӯҳбат намудам.

– Сафарҷон мо дӯстони деринаем – гуфт ӯ. – Худатро эҳтиёт намо. Олмон мамлакати тараққикардаи чаҳон мебошад. Мардумаш ҳалиму меҳрубон ва ниҳоят меҳмоннавозанд. Боз баногоҳ фирефтаи ягон хонуми олмонӣ нагардӣ. Зебосанамони тоҷик гули

сари сабаданд. Аз ҷумла янгаи меҳрубонам Зумрад.

Баъди суҳбат Ғайбулло Афзалов, Абдулло Холов ва дигаронро як-як ба оғӯш гирифтам. Онҳо маро то зинапояи тайёра бо нигоҳи пурмеҳр гусел намуданд. Вориди фурудгоҳ гардида хаёл намудам, ки касеро намешиносам. Баракс, аксарияти ҳамсафаронам ба чашмам шинос намуданд. Пеш аз ҳама бо Маҳмадӣ Абраев, ки солҳои дар вазифаи раиси кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳия кор карданам ӯ дар вазифаи заминсози калони ноҳия адои вазифа менамуд, вохӯрӣ намудам.

– Сафарҳо ба хайр, – пурсидам аз Маҳмадӣ баъди вохӯрӣ.

– Ба шаҳри Берлин, Сафар Саидович, – ҷавоб дод ӯ.

– Чӣ, дар шаҳри Берлин ягон шинос ё хешу табор дорӣ? – пурсидам ман аз ӯ.

– Не, раис, ба семинари байналмилалии заминсозони ҷаҳон таклиф шудаам – гуфт Маҳмадӣ.

Хеле кори хайр аз дил гузаронидам ва дилам аз фараҳ лабрез гардид, ки ба чунин чорабинии байналмилалӣ намояндаи ноҳияи мо, шогирдам Маҳмадӣ Абраев таклиф шудааст. Дар ҳақиқат, ӯ мутахссиси барҷаста мебошад, касбашро чун панҷ панҷааш медонад. Дар солҳои роҳбарии ман боре ҳам камбудии корашро надидаам. Борҳо аз ташкилотҳои болоӣ фаъолияти кориашро санҷиш гузаронидаанд. Вале камбудие муайян накарда, баҳои мусбат медоданд.

Аз рӯи ҳурмату эҳтиром Маҳмадӣ борхалтаамро то ҷойи зарурӣ бурда, маро ҳамроҳӣ намуд. Дар толори тайёра сӯи ҳамсафаронам дида дӯхтам. Чашмо-

нам шиносҳоро меҷустанд. Табиби варзидаи ҷумҳурӣ Насимҷон Олимовро дидам. Наздаш рафта, бо ӯ чун шиноси дерина вохӯрӣ намудам. Ӯро дер боз мешиносам, ҳурмату эҳтиромашро чун хешу табори наздик ба ҷо меорам.

Насимҷон соли 2002 маро барои ҷарроҳии дилам ба шаҳри Санкт – Петербург ҳамроҳи карда буд. Ба ростӣ дар беморхонаи ин шаҳри азим Насимҷон обрӯю эътибори зиёд доштааст. Баробари шунидани номаш аксарияти табибони беморхона наздаш омада, гарм ба оғӯшаш мегирифтанд. Насимҷон баъди вохӯрӣ бо яке аз духтурон мақсади ташрифашро изҳор намуд.

– Николай Константинович, – ба сардухтур муроҷиат намуда, гуфт Насимҷон, – Сафар Саидович яке аз шахсиятҳои шинохтаи Тоҷикистон ва дӯсти наздики ман ба ҳисоб меравад. Маи барои ҳар кори майда-чуйда назди Шумо намеоям. Сафар Саидович чанд вақт боз аз бемории дил азоб мекашад. Мо духтурони тоҷик ба хулосае омадем, ки ӯро ҷарроҳӣ намоем. Вале медонам, ки барои ҷарроҳӣ дар беморхонаи шумо дар ин шабу рӯз шароитҳо беҳтар мебошанд.

– Насимҷон медонӣ, ки мо ҳамкории ҳамешагӣ дорем. Модом, ки Сафар Саидович дӯсти Шумо бошад, мо ҳам ба ҷону дил ӯро чун дӯст қабул менамоем. Дуруст гуфтӣ, ки дар беморхонаи мо барои табобати дил тамоми шароитҳо муҳайё мебошанд. Худи ҳозир аз муоинаи тиббӣ мегузаронему рӯзи ҷароҳиро муайян мекунем – гуфт дар ҷавоб Николай Константинович,

– Аз Шумо Николай Константинович як умр ми-

натдорам ва хоҳиш менамоям, ки дар ҷарроҳӣ иштироки маро иҷозат диҳед, – гуфт Насимҷон.

– Заруррият надорад, Насимҷон, вале агар хоҳишат бошад чаро иҷозат намедиҳем, бо ҷону дил розигӣ медиҳам, – гуфт Николай Константинович.

Баъди аз утоқи кории сардухтур баромадан ба Насимҷон чи тавр минатдорӣ изҳор намуданамро намедонистам.

– Насимҷон ман ин некиҳои шуморо чӣ тавр мегардонида бошам? – худро ба даст гирифта гуфтам ба ӯ.

– Чиҳо мегӯӣ, Сафар Саидович хизмати Шумо ба ҳамаи мардум расидааст.

Аз ҷумла ман аз шумо як умр минатдорам ва фахр мекунам, ки бароятон хизмат расонида истодам, – гуфт роҳравон Насимҷон.

Бо дастгирии Насимҷон аз муоинаи тиббӣ зуд гузаштам ва рӯзи ҷарроҳиро ду рӯз баъд муайян намуданд. Хушбахтона, ҷарроҳӣ бомуваффақият ба охир расид. Бо шарофати ин табиби мушфиқ, ҳалиму меҳрубон ҳоло худро сиҳату саломат ва бардаму боқувват ҳис менамоям.

Аз Насимҷон баъди вохӯрӣ азми сафарашро пурсон шудам.

– Сафар Саидович медонед, ки ман дӯстони зиёд дорам ва ҳамеша дар хизмати онҳо мебошам. Бо раиси бонки ҷумҳурӣ Муродалӣ Алимардонов дӯсти деринаем. Ҳурмату эҳтироми якдигарро чун шумо самимӣ ба ҷо меорем, – гуфт ӯ – Бародараш ба бемории дил гирифтор мебошад. Бо хоҳиши дӯстам Муродалӣ Алимардонов ӯро барои ҷарроҳӣ ба табобатхонаи шаҳри Мюнхен бурда истодаам, – гуфт Насимҷон ва аз ман низ мақсади сафарамро пурсид.

– Ба ростӣ Насимҷон дар солҳои раиси кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои халқӣ кор карданам олмониҳои зиёде дар ноҳия кору фаъолият менамуданд. Бо таклифи онҳо ба шаҳри Мюнхен меравам. Агар имконият даст диҳад мақсад дорам, ки аз муоинаи тиббӣ ҳам гузарам, – ҷавоб додам ман.

– Мардуми рус як мақоли хуб доранд, Сафар Саидович. «Аз сад сӯм доштан, сад дӯст доштан беҳтар аст». – Айни мудаост, сафаратон ҳам ба саломатӣ фоида дорад ва ҳам ба дидори дӯстон мерасед, – гуфт Насимҷон ва суханашро идома дод. – Вале фикр мекунам, ки аз муоинаи тиббӣ гузаштани шумо зарурият надорад. Зеро табибони шаҳри Санкт-Петербург ниҳоят донишманд ва дасти сабук доранд. Онҳо ба ман пурра шифо ёфтани дилатонро кафолат доданд.

– Ман суханҳои шуморо пурра дастгирӣ мекунам, Насимҷон. Охир худамро баъди ҷарроҳии онҳо хеле бардаму бақуввват ҳис мекунам. Вале ба ҳар ҳол мехоҳам бубинам, ки табибони овозадори ин шаҳри қадима чи хулосабарорӣ мекунанд.

– Зарар надорад, – гуфт Насимҷон, агар насиб бошад мумкин дар табобатхона вохӯрӣ намоем. Зеро то шифо ёфтани бемор ман онҷо мемонам.

Мусофирони азиз, аз шумо хоҳиш менамоем, ки ба ҷойҳои худ нишаста, тасмаҳоро гузаронед. Парвози ҳавопаймои мо дар сайрхати Душанбе – Истамбул – Мюнхен оғоз мегардад, – гуфтани роҳбалад ба идома додани сӯҳбати мо ҳусни анҷом бахшид. Тайёра аз замин боло баромада бо суръати баланд парвоз намуд. Аз тиреза ба манзараҳои зебои Тоҷикистони маҳбуб ва ҷумхурии ҳамсоя Ӯзбекистон дида дӯхта дилам аз фараҳ лабрез мегардид.

Шукри ин табиати худодод, шукри соҳибистиқло-

лии мамлакат ва роҳбари хирадманди он мекунем. Дар солҳои собиқ давлати абарқудрати Шӯравӣ ҳатто орзуи ба мамлакати Олмон сафар карданро дар дил парваридан амри маҳол буд. Ҳоло ба тамоми шаҳрҳою мамлакатҳои олам аз фурудгоҳи шаҳри Душанбе тайёра бе танаффус дар парвоз мебошад.

Дере нагузашта, тайёраи мо болои Ҷумҳурии Исломии Афғонистону Туркманистон парвоз мекард. Биёбонҳои беканор, заминҳои бекорхобида ва куҳҳои сарбаланди рангпарида табъи ҳар бинандаро хира мегардонид.

Аз рӯи маълумоти роҳбаладі тайёра мо вориди мамлакати Туркия гардидем. Тамошои табиати афсунгари он ҳаваси касро меоварад. Боғҳои дарахтони зардолу, кӯлҳои бешумор, замину куҳҳои сабзапӯш, шаҳру деҳаҳои зебою дилфиребаш ба табиати Тоҷикистони мо шабоҳат дошт. Мафтуни тамошои табиати дилорову дилкаши ин мамлакати пешқадами олам гардида, ба шаҳри Истамбул расиданамро надонистам. Тайёраи мо бомуваффақият дар шаҳри Истамбул ба замин фаромад.

Истамбул шаҳри калонтарини Туркия мебошад. Истамбул маркази савдо, саноат, фарҳанг ва бандари асосии Туркия ба ҳисоб меравад. Дар соҳили гулугоҳи Босфор ҷойгир шудааст, ки шаҳрро ба қисми аврупоию осиёӣ ҷудо мекунад ва бо купрукҳои зиёд пайваст шудааст. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ дар Аврупо сеюмин шуда, тақрибан 13 миллион аҳолӣ дорад. Истамбул яке аз шаҳрҳои қадима буда, ниҳоят зебою дилкаш будааст. Шаҳр дар канори Баҳри Сиёҳ ҷойгир буда, боми бинои хонаҳои маъмурию истиқоматии он, ки аз 9 то 12 ошёна мебошанд, бо хиштҳои сафолини сурхчаи хеле зебо пӯшида шуда-

анд. Дар лаби баҳр киштиҳои калони боркашонию мусофиркашонӣ ба чашм мерасанд. Моро хабардор намуданд, ки дар гирду атрофи фурудгоҳ то муҳлати як соат сайругашт намоем. Тайёра баъди як соат ба парвоз сӯи шаҳри Мюнхен омода мегардад. Ҳамроҳи Маҳмадӣ Абраев аз фурудгоҳ берун баромадем. Ман таклиф намудам, ки ба ягон дукон даромада оби нӯшокӣ мепурсем. Ба чандин дукони обфурӯшӣ даромадем, вале бинобар надонистани забони туркӣ корамон омад накард. Оби нӯшокӣ харидорӣ карда натавонистем.



*Шаҳри Истамбул*

Ба Маҳмадӣ гуфтам, ки охир забони ӯзбекӣ ба забони туркӣ наздик аст, чаро ту фаҳмонида наметавонӣ?

– Хеле кӯшиш кардам, Сафар Саидович, лекин ду-

кондорон намефаҳманд. Намедонам, чӣ кор кунам?- гуфт Маҳмадӣ ва таклиф намуд, ки ба дукон бори дигар даромада месанҷем.

Ба дукон бори дигар даромадем. Ман ба забони шикастаи олмонӣ фурӯшандаро фаҳмонидам, ки ба мо оби нӯшокӣ лозим аст. Фурӯшанда моро ба сахтӣ фаҳмид ва ду шишачаи садграммаи обро ба мо дароз намуда, нархашро 20 евро гуфт.

Сӯи Маҳмадӣ дида дӯхта, ангушти ҳайрат газидам. Наход, 200 грамм оби нӯшокии оддӣ чунин арзиши баланд дошта бошад. Охир, дар Тоҷикистони офтобрӯяи мо бо ин маблағ як оила ду – се рӯз рӯзгорашро таъмин менамояд. Дар ҳақиқат дар давлатҳои тараққикардаи олам музди маоши коргарон баланд мебошад. Аз ин рӯ, нархи ҳамаи маводи хӯрока ва молу ашёҳо барои мо дастнорас мебошад. Ман дар шаҳр ба дуконҳои либосфурӯшӣ, фурӯши ашёҳои рӯзғор ва китоб даромадам. Нарх нисбати Тоҷикистон аз замин то осмон фарқ мекунад. Танҳо як китоб, ки ман таваҷҷуҳ зоҳир намудам 200 евро нарх дошт, ки он баробари 250 доллари амрикои мебошад. Дар шаҳри Истамбул вақтро бо сайру саёҳат гузаронидем.

Вақти парвози тайёра расиду ҳамаи мусофирон вориди тайёра гардиданд. Тайёра дар вақти муайяншуда сӯи шаҳри Мюнхен ба парвоз даромад.

Соате нагузашта роҳбалад эълон намуд, ки тайёраи мо ба мамлакати Олмон ворид гардид. Табиати Олмон ҳам хеле дилрабо ба назар менамуд. Аз тирезаи тайёра ба замин дида дӯхта, ҳама ҷоро сабзпӯш медидам. Ягон ваҷаб замин бекор нахобидааст. Мушоҳида намудам, ки дар аксарияти заминҳо ҷуври-

мака, гандуму рапс кишт намудаанд. Дар ҳар 500-1000 метр хонаҳои истироҳатии фермерҳо ва заминҳои хушсифати корамнамудаи онҳо ба чашм мерасанд. Боми ҳамаи биноҳо бо шиферҳои сафолин пӯшонида шудаанд, ки аз тайёра хеле зебою назаррабо менамоянд.



*Заминҳои фермерӣ дар Олмон*

Маро аз банди тамошои ин манзараҳои зебою дилнишин овози ҷарангосии роҳбаладу тайёра раҳо кард. Ӯ аз мусофирон хоҳиш намуд, ки тасмаҳоро банданд, зеро тайёраи мо ба фурудгоҳи шаҳри Мюнхен мефарояд. Расо соати сею сӣ дакиқа тайёра ба фурудгоҳи ин шаҳри овозадор фаромад. Ба гирду атрофи фурудгоҳ дида дӯхтам. Ҳама чо бароям ношинос. Навиштаҷотҳои ҳар ҷо-ҳар ҷо ба назар расида, ҳам бароям бегона менамуданд. Лаҳзае худамро аз ватан дур ҳисобида, дар чашмонам беихтиёр ашк ҳалқа зад.

– Сафар Саидович, чаро истодаӣ, биё ман шуморо то баромадгоҳ гусел кунам. Борхалтаатон вазнин аст, – гуфтани Маҳмадӣ Абраев маро аз ин лаҳзаи ногувор раҳо намуд.

– Тайёраи шумо ба Берлин кай парвоз мекунад? – пурсидам аз Маҳмадӣ.

– Баъди ним соат, – ҷавоб дод Абраев ва борхалтаҳои маро дукаса гирифта сӯи баромадгоҳ раҳсипор гардидем. Дар баромадгоҳ ҳангоми санҷиш нозирон аз ман пурсиданд. – Дар борхалтаатон чӣ доред?

Ман бо хоҳиши Магдалена ва писараш нони хонагии тоҷикӣ савғо гирифта будам, гуфтам, ки дар борхалта нон дорам. Ҳамаи онҳо хандида, гуфтанд, ки магар дар Олмон нон нест, ки аз Тоҷикистон ҳамроҳатон нон овардаед.

– Медонам, ки дар мамлакати Шумо ҳама чиз, аз ҷумла нон фаровон аст. Вале нони тоҷикӣ ниҳоят бомазза мебошад, – посух додам ман.

Баъди ин суханон онҳо хоҳиш намуданд, ки борхалтаамро кушоям. Розӣ шуда, борхалтаро кушодам. Ба димоғашон бӯи муаттари нони бомазза расид. Хеле хушҳол гардиданд ва хоҳиш намуданд, ки барояшон нонеро ҳадя намоям. Хоҳишашонро ба ҷо овардам ва онҳо маро бо лабони пуртабассум гусел намуданд. Дар фурудгоҳ бо Маҳмадӣ, Насимҷон ва боз ду-се нафаре, ки дар тайёра шиносоӣ пайдо намуда будем хайру манзур намудам.

Берун баромада, дар рӯ ба рӯям Магдаленаро дидам. Ӯ бо ҳамроҳии писару наберааш ба истиқболи ман омадаанд. Сӯи Магдалена синчакорона чашм дӯхтам. Хеле дигаргун шудааст. Вале чи илоҷ. Умр даргузар аст. Бо гузашти солҳо ҳама кас пиру қоматхамида мегарданд. Ҳамин лаҳза ду мисраи шеъри

шоири ширинкалом Камоли Сӯфиён, ба ёдам омад ки гуфтааст:

*Кош умри равон ба шодкомӣ гузарад,*
*Дар кори накӯву некномӣ гузарад.*
*Сад ҳайф,ки умру зиндагонии касе*
*Дар ҷоодаи ғурбату ғуломӣ гузарад.*

Магдалена ба назарам зани солхӯрдае вонамуд гардид. Беихтиёр солҳои ҷавонии ӯ, ки ҳамроҳам дар кумитаи иҷроияи шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Румӣ) кор мекард, пеши назарам ҷилвагар гардид. Қаду қомати зебо, лабони пуртабассум, чеҳраи кушод ва ширинсухан буд Магдалена. Мӯи буридааш хеле ба ӯ мезебид, либоспӯшиаш ҳам аз дигарон фарқ дошт. Имрӯз бошад ӯро қариб, ки намешинохтам.

– Хуш омадед, Сафар Саидович, – гуфтани Магдалена маро аз банди хаёлот раҳо намуд. Ӯ ҳам сӯи ман дида дӯхта ғайричашмдошт пурсид:

– Сафар Саидович, чаро худро ин қадар тез пир кардед?

– Магдаленаҷон, – гуфтам дар ҷавоб, – дар айёми пиронсолӣ хеле азоб кашидам. Ба касалии дил гирифтор шудам. Дар шаҳри Санкт-Петербург ҷарроҳиям намуданд. Нав худро каме беҳтару солимтар ҳис мекунам, – гуфтам ман.

Писараш Андрей, ки зодаи ноҳияи Колхозобод буд ва ҳоло 29-сола аст, бо ман хеле самимӣ вохӯрӣ намуд. Ба чеҳраи зебо ва симои тоҷикмонанди Андрей дида дӯхтам, ҳавасам омад. Мӯи сараш аз нисф зиёд рехтааст. Вале ҳусни ӯро тағйир надодааст.

Ман рамуз гирифта рӯ ба Магдалена оварда гуфтам:

– Андрейро чи хел нигоҳубин намудӣ, ки дар ин синну сол мӯйсараш рехтааст. Дар синну соли ӯ мӯйсари ман ду-се шонаро мешикаст.

– Охир авлоди Андрей ҳама синну солашон, ки каме рафт, ҳамин хел мӯйсарашон мерезад, – гуфт дар ҷавоб Магдалена.




*Магдалена, Неля ва Андрей дар рӯзи тӯйи Комилҷон, 1990*

– Сафар Саидович биё меравем. Сӯҳбатамонро дар хона идома медиҳем, – таклиф намуд Магдалена ва маро сӯи мошинааш ҳидоят намуд. Хонаи ӯ аз фурудгох дар масофаи 130 километр дар шаҳрчаи Гун-

сенхаузен воқеъ будааст. Мошин ба роҳ баромад. Магдалена онро моҳирона меронад. Роҳҳо ҳама чун оина тахту ҳамвор буда, пурра ҷавобгӯи талаботҳои стандартӣ будаанд, Мошина бо суръати 140 километр соат пеш мерафт, вале ҳис намекардем, ки дар ҳақиқат чунин бошад. Инак ман ба малакати Олмон омадам. Ман дар бораи мамлакати Олмон ахбороти зиёд дорам ва мехоҳам ба хонанда пешкаш намоям:





*Парчам ва нишони Олмон*




*Заминҳои Олмон*

| № | Номи Замин | Пойтахти Замин | Номи немисии Замин | Номи немисии пойтахти Замин |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Баден-Вюртемберг | Штутгарт | Baden-Württemberg | Stuttgart |
| 2 | Далати озоди Бавария | Мюнхен | Freistaat Bayern | München |
| 3 | Берлин | Берлин | Berlin | Berlin |
| 4 | Бранденбург | Потсдам | Brandenburg | Potsdam |
| 5 | Шаҳри озоди Бремен | Бремен | Freie Hansestadt Bremen | Bremen |
| 6 | Шаҳри озоди ганзейии Гамбург | Гамбург | Freie und Hansestadt Hamburg | Hamburg |
| 7 | Гессен | Висбаден | Hessen | Wiesbaden |
| 8 | Мекленбург – Померания | Шверин | Mecklenburg - Vorpommern | Schwerin |
| 9 | Саксонияи поён | Ганновер | Niedersachsen | Hannover |
| 10 | Рейн-Вестфалияи шимолӣ | Дюссельдорф | Nordrhein-Westfalen | Düsseldorf |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 11 | Рейнланд-Пфалтс | Майнс | Rheinland-Pfalz | Mainz |
| 12 | Саар | Саар-брюккен | Saarland | Saarbrüc-ken |
| 13 | Давлати озоди Саксония | Дрезден | Freistaat Sachsen | Dresden |
| 14 | Саксония-Анхальт | Магде-бург | Sachsen-Anhalt | Magdebur g |
| 15 | Шлезвиг-Гольш-тейн | Кил | Schleswig-Holstein | Kiel |
| 16 | Давлати озоди Тю-рингия | Эрфурт | Freistaat Thüringen | Erfurt |

Германия — мамлакати федеративӣ буда, аз 16 субъектҳои баробарҳуқуқ иборат мебошад, ки онҳоро «Замин»-ҳо меноманд ва аз инҳо сетоаш шаҳрҳо (Берлин, Бремен ва Гамбург) мебошанд.

Заминҳо ба 438 ноҳияҳо ва шаҳрҳо(нем. Kreis), ноҳияҳо ба обшинаҳо (gemeinde) ва шаҳрҳо(stadt), шаҳрҳо ба музофотҳои шаҳрӣ (stadtbezirk)ҷудо мешаванд.

Дар қаламрави Олмон дарёҳои зиёд ҷорӣ мешаванд, ки калонтаринашон Рейн, Дунай, Эльба, Везер ва Одер мебошанд. Ин дарёҳо бо ҳамдигар ба каналҳо пайваст шудаанд. Канали калонтарини Олмон Кил мебошад, ки баҳри шимолиро бо баҳри Балтик мепайвандад. Кӯли калонтарини Олмон кули Боден мебошад, ки 540 $м^2$ масоҳат ва 250 метр чуқурӣ дорад. Обу ҳавои Олмон муътадил нест. Дар миёнаи тобистон ҳаво гарм ва офтобӣ аст ва рӯзи дигар як-

бора борон борида, ҳаво хунук мешавад. Аз ҷиҳати ҳодисаҳои табиӣ (заминҷунбӣ, хушксолӣ, тӯфонҳо, хунукӣ ва гармиҳои сахт) табиати Олмон муътадил мебошад. Дар Олмон ягон бор заминҷунбии сахт ба қайд гирифта нашудааст. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳи июл +16 то +22, дар моҳи январ +2 то −5 дараҷа мебошад.

Дар Олмон соҳаи кишоварзӣ ба дараҷаи баланд тараққӣ кардааст. 70% истеҳсолоти кишоварзиро маҳсулоти чорво дар бар мегирад. Хӯроки чорво нисбат ба дигар маҳсулоти хурокворӣ зиёд кишт карда мешавад.

Шаҳрҳои зебои Олмон Мюнхейн ва Нюренбург ба заминҳои Бавария мансубанд.

Аз тирезаи мошин ба табиати зебои ин диёр дида дӯхта ба мардуми заҳматкашаш аҳсан мехондам. Дар ду тарафи роҳ хонаҳои замонавии 2-3 ошёна, ки болояшон бо сафолак пӯшонида шудаанд ба назар хеле зебо менамоянд. Дар Олмон болопӯши хонаҳоро умуман шиферпӯш намекунанд. Сабабашро аз Магдалена пурсон шудам.

– Сафар Саидович – гуфт ӯ, – мегӯянд, ки шиферҳои оддӣ дар таркибашон хокаҳое доранд, ки ба организми инсон зарар меоваранд. Аз ҳамин сабаб роҳбарияти Олмон истифодаи онро манъ намудааст.

Ба ростӣ тозагию озодагии шаҳру деҳоти мамлакати Олмон ба ҳар таъриф меарзад. Пеши ҳама биноҳои истиқоматӣ ҳамеша гулрезу сабзапӯш ҳатто хасу хошоке ба назар намерасад.

Бояд ёдовар шавам, ки дар Олмон шаҳрҳо майда бошанд ҳам, вале хеле зебою дилрабо ба назар мерасанд. Аксарияти онҳо аз 10 то 60 ҳазор нафар аҳолӣ доранд. Ман фикр мекунам, ки дар ҳама ҷо кори

фермерҳои калону хурди олмонӣ шоёни таҳсин ва таҷрибаашон қобили қабул мебошад.

Аксарияти фермерҳои олмонӣ аз 20 то 30 сар чорвои калони шохдор, ҳамин қадар хук, то 150 сар мурғ доранд. Барои нигоҳубин намудани чорвою парранда онҳо тамоми шароитҳоро фароҳам овардаанд. Ҳамзамон аз заминҳои дар ихтиёрашон буда, хеле самаранок истифода мебаранд. Пешравии онҳо дар он аст, ки ҳамаи фермерҳои хурду калон дорои тамоми намудҳои техникаи соддаи кишоварзӣ мебошанд ва ҳамаи тадбирҳои фаровонҳосилиро сари вақт меандешанд. Сафари мо ба Олмон дар моҳи май рост омада буд, ҳамаи киштзорҳои фермерҳо сабзапӯш буда, аз ҳосили фаровон дарак медоданд. Муваффақият дар он аст, ки онҳо пеш аз ҷамъоварии ҳосил бо корхонаҳо ва соҳибкорон шартнома баста, маҳсулоти истеҳсолшударо дар асоси он ба фурӯш мебароранд. Даромади яксолаи фермерҳои хурд қариб 150 ҳазор евроро ташкил медиҳад.

Раҳораҳ кору фаъолияти фермерҳои олмониро бо фермерҳои Тоҷикистои муқоиса намудам. Аз замин то осмон фарқ мекунад. Дар сарзамини зархези мо заминҳоро самаранок истифода намебаранд. Як қаторашон ҳатто ягон сар чорво надоранд.Аз техникаҳои хоҷагии қишлоқ танқисӣ мекашанд. Ба чашм дидам, ки олмониҳои аз Тоҷикистон кӯч баста, зиндагии шоҳона доранд.

Баъзеашон ҳатто соҳиби фермаҳо ва чорвои зиёд мебошанд.

Пеш аз он, ки ба шаҳрчаи Гунсенхаузен равон гардем Магдалена пешниҳод намуд, ки шаҳрчаи қадимаи Олмон Нюренбергро тамошо намуда, хӯроки нисфирӯзи мехӯрем.

– Ба ин шумо чи мегӯед Сафар Саидович? – рӯ ба ман оварда гуфт Магдалена.

– Ман дар мамлакати Шумо меҳмонам ва ҳамаи таклифҳоятро қабул мекунам, – гуфтам дар ҷавоб ман.

Шаҳри Нюренбург дар ҳакикат шаҳри зебою дилоро буда, аз шаҳри Гунсенхаузен 60 километр наздиктар ҷойгир будааст. Ин масофаро мо дар муҳлати ним соат тай намудем. Дохили шаҳрчаи Гунсенхаузен гардидем. Тозагию озодагии он ҳаваси касро меоварад.

Баъди чанде, – ана Сафар Саидов расидем, – гуфт Магдалена.

Моро то хона Андрей ва писараш Даниел гусел намуда, ваъда доданд, ки пагоҳ албатта меоянд. Баъди парвози дуру дароз хеле ҳам монда шуда, аъзои баданам ба дард даромада буд. Дар ҳаётам боре ҳам ба дарди сар гирифтор нашуда будам. Мумкин, аз иваз намудани иқлим дарди сарам ҳам пайдо шуд. Аз рӯи гуфтаи Магдалена вақти ин ҷо чор соат нисбат ба вақти Тоҷикистон фарқият доштааст. Агар дар Тоҷикистон соат нуҳ бошад дар Олмон соат панҷи саҳар мешавад.

На ҳар кас дар ҷойи бегона бароҳат хоб меравад. Аз ҷумла шаби аввал қариб, ки чашм напӯшидам. Танҳо соати чори саҳар хобам омад.

Ҳавои шаҳри Гунсенхаузен муътадил буда, ҳаво дар моҳи май то 15 дараҷа гарм мешавад. Як рӯз баъд, борон меборад. Аз ҳамин сабаб намнокӣ зиёд буда, заминҳои киштбобро сунъӣ об намемонанд.

Аз рӯи нақли олмониҳо агар ҳаво 25-30 дараҷа гарм шавад, нафаскашӣ тамоман вазнин мегардад.

Хушбахтона рӯзи дигар худамро каме беҳтар ҳис намуда, аз хоб бедор шудам.

Магдалена барои ман хӯрокҳои олмонӣ тайёр намуда, дастурхони пурнозу неъмат ороста буд. Солҳои дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Румӣ) кору зиндагӣ карданаш ҳам кадбонуи беҳтарин ба ҳисоб мерафт. Барои меҳмононе, ки ба ноҳия ташриф меоварданд хӯрокпазию оростани дастурхонро ба зиммаи ӯ мегузоштам ва боре ҳам маро дар хиҷолат намонда буд.

Сари дастурхон нишастем, ки соати 12-и рӯз духтари калонии Магдалена Неля бо се фарзанд ва шавҳараш аз омадани ман хабардор шуда, ба хона даромаданд. Неляро ман аз кӯдакиаш мешиносам. Ӯ ниҳоят духтари оқилу доно буд. Дар мактаб бо баҳои аъло таҳсил менамуд. Ҳама вақт ҳангоми қабулкунии меҳмонҳои ноҳия дастёри модараш буд. Неля 15 сол пештар ҳамроҳи шавҳараш ба Олмон кӯчида буданд. Вале фаҳмидам, ки аз шавҳари аввалаш ҷудо гардида, бо олмонии муқим Маркус хонадор шудааст. Ҳоло онҳо умри хушбахтона ба сар бурда навакак соҳиби писарчаи дӯстрӯяк гардиданд. Дар ҳақиқат Маркус ҷавони хушқаду қомати зебо ва ниҳоят ҳалиму меҳрубон будааст. Аз Неля дида ӯ писарчаи навзодашро зиёдтар нигоҳубин ва меҳрубонӣ менамуд.

Неля баробари маро дидаи дар лабонаш табассуми ширин гул кард, маро сахт ба оғӯш гирифта аз хурсандӣ ҳарфе намезад. Падарвор аз пешонааш бӯсида, фарзандонашро як ба як ба оғӯш гирифтам.

Худи ҳамон рӯз Андрей бо зану фарзандон ва хусураш, марди итолиёвӣ Марио, ки хешу дӯсти наздики Магдалена ба ҳисоб меравад ба хотири ман ба

меҳмонӣ омаданд.

Суҳбатамон сари дастурхон хеле тафсид. Ҳамаашон ҳалиму меҳрубон ва суҳбаторо буданд. Магдалена барои меҳмонон шӯрбои тоҷикӣ ва оши палов пухта, пеши ҳар кас гузошт. Ман аз рӯи ҳурмату эҳтиром шӯхиомезона ба Магдалена рӯ оварда гуфтам.

– Магда, ҳоло хам пӯхтани хӯрокҳои тоҷикиро аз ёд набаровардаӣ? Солҳои дар Тоҷикистон кору зиндагӣ карданат меҳмонони ноҳия аз бомазагии онҳо баъзан ангушт мегазиданд. Ҳоло мебинам, имрӯз маззаашон чи хел аъло аст.

– Сафар Саидович, ман солҳои зиёд шуморо мешиносам. Фақат камбудӣ мекобед. Бовари дорам, ки хӯрокҳои ба шарофати шумо пухтаам, аз солҳои пеш камӣ надоранд, – гуфт дар ҷавоб ӯ.

Дар хақиқат, хӯрокҳои пухтааш хушлаззат буданд. Меҳмонон бо иштиҳо хӯрок хӯрда, иловагӣ пурсиданд. Аз рӯи ҳурмат ман сад грамм арақи русӣ нӯшида, меҳмононро ҳам даъват намудам, ки як қадаҳӣ бардоранд. Арақнӯшии онҳо ҳам меъёр дорад. Касе аз меъёри ба худаш қабулшуда зиёд наменӯшад. Вале он рӯз онҳо ба хотири ман арақро бо коняк омехта намуда, аз таҳти дил нӯши ҷон намуданд. Меҳмонон то соати 6-и бегоҳ нишаста, бо мо хайрухуш карданд.

Дар Олмон ҳамаи оилаҳо мошинаи сабукрави шахсӣ доранд. Ба ҷойи кор танҳо бо мошини шахсии худ мераванд. Фақат як мушкилот аст, ки нархи сӯзишворӣ гарон мебошад. Шароити зиндагии аҳолӣ низ бинобар сабаби қимат будани ҳама молу мавод қадре вазнин мебошад.

Магдалена нақл намуд, ки як қатор одамон аз бе-

навоию камбағалӣ ва рӯзгори вазнин ба худкушӣ даст мезананд ё аҳли оилаашонро нобуд месозанд. Дар ҳақиқат мардуми зиёди тамоми олам, ки дар Олмон меҳмон нашудаанд хаёл мекунанд, ки ҳаёти сокинони ин мамлакати тараққикардаи чаҳон биҳиштосо мебошад.

Баръакс, ба доди шахси бекор дар ин ҷо касе намерасад. Бо маоши кам низ зиндагии хуб карда намешавад. Аз ҳамин сабаб ҳама ҷойи кори сердаромад ҷустуҷӯ менамоянд. Оби нӯшокӣ ҳам камчин мебошад. Ҳатто дар деҳаҳо обро сарфакорона истифода бурда, дар ҳамаи ҳавлиҳо обченкунакҳо васл карда шудаанд. Супоридани маблағи истифодаи об ба воситаи компютерҳо назорат карда мешавад. Дар он шабу рӯз Магдалена аз ҷойи кораш 700 эвро маош мегирифт. Аз ин миқдор 360 эвро танҳо барои иҷорапулӣ месупорид. Барои оби гарм, андози роҳ, мошин, телевизион пардохт менамуд. Ҳар моҳ барои телефони хона 15 евро ва радио 10 евро маблағ месупорид. Барои хӯрока ва пӯшока танҳо 150-200 евро боқӣ мемонд, ки ин барои рӯзғор ниҳоят кам мебошад.

– Магдаленаро боре пурсидам, ки бо чунин маоши кам чи тавр зиндагӣ мекунед?

– Илоҷе мекунам Сафар Саидович, – гуфт ӯ дар ҷавоб.

– Охир, дар ҳамин шаҳрчаи шумо тамоми молу мавод ва ашёи рӯзғор ниҳоят қимат мебошад. Оё метавон бо ин маош зиндагиро таъмин кард, – пурсон шудам аз ӯ.

– Сафар Саидович, дар оилае, ки яке аз аъзои он соҳиби кор мебошад ва маошашро сарфакорона ис-

тифода мебарад, талаботи зиндагиро таъмин карда метавонад, – гуфт Магдалена ва илова намуд. – Дар Олмон дар аксарияти шаҳрҳо мардум бо ҳамин маош зиндагонӣ менамоянд. Вой бар ҳоли бекороне, ки шабро дар таҳхонаю болохонаҳо мегузаронанд.

Аз ин ҷавоби Магдалена қаноатманд гардида ман дигар саволе надодам.

Мо ба сайругашти кӯчаҳои шаҳри Гунсенхаузен баромадем. Сайругашт намуда, ба сару либоси сокинонаш аҳамият додам. Онҳо сару либоси оддӣ мепӯшиданд. Марду зан шимҳои намуди ҷинс, либосҳои оддии пахтагин ба тан доранд. Дар ягон ҷо бо шахсони либосҳои расмӣ, шиму костюму галстукдор вонахӯрдам. Аҷибаш он аст, ки кори хариди ашёҳои рӯзғор танҳо ба зиммаи занҳо вогузор карда шудааст.

Рӯзи 10 май пагоҳӣ Магдалена баъди наҳорӣ ба ман рӯ оварда гуфт:



*Гунсенхаузен (нем. Gunzenhausen) — шаҳрча дар Олмон замини Бавария. Аҳолиаш 16 ҳазор нафар. Масоҳаташ 82,73 км$^2$.*



*Гунсенхаузен*

– Сафар Саидович агар хоҳишатон бошад, биёед имрӯз ба тамошои шаҳри Нюренберг меравем.

– Магда, агар бовар намоӣ ҳоло ҳам хастагиам набаромадааст, намешавад ин таклифро ба рӯзи дигар монем, – гуфтам ман.

– Шумо Сафар Саидович меҳмонед ва чи хеле, ки ба шумо маъқул бошад мо бо ҷону дил розием. Вале мақоли хуби тоҷикон «Кори имрӯзро ба фардо магузор» – ро ёдовар шуда, аз рӯи нақшаи ман, мо бояд имрӯз сафари ин шаҳр намоем, – гуфт Магдалена.

– Агар махфӣ набошад, нақшаи сафарамонро мегуфтӣ хеле хуб мешуд, – гуфтам дар ҷавоб.

Шумо Сафар Саидович солҳои зиёд роҳбар будеду аз мо зердастон касеро намеранҷондед. Доимо шеъри яке аз шоирони ширинсухани тоҷикро такрор мекардед, ки хуб фармудааст:

*Дили зердастон набояд шикаст,*
*Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст.*

Шумо, ки дар давраи роҳбариатон дили касеро наранҷонида, танҳо дил ба даст овардаед, ҳамаи олмониҳои дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Румӣ) таваллуд шудаю истиқомат намуда, омадanatонро шунида, хеле шод гардиданд. Медонам, ки аксарияташон шуморо ба меҳмонӣ даъват меиамоянд. Шаҳри Нюренбург зеботарин ва ободтарин шаҳри Олмон ба ҳисоб меравад. Мағозаҳои гуногуни либосҳои мардона дорад. Барои шумо либосҳои сабуки хонапӯшӣ мехарем, то ки ба меҳмонӣ рафта бароҳат истироҳат намоед. Ба замми ин шаҳрро бори дигар беҳтар тамошо менамоем – гуфт Магдалена.

– Ман ин якравии туро барвақт медонам, бо далелҳои гуногун фикратро мегузаронӣ.

– Майлаш ман ҳозир, омода мешавам меравем, – гуфтам дар ҷавоб.

Нюрнберг шаҳри калон буда, дар он тақрибан ним миллион аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Дар майдонҳои шаҳр муҷассамаҳо ва фавораҳои зиёд вуҷуд доранд. Дар майдони марказии шаҳр фавора бо ҳайкалчаҳо ва нақшу нигори куҳан вуҷуд дорад, ки ба гуфти мардуми инҷо 600-сола мебошад. Боғи ҳайвоноти Нюрнберг ба шуниди ман беҳтарин дар аврупо мебошад, ки зиёда аз 2000 намуди ҳайвонот дар ин ҷо иқомат мекунанд. Дар ин боғ барои ҳар як намуди ҳайвонот бо шароити маҳали зисташ шароит фароҳам оварда шудааст. Аз рӯи ҳикоятҳо Нюрнберг ҳанӯз дар давраҳои Рими қадим ба вуҷуд омадааст. Аввал номи ин шаҳр "Нуоренберк" (куҳи сангин) бу-

дааст.




*Майдони асосии шаҳр*



*Боғи миллии Мариенберг*



*Людвигштрассе*

Боз ман маълумот гирифтам, ки соли 2008 дар ин шаҳр нависандаи бузурги қирғиз Чингиз Айтматов аз олам чашм пӯшидааст.

Шаҳри Нюрнберг аз рӯи як ҳодисаи таърихӣ ба тамоми ҷаҳон муаррифӣ гаштааст. Беихтиёр китоби мутолиа намудаам бо номи «Мурофиаи Суди Нюрнберг» ба ёдам омад.

Китоб дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани фашистони гитлерӣ нақл менамояд. Аз ин сабаб ба таъриху шароити имрӯзаи ин шаҳр таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудам. Ман ба варзишгоҳе, ки Гитлер ва дигар саркардагони фашистӣ парадҳои ҳарбӣ мегузарониданд рафтам. Ман ба болои минбаре, ки аз он ҷо Гитлер баромад мекард баромадам. Ман меҳоҳам аз ахбороте, ки нисбат ба «Мурофиаи Суди Нюрнберг» дорам ба хонанда каме маълумот диҳам.

4-11 феврали соли 1945 сарони давлатҳои ИҶШС, ИМА ва Британияи Кабир, Сталин, Рузвелт ва Черчил дар конференсияи Ялта масъалаи баъди ғалаба ҷазо додани саркардаҳои Германияи фашистиро дида баромаданд. Черчил гуфт, ки онҳоро дастгир карда даррав парронда лозим аст. Сталин бошад гуфт, ки онҳоро бо мурофиаи судӣ ҳамчун ҷинояткор ҳукм намудан лозим аст. Рузвелт ба ин таклиф розӣ шуда илова намуд, ки иштироки воситаҳои иттилоот дар ин мурофиа шарт нест. Ҳамин тавр баъдтар трибунали ҳарбӣ ташкил карда шуд, ки ҳамаи ҷинояткории Германияи фашистиро ошкор намуд.

Моҳи августи соли 1945 дар Нюрнберг трибунали байналхалқии ҳарбӣ ба ҷинояткорони фашистӣ чунин ҳукм баровард:

Балдур фон Ширах ва Алберт Шпеерро ба муҳлати 20 сол, Вильгелм Фрик, Юлиус Штрайхер, Фриц Заукел, Артур Зейсс-Инкварт, Мартин Борман ( ғоибона) ва Алфред Йодлро якумра, Рудолф Гесс, Валтер Функ, Эрих Редерро ба 20 сол аз озодӣ маҳрум намуд.



*Мурофиаи трибунали ҳарбӣ дар Нюрнберг*

Герман Геринг, Иоахим фон Риббентроп, Вилгелм Кейтел, Эрнст Калтенбруннер, Алфред Розенберг ва Ганс Франк ба қатл маҳкум гардиданд.

Константин фон Нейрат ба 15 сол , Карла Дёнинтс ба 10 сол аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Дигар ҷинояткорони фашистӣ низ ҷазои худро гирифтанд.

Ҳукми қатл шаби 16 октябри соли 1946 дар толори варзишии ҳабсхонаи Нюрнберг ба ҷо оварда шуд.

Геринг пеш аз қатл ба воситаи занаш заҳр гирифта худкушӣ намуд. Ҳукми қатлро ҳарбиёни амрикоӣ ба ҷо оварданд. Дар ин ҷо нависандаи советӣ Борис Полевой низ иштирок дошт ва дар ёддоштҳояш чунин навишта буд:

«Ба назди дор рафта бисёре аз маҳкумшудагон худро ба даст мегирифтанд. Ҳамаи онҳо ба ғайр аз Розенберг сухани охирин гуфтанд. Онҳоро якто-якто ба дор меовехтанд. Вақте як маҳкумшуда дар банди дор ҷон меканд, маҳкумшудаи дигарро медароварданд. Дар охир, тани беҷони Герингро ба зал оварда ба назди дор гузоштанд, ки ҳама ба мурдани ӯ боварӣ ҳосил кунанд. Баъд мурдаҳоро қатор хобонданд ва аъзоёни комиссия марги онҳоро тасдиқ намуда имзо гузоштанд. Баъд мурдаҳоро ки ёздаҳ тан буданд, ба крематория бурда сӯзонданд ва хокистари онҳоро аз самолёт пошиданд. Ҷинояткорони фашистӣ, ки даҳҳо миллион мардумро нест у нобуд карда буданд ҷазои сазоворро гирифтанд».

Дигар ҷинояткорон дар ҳабсхонаи Берлин муҳлати ҷазоро мегузарониданд. Баъди 20 сол Шпеер ва Ширах ба озодӣ баромаданд. 17 августи соли 1987 тани дар ҳабсхона овехтаи Гессро ёфтанд.

Инак ман дар чунин шаҳри таърихӣ сайругашт мекунам. Аксарияти биноҳои истиқоматӣ 2-4 ошёна мебошанд. Биноҳои бисёрошёна аҳён – аҳён ба чашм мерасанд. Аксарияти биноҳое, ки то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ сохта шуда буданд ба талаботҳои меъморию шаҳрсозӣ ҷавоб намедиҳанд. Аз ҳамин сабаб ин биноҳоро аз байн бурда, аз нав дар асоси талаботҳои меъморию шаҳрсозӣ замонавӣ сохта истодаанд. Мо ба мағозаҳои шаҳр даромадем. Дар ҳақиқат онҳо аз молу маводи хӯрокӣ пурра таъмин

мебошанд. Тамоми намудҳои маводи хурокию, меваҷот дар қуттиҳои зебо гузошта шудаанд, ки диққати ҳар харидорро ба худ ҷалб менамоянд. Маданияти хизматрасонӣ низ ниҳоят баланд мебошад. Дар назди мағоза аробачаҳои хизматӣ гузошта шудаанд, ки ҳар харидор аз онҳо истифода мебарад. Хизматаш ҳам маблағи ночизро ташкил медиҳад.

Барои олмониҳо вақт қимати калон дорад. Онҳо ҳама корро дар муҳлати муайяншуда ба ҷо меоранд. Муомилаю рафторашон чун дигар мардумони ҳархела мебошад.

Мушоҳида намудам, ки як қатор олмониҳои аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кӯчида, рафторҳои ношоиста доранд, вале на ҳама. Ман дар ин ҷо бо Петкау, ки солҳои дароз дар калонаи сайёри механиконидашудаи байни колхозҳои ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷ.Румӣ) дар вазифаи устои сохтмон кор мекард вохӯрдам. Ӯ марди чусту чолок, устои касби худ буда, солҳои 1990 ба Олмон кӯч баста буд. Марди корчалон, ки будааст дар ҷойи зебоманзараи хушбоду ҳаво, миёни ҷангалзор хона обод намудааст. Ҳоло тамоми шароитҳои зиндагии рӯзғорро доро мебошад.

Дар суҳбат бо аксарияти онҳое, ки аз Тоҷикистон кӯч бастаанд мушоҳида намудам, ки онҳо орзуи ба диёри афсонавии мо баргаштанро дар дил мепарваранд.

Магдалена нақл намуд, ки модари 90-солааш то лаҳзаи охирини умраш орзуи дидори Тоҷикистони азизро мекард.

Аз мағозаҳои шаҳр дар баробари гирифтани либосҳои оддии хонапӯшӣ, ҳамчунин маводи хӯрокӣ

низ харидорӣ намудем. Нархи маводи хӯрокӣ беҳниҳоят дандоншикан мебошад. Маблағи хӯрокии якрӯзаи онҳо барои мардуми мо барои як моҳ басанда мебошад. Ба замми он, гӯшту нонашон мазза надорад. Онҳо бештар гӯшти хукро истеъмол менамоянд. Сабаби бемаззагии гӯшту меваҳоро аз як дӯсти Магдалена пурсидам.

– Сафар Саидович, – гуфт ӯ, – сабаби асосиаш дар он аст, ки ба ниҳолҳои мевадор ва хӯроки чорвою сабзавот химикатҳо ҳамроҳ менамоянд. Бубинед сабзӣ, қаламфури булғорӣ, картошка, пиёз ва ғайраҳо низ ҳаҷми калон доранд, вале мазза надоранд. Мардум ҳам аз кори фермерҳое, ки ба чунин амал даст мезананд норозӣ мебошанд.

Ман дар кӯчаҳо, занони калонҷусаеро вомехӯрдам, ки чунин одамонро дар Русияю Тоҷикистон боре надидаам. Сабаби фарбеҳии онҳо ҳам аз истеъмоли чунин хӯрокиҳои химикатдор мебошад.

Намуди имрӯзаи шаҳр таваҷҷуҳи ҳар касро ба худ ҷалб менамояд. Шаҳр ба якчанд ноҳияҳо ҷудо мешавад, ки ҳар кадомашон бургамистри худро доранд. Тозагию озодагии шаҳр ҳаваси касро меоварад. Дар ягон ҷо пашша, каламӯш ва ҳашароте ба назар намерасад. Қад-қади каналҳо барои ба роҳ набаромадани ҳашароту ҳайвонҳои обӣ хатти полиэтиленӣ гузаронида шудааст. Умуман дар ин шаҳр ба ҳифзи табиат диққати калон дода мешавад. Як бегоҳ ман аз Магдалена хоҳиш намудам, ки маро ба тамошои деҳаҳои Олмон барад, то ки бо зиндагии мардуми деҳот аз наздик шиносоӣ пайдо намоям.

– Бо ҷону дил Сафар Саидович ин хоҳишатонро ба ҷо меоварам. Пагоҳӣ ба якчанд деҳаҳои гирду атро-

фи шаҳр ба саёҳат меравем, – гуфт дар ҷавоб Магдалена.

Ба ҳолу аҳвол ва зиндагонии аҳолии якчанд деҳаҳо шинос гардидам. Шароиташон аз шаҳр фарқ намекунад. Ба ёдам яке аз вазифаҳои давраи коммунистӣ омад, ки бояд дар давраи «Коммунизм» тавофути байни шаҳру деҳот барҳам мехӯрд. Дар ин ҷо дидам, ки олмониҳо ин вазифаи давраи «Коммунизм»-ро ба амал овларданд. Дар ҳама деҳаҳо меҳмонхона, тарабхона, мағозаҳои барҳавои замонавӣ, супермаркетҳо қомат рост кардаанд. Мушкилӣ дар он аст, ки фермерҳо маҳсулоти истеҳсолкардаи худро саривақт ба фурӯш бароварда наметавонанд. Агар бароранд, ҳам онҳоро ниҳоят бо нархи арзон харидорӣ менамоянд. Ҳатто кор то ба ҷое мерасад, ки онҳо шири истеҳсол кардаашонро ба ҷуйбор мерезанд.

Душвории дигар он аст, ки сарватмандони қудратманд садди роҳи соҳибкорони миёна мешаванд. Бо қавле онҳоро мехӯранд.

Ин сатрҳоро иншо намуда, суханони 25 сол пеш аз даҳони раиси яке аз хоҷагиҳо, Чутбобо шунидаам ба ёдам омад ва беихтиёр табассум намудам.

– Сафар Саидович мебинем, ки имрӯз нисбат ба рӯзҳои дигар хушҳолтар менамоед, – хандаамро дида гуфт Магдалена.

– Суханони як раиси колхозро ба ёд оварда, хандаам омад, – гуфтам ман.

– Агар махфӣ набошад Сафар Саидович нақл кунед, ки мо ҳам шунавему баробари шумо ханда кунем, – гуфт Магдалена.

– Не, не махфӣ нест. Гӯш кунед, начакондаю нарезонда нақл мекунам, – гуфтам ва суханонамро идома

додам.

Аз намояндаи лақайҳои Куктош дар колхоз Чутбобо раис буд. Хушчақчақию ҳазлгуйиро дӯст медошт. Ман тавассути писари ӯ, ки дар совхози «Гулистон»-и ноҳияи Колхозобод муовини ман буд, якчанд маротиба бо Чутбобо ҳамсуҳбат шуда будам.

Ӯ дар замони Шуравӣ аз колхоз як гурӯҳ колхозчиёни пешқадамро ба шаҳри бостонии Самарқанд бо автобус ба тамошо мебарад. Дар сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон мехоҳад, шабро дар хонаи як нафар аз сокинони деҳа гузаронад. Яке аз ҳавлиҳоро интихоб намуда, аз соҳибхона барои шабро гузаронидан иҷозат мепурсад. Соҳибхона, ки ҷавонмарди кушодачеҳраю меҳмоннавоз буд, онҳоро бо табъи болида қабул менамояд. Сари дастурхон ӯ аз Чутбобо мепурсад, ки шумо аз кадом халқу миллат ҳастед.

– Мо лақай ҳастем ва дар Тоҷикистон кору истиқомат менамоем, – ҷавоб медиҳад Чутбобо.

– Мебахшед ака, ман ин халқиятро бори аввал мешунавам. Лақай гуфта кадом миллатро дар назар доред, – боз мепурсад, соҳибхона.

– Лақай ҳамин хел халқият мебошад, ки калонаш хурдашро хӯрда мегардад, – нимҷиддию нимшухӣ ҷавоб медиҳад Чутбобо.

Соҳибхона аз ин ҷавоб чизе нафаҳмида дар ҳайрат мемонад. Дигар ҳамсафарон, ки шӯхии Чутбобо борҳо шунидаанд аз таҳти дил механданд.

Магдалена ва Андрей, ки ба нақли ман бодиққат гӯш медоданд, хеле хандиданд.

Дар ҳақиқат ин қисса дуруст мебошад. Дар баъзе мамлакатҳо дар хуни мардум хислатҳои бади инсонӣ, аз ҷумла бахилӣ ҷой дорад. Баъзе ашхос баробари

вазифаи баландтар гирифтан, зуд худписанд мегарданд. Ё агар соҳиби каме боигарӣ шаванд, худашонро шоҳу таъбашонро вазир ҳисоб мекунанд. Дар ин ҳазлу шӯхии Чутбобо маънии чуқур ниҳон мебошад…

Дар ин сафар ба ростӣ бисёр чизҳоро омӯхтам. Бо яке аз фермерҳо ҳамсуҳбат шуда пурсидам:

– Шумо дар ихтиёратон чанд гектар замин доред?

– Як гектар, – ҷавоб дод ӯ

– Магар ин кам нест? – пурсидам, боз аз ӯ.

– Не, барои таъмини рӯзгори ахли оила ва дигар сарфҳо пурра мерасонад, – гуфт ӯ ва суханашро идома дод.

– Дар мамлакати мо агар аз замин самарабахш истифода бурда, тадбирҳои фаровонҳосилиро сари вақт биандешед як гектар замин 260 оиларо ҳам мехӯронад ва ҳам мепӯшонад.

Суханҳои ӯро шунида фермерҳои Точикистонро пеши назар овардам. Онҳо аз як гектар замин ҳатто рӯзгори оилаи худро пурра таъмин карда наметавонанд. Маҳсулоти истеҳсол кардаашон ба фурӯш нарафта, дар саҳро таги пойи чорво мемонад. Аксарияти зироатҳои кишоварзӣ бе нақша ва таваккалӣ кишт мешаванд.

Аз ҷумла, писари ман Комилҷон фермер мебошад. Соли 2002 нархи сабзӣ баланд шуда ба 1-1,5 сомонӣ расид. Аз ин рӯ, Комилҷон соли дигар дар майдони 2,5 гектар сабзӣ кишт намуд. Барои рӯёнидани ҳосили фаровон тадбирҳоро саривақт андешид. Шабу рӯз дар саҳро сари замини сабзӣ мегузаронд. Аз таҳти дил меҳнат менамуд ва дар дил ба худ мегуфт: – «Таги пул мемонам». Ҳамин буд, ки ҳосили фаровон ба

даст овард. Аз ҳар гектар 400 сентнерӣ ҳосил ба даст овард. Бинобар сабабе, ки мисли Комилҷон аксарияти фермерҳо сабзӣ кишт намуда буданд, нархи сабзӣ ниҳоят арзон гардид. Ӯ ҳатто хароҷоти кардаашро пӯшонида натавонист. Бештар аз 30 тоннаашро ба мардум ройгон тақсим намуд.

Чи тавре қайд намуда будам, кори фермерҳои олмонӣ тамоман дигар аст. Онҳо пешакӣ бо корхонаҳо шартнома баста, маҳсулоташонро сари вақт ба онҳо дастрас менамоянд. Кадом тарафе, ки шартномаро риоя накунад, ӯ ба маблағи калон ҷарима месупорад. Вале тавре, ки қайд намудам, сифати маҳсулотҳои кишоварзӣ, гӯшту шири истеҳсол намудаи онҳо ниҳоят паст мебошад. Борҳо Магдаленаро таъкид намудам, ки барои ман дигар гушту маҳсулоти ширӣ харидорӣ накунад. Ба Ватан-Тоҷикистони азиз, ки рафтам шикамсерӣ гӯшту шир ва нони бомаззаи тоҷикӣ хоҳам хӯрд. Маззаи меваю сабзавотҳояшон, аз қабили ангур, себ, шафтолу, тарбуз, харбуза, помидор, бодиринг ҳам паст буда, қариб ки мазза надоранд. Вале ба назар дар ҳама фасли сол тару тозаю дилрабо менамоянд,ки шеъри шоири ҳамдиёрам Камоли Сӯфиён ба ёд омад;

*Ҳастию руҳу равонам, эй Ватан,*
*Ҳам замин ҳам осмонам, эй Ватан.*
*Бе ту ҳеҷу бо ту бошам сарбаланд,*
*Бо ту бартар аз ҷаҳонам, эй Ватан.*

Қариб аксарияти хиёбону гулгаштҳои шаҳри Нюрнбергро тамошо намудем. Дар бозгашт Магдалена ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович ҳар вақте, ки ман ба шаҳри Нюрнберг биёям албатта ба зиёрати қабри модарам меравам. Агар шумо розӣ бошед ҳоло ба бозор даромада, гулҳои тару тоза ва шамъ гирифта ба зиёрат меравем.

– Чиҳо мегӯйӣ, Магдалена. Чаро ман розӣ набошам. Модаратро модарвор дӯст медоштам ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меовардам. Мо бояд пеш аз хона омадан ба зиёрати оромгоҳи ӯ мерафтем, – гуфтам дар ҷавоб.

Ба бозори шаҳр даромада, гул ва шамъ харидорӣ намуда, роҳ ба сӯйи қабристон гирифтем. Оромгоҳи модари Магдалена дар даромадгоҳи қабристон ҷойгир буд. Болои қабр гулҳои тару тоза гузошта шуда, дар як паҳлӯяш шамъ фурӯзон буд. Дар болои қабр соли таваллуд ва вафоти ӯ рӯйи санги мармар хеле зебо навишта шуда буд.



*Қабристон дар Нюрнберг*

Магдалена барои нигоҳубини оромгоҳи модараш бо зане шартнома бастааст. Ба ростӣ, қабристон хеле тозаю озода ва дар болои ҳамаи қабрҳо гулҳои тару тоза гузошта шуда, шамъҳо фурӯзон буданд. Ман аз дидаи худ дар ҳайрат мондам. Ҳолати маро Магдалена фаҳмида гуфт:

– Сафар Саидович ҳамаи қабристонҳои Олмон ҳамин хел тозаю озода мебошанд. Болои қабрҳо ҳар се рӯз гулҳои тару тоза гузошта, шамъ фурӯзон менамоянд.

– Ин кори хайрро киҳо ба ҷо меоранд? Охир ҳама ҷои кор доранд. Дар Олмон ҳама интизоми меҳнатро қатъӣ риоя мекунанд, – пурсидам боз аз ӯ.

– Ҳама чун ман занҳои бекорро ба ин кор ҷалб менамоянд. Дар охири моҳ аз рӯи шартнома ба ӯ маблағ медиҳанд, – гуфт Магдалена ва илова намуд. – Модарам пеш аз маргаш васият карда буданд, ки пас аз вафот шахсеро пайдо кунам, ки қабрашро тозаю озода нигоҳ дорад ва болои қабр гулҳои тару тоза гузорад. Ман ин васияташро бо ҷону дил иҷро карда истодаам. Дар сари қабр лаҳзае нишаста, ман аз рӯйи расму русуми тоҷикон ояте қироат намудам ва шеъри шоир Камоли Сӯфиёнро аз хотир гузарондам ки гуфтааст:

*Саҷда орам пеши поят модарам,*
*Мекунам дар дида ҷоят,модарам.*
*Боли парвозам диҳад дар зиндагӣ,*
*Нашъаи як каф дуоят, модарам.*

Беихтиёр қабристонҳои Точикистонро пеши назар овардам. Аз замин то осмон фарқ мекунанд. Ҳама гирду атроф ва болои қабрҳоро алафҳои бегона зер кардаанд. Баъзе фарзандон ҳатто оромгоҳи валидайни худро намедонанд. Ҳодисаҳои оташ задани алафҳои хушкшуда дар қабристонҳо ҷой доранд. Дар қабристон чорворо мечаронанд.

Ёд дорам, ҳангоми раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои ноҳияи Колхозобод буданам, борҳо оз роҳбарони идораю ташкилот ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва хоҷагиҳо таклиф ба амал меовардам, ки қабристонҳоро тозаю озода нигоҳ доранд. Вале бефоида буд. Танҳо ин кор дар ҳафтаи поси хотир ҳар сол ба хотири рӯзи Ғалаба гузаронида мешуд. Мардум ба ҳашар мебаромаданду қабристонҳоро тоза мекарданд. Ман ташаббус нишон дода

таклиф мекардам, ки атрофи қабристонҳо маҳкам карда шавад, то ин ки чорво ба қабристон надарояд. Барои ин ташаббусам маро тарғибгари дин ҳисоб намуда, аз болоям ба прокуратураи генералӣ шикоят карда буданд. Ман андеша дорам, ки чунин шахсон дину оин ва ҳисси миллӣ надоранд.

Дар қабристони шаҳри қадимаи Олмон бо чандин зиёраткунандагон ҳамсуҳбат шудам. Онҳо ҳам аз бобати он дунё, дузаху биҳишт сухан меронданд. Қариб сари ҳар қабр ду се нафар аз рӯйи расму русуми худ ба аёдати оромгоҳи волидайн ва хешу ақрабояшон меомаданд.

Ман дар ин ҷо як анъанаеро мушоҳида кардам, ки аз он хушам наомад. Фарзандон пеш аз вафоти падар ё модар дар дилхоҳ қабристон ба муддати аз 10 то 30 сол барои қабр замин мехаранд, ки ин маблағи калонро талаб менамояд. Агар соҳиби мурда заминро ба муҳлати 10-сол харидорӣ карда бошад ва вақташ ба охир расаду ӯ барои идомаи мӯҳлат маблағ надошта бошад, пас соҳиби замин ӯро хабардор менамояд, ки ҷойи қабрро холӣ намояд. Зеро ӯ ин ҷойро ба дигарон, ки имконияти пардохт намудани маблағро доранд, мефурӯшад. Агар соҳиби шахси фавтида дар қайди ҳаёт бошад маҷбур қабрро канда устухонҳои мурдаашро дар даруни ҷангал чуқур таги хок гӯр мекунад. Агар мурда соҳиб пайдо накунад, устухонҳояшро сӯхта хокистар менамоянд ва ҳамчун пору дар заминҳо истифода мебаранд. Аксарияти қабрҳоро то чуқурии се метр канда то се мурдаро болои ҳам гӯр мекунанд. Дар болои қабр дар санги мармарин ному насаби мурдаҳо навишта мешавад. Ман хеле хурсандам, ки ин анъанахои номатлуб дар байни мардуми

мусулмон қабул нагардидааст.

Ман сӯйи зиёраткунандагон, ки болои қабрҳо гулҳои тару тоза гузошта, гирду атрофро бо ғайрати зиёд тозаю озода менамуданд дида дӯхта, беихтиёр қабристони немисҳои ноҳияи Қумсангирро ба ёд овардам.

Соли 1983 буд. Магдалена ба назди ман бо табъи хира даромад.

– Сафар Саидович, – гуфт ӯ, – имшаб падарам ба хобам даромад. Медонам, ки ӯ нисбат ба ман меҳрубоние накардааст. Бо модарам низ зиндагии хуррамонае надошт. Вале ба хотири адои хизмати фарзандӣ, агар Шумо розӣ бошед, ба сари қабраш барои зиёрат меравам.

– Ту чиҳо мегӯӣ Магдалена, тоҷикон мақоли хубе доранд, ки агар падар хук шавад, фарзандон бояд хукбониаш бикунанд. Худи ҳозир меравем, – гуфтам ман.

Раҳораҳ аз Магдалена пурсидам, ки оё падаратро дар ёд дорӣ ва чаро нисбат ба ӯ дилсардона сухан мегӯйӣ.

– Каму беш дар ёд дорам, Сафар Саидович. Ӯ ҳамроҳи модарам дар фермаи ноҳияи Қумсангар кор мекард. Падарам аробакаш буду модарам говҷӯш. Аз руйи нақли модарам боре шабона (дар ҳолати мастӣ) бе розигии модарам падарам ба ӯ издивоҷ мекунаду ман таваллуд шудаам, – гуфт ӯ.

– Дар ҳар сурат ӯ охир падар буд ва ман ба хотири ҳамин бояд оромгоҳашро зиёрат намоям.

Вориди қабристон гардида, ангушти ҳайрат газидем. Бинобар сабаби он, ки атрофаш бо панҷара маҳкам нашуда буд, гову гӯсфандҳои зиёд болои

қабрҳо мечариданд. Гирду атрофи аксарияти қабрҳоро алафҳои бегона зер кардаанд.

– Мардум хуб беинсофанд. Ҳатто ба ҳамин мурдаҳои бечора ҳам раҳм накарда, дар оромгоҳ чорвои худро мечаронанд, – гуфтам худ ба худ. Бо азоби зиёде кофта-кофта болои қабре, ки дар тахтасанг навиштаҷоти Матвей дарҷ гардида буд дарёфтем.

– Ҳа, Сафар Саидович дар ёдам ҳаст, ки номи падарамро Матвей мегуфтанд, – гуфт Магдалена ва назди он нишаст. Дукаса болои қабрро аз алафҳои бегона тоза намуда, атрофашро об пошида тозаю озода намудем. Гулҳои овардаамонро болояш гузошта аз рӯйи расми олмониҳо паҳлуяш шамъ даргирондем. Мӯйсафеди нуронии роҳгузарро дида ба истикболаш шитофта, аз ӯ хоҳиш намудем, ки болои қабр ояте қироат намояд.

– Ба ҷону дил писарам, ин кори хайр аст, ҳам ман савоб мегираму ҳам шумо, – гуфт мӯйсафед.

Аз қабристон баромадаму оромгоҳи немисҳои ноҳияро, ки дар деҳаи «Пахтакор»-и ҷамоати деҳоти «Туғаланг» ба ёд овардам. Ҳамон солҳо дар ин деҳа оилаҳои зиёди немис кору зиндагонӣ менамуданд. Аксарияти устоҳои устохонаи колхози ба номи Ленинро намояндагони ҳамин миллат ташкил медоданд. Бояд иқрор шуд, ки панҷ панҷаашон ҳунар буд. Бисёрии колхозҳо дар ин айём техникаҳои хоҷагии қишлоқи худро дар устохонаи ҳамин хоҷагӣ таъмир карда, қисмҳои эҳтиётиро аз ин ҷо дастрас менамуданд.

Оромгоҳи немисҳои ин деҳа дар канори дарёи Қизилшӯр дар охири деҳа ҷойгир аст. Дар ёд дорам, ҳар

ҳафта онҳо аз рӯйи расми худ аз ҳар оила як-ду нафар барои тозаю озода намуданн қабристон сафарбар мешуданд. Баъд болои ҳар қабр гулҳои тару тоза гузошта, шамъ фурӯзон мекарданд. Аз ҳамин сабаб, оромгоҳи онҳо ҳамеша тозаю озода ба назар расида, аз қабристонҳои дигари ноҳия фарқ мекард.

Баъди ҷангҳои дохилии солҳои аввали навадуми асри гузашта, дар ин қабристон намояндагони дигар миллатҳоро низ ба хок месупориданд. Вале қабрҳо аз якдигар фарқи калон доранд. Аз рӯйи шунидам хешу табори немисҳое, ки дар ин қабристон ба хок супорида шудаанд, ҳоло ҳам барои тоза намудани оромгоҳҳои гузаштагонашон маблағ ирсол менамоянд.

Назди қабристони онҳо собиқ омӯзгори деҳаи мазкур Наботов Холмаҳмад хонаи истиқоматӣ сохтааст.

Ӯ нақл мекунад, ки дар ҳақиқат немисҳо нисбат ба гузаштагони худ хеле эҳтиром доранд. Боре бо Холмаҳмад сари роҳ назди хонааш ҳамсӯҳбат шудам. Аз ин ҷо сӯи қабристон назар андохтам. Дар ҳақиқат, ҳама қабрҳо тозаю озода ва навиштаҷоти онҳо равшан карда шуда буданд.

– Акаи Холмаҳмад, – пурсидам аз ӯ, – сабаби ин қадар тозаю озода будани қабристон дар чӣ мебошад? Охир, олмониҳо аз ин деҳа бист-сӣ сол пеш кӯч бастанд.

– Раис, – гуфт ӯ, – мардуми немис дар ҳақиқат мардуми баору номус мебошанд. Даҳ рӯз пеш наздикони онҳо, маблағ фиристода буданд. Рӯзҳои шанбею якшанбе ҳашар гузаронида, ҳамаи қабрҳо ва гирду атрофи оромгоҳро тозаю озода намудем.

Дар ҳақиқат ҳама чизро маблағ ҳал мекунад. Дар

ҷо-ҷои ин қабристон оромгоҳи намояндагони дигар миллатҳо ҷой гирифтаанд, ки болояшонро алафҳои бегона зер кардаанд. Ба андеша фуру рафтам. Дар ҳақиқат дар зиндагӣ одам ба чандин комёбию нокомиҳо ру ба ру мегардад. Як қатор шахсон зиндагонии хоксорона гузаронида, ба халқу Ватан софдилона хизмат менамоянд. Дигарон бошад боигарии зиёд доранду танҳо фикри оилаи худро мекунанд, ки онҳо аз ёди мардум зуд фаромӯш мегарданд. Ман боварии комил дорам, ки ин қабрхои вайронаи аз ёд баромада, ба ҳамин қабил одамон мансуб мебошанд.

Оромгоҳи собиқ раиси колхози «Коммунизм» (ҳоло Ниёзмуҳаммад Бегов), Ниёзмуҳамад Бегов ва собиқ котиби якуми кумитаи партиявии коммунистии ноҳия Сироҷиддин Исоевро ҳамеша гулҳои тару тоза зеб медиҳанд. Ин ду марди шариф умри пурбаракати худро танҳо ба хизмати халқу Ватани азиз бахшидаанд. Ҳамин аст, ки нимпайкараашон дар ҷойҳои намоёни ноҳия гузошта шуда, 100-солагии зодрӯзи Сироҷиддин Исоев ва 90-солагии Ниёзмуҳамад Бегов бо ташаббуси раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзалов ва раиси ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ Холов Амирулло Саъдуллоевич ва иштироки шахсони маъруфи ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

*Қадри пиронро бидонад аз ҷавонӣ кас, манол,*
*Дон, ки пирон низ айёми ҷавонӣ дидаанд.*

То нисфирӯзӣ хиёбону гулгаштҳои шаҳри Нюрнбергро тамошо карда ба роҳ баромадем. Миёни ин шаҳри зебои қадима ва шаҳрчаи Гунсенхаузен кано-

ри роҳ кулҳои калони сунъӣ ба чашм мерасад. Аз руи нақли Магдалена ин макон асосан истироҳатгоҳи тобистонаи шаҳрвандон мебошад. Онхо се моҳ июн, июл ва август хонаҳои истиқоматии деҳотиёнро бо нархи як шабонарӯз 40 эвро (240 сомонӣ) ба иҷора гирифта, бо аҳли оилаашон истироҳат менамоянд.

Мушохида намудам, ки дар Олмон нархи замин нисбати дигар мамлакатҳо баланд мебошад. Аз ҷумла агар барои сохтмони хонаи истиқомати 0,10 гектар замин харидори намои нархи он 35-40 ҳазор эвроро ташкил медиҳад. Ин нарх баланд буда, ба ҳар кас муяссар намегардад. Ҷангалзорони бешумори мамлакати Олмон шахсӣ буда, онҳоро ашхоси сарватманд аз худ намудаанд.

Рӯзи сеюми дар Олмон буданам, қадре хаста шудам. Беихтиёр, манзараҳои зебои Тоҷикистони азиз пеши назарам ҷилвагар мегардиданд. Дилам мехост пар пайдо кунаму сӯйи Ватан парвоз намоям. Магдалена ин ҳолати ногувори манро фаҳмида наздам омада меҳрубонона гуфт:

– Сафар Саидович мебинам, ки имрӯз ошуфтаҳол менамоед. Магар мо дӯстонат меҳмондориатонро ба ҷо наоварда истодаем.

– Не Магдаленаи меҳрубон, ман аз замин то осмон аз шумо розиам. Вақтхои охир ба бисёр шаҳру деҳаҳои Тоҷикистон ва Россия ба меҳмонӣ меравам. Вале чунин қадршиносии шумо аз ҳама боло. Хоҳиш мекунам ин фикрро аз сар дур намоед.

Дар ҳақиқат, ҳамон рӯз ҳаво софу беғубор ва нисбати дигар рӯзҳо гарм буд. Вале баъди нисфирӯзӣ ҳаво тағйир ёфта, осмонро якбора абрҳо иҳота намуданд. Баъди чанде борон ба боридан сар кард.

Тағйироти ҳаво ҳамеша ба саломатиам таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҳамин сабаб дилам ба дард даромада фишори хунам 170 ба 90 гардид.

Магдалена инро ҳис намуда аз Андрей илтимос намуд, ки маро ба тамошои шаҳр барад. Ҳамроҳи Андрей ба кӯча баромадем. Баъди чанде худамро беҳтар ҳис намудам. Тамошои табиати зебою биноҳои афсонавии шаҳри Гунсенхаузен ба кас як олам ҳаловат мебахшид. Гирду атрофи ҳамаи хонаҳои истиқоматию маъмурӣ гулпӯшанд. Қоидае ҷорист, ки касе дар назди хонааш гул нашинонад ӯро ҷарима мебанданд. Аҷибаш он аст, ки дар дохили шаҳр чорвое ба назар намерасад. Дар шаҳр мардум дар ҳавлиҳояшон сагу гурба нигоҳубин менамоянду халос. Онҳо низ дар назорати катъии мутахассисони соҳаи бойторӣ қарор дошта, дар ҳолати ба касе зарари ҷисмонӣ расонидан аз соҳиби он ҷаримаи калон ситонида мешавад.

Дар гирду атрофи шаҳр ҷангалзорҳо арзи вуҷуд доранд, ки дар онҳо сайд аз қабили оҳу истиқомат менамояд. Вале ба онҳо касе кор надорад. Баръакс баҳрашон хӯрока омода менамоянд. Ба оҳувони зебо дида дӯхта воқеае ба ёдам омад.

Боре ҳамроҳи хешам Ёри Гулбой дар ҷангалзоре, ки нигоҳубинаш ба зиммаи ман ҳаст, якчанд заргушро сар додем, ки шумораашон зиёд шавад. Баъди ду моҳ омадам, ки аз аҳволи онҳо огоҳӣ ёбам. Хеле кофту ков намудам. Ягонтаи онҳоро пайдо накардам. Баъд фаҳмидам, ки Ёри Гулбой онҳоро шикор намуда, хӯрдааст. Ана нофаҳмии мардуми мо нисбати муҳофизати ҳайвоноту набостот. Дар Олмон ҳис намудам, ки мардум ба ҷонварон меҳру шафқати беандоза доранд. Ман сабабашро аз Андрей пурси-

дам?

– Дар саросари Олмон, Сафар Саидович, ба ҷонварони ёбоӣ ҳамин хел рафтор мекунанд. Охир, онҳо зеби табиатанд. Барои сайд намудани онҳо давлат ҷаримаи калон меситонад. Аз ин рӯ, ба онҳо касе кор надорад. Баръакс, барояшон хӯрокӣ ва обу нон муҳайё менамоянд, – гуфт дар ҷавоб Андрей ва илова намуд. – Аз ҳисоби ҳамин ҳам, иқтисодиёти мамлакат мустаҳкам мегардад. Ҳама ҳайвонҳои хонагию чангалӣ зери назорат қарор доранд, – гуфт ӯ. – Ҳар моҳ онҳоро аз назорати духтур мегузаронанд. Ҳамаи онҳо дафтарчаи санитарӣ доранд.

Ба хонаҳои истиқоматии шаҳр бо ҳавас дида медӯзам. Ба тамоми қоидаҳои меъморию шаҳрсозӣ ҷавобгӯ мебошанд. Зеро сохтмони ҳама намуди биноҳо зери назорати катъӣ қарор доранд.

Роҳравон ҳолати биноҳои шаҳру ноҳияҳои худамонро ба ёд овардам. Дар як қатор ноҳияҳо оддитарин қоидаҳои меъморию шаҳрсозӣ риоя карда намешаванд. Оғилхонаву ҳоҷатхонаҳо ғайриқонунӣ дар лаби ҷӯю каналҳо сохта шуда, ҳусни шаҳр ё деҳаро коста гардонида, ҳолати санитарӣ бад шуда аҳолиро ба касалиҳои сироятӣ гирифтор мекунад. Дар солҳои роҳбариам ҳамроҳи котиби якуми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия Темур Дадабоев ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода, бисёр биною деворҳои ғайриқонунӣ сохта шударо аз байн бурдем.

Вале имрӯз мебинам, ки дар ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ чунин биноҳои ғайриқонунӣ сохташуда бешуморанд.

Боре ҳамроҳи устодам Абдулло Холов ба маркази ноҳия сафар намудем. Ҳолати биноҳоеро, ки солҳои

навадуми асри гузашта оғоз карда буданд дида ангушти ҳайрат газидам. Аз ҷумла, биноҳои ҳамоми маркази ноҳия, хонаҳои истиқоматии иттифоқи матлубот, боғча-яслии бачагона, хонаҳои баландошёна. Аксарияти биноҳои маъмурӣ ба ҳоли табоҳ гирифтор шудаанд.

Хеле шодам, ки имрӯз бо ташаббуси роҳбарияти ноҳия як қатор камбудию норасоиҳои ин соҳаҳои муҳим бартараф шуда истодаанд.

Пеш фикр мекардам, ки дар Олмон мошинаҳои сабукрав арзон аст ва ҳар шаҳрванди олмонӣ онро ба осонӣ харидорӣ менамояд. Вале ин тавр нест, нархи мошини сабукрав ниҳоят гарон мебошад. Танҳо шахсони сарватманд имконияти харидорӣ намудани мошини нави истеҳсоли олмониро доранд. Шахсони оддӣ вобаста ба даромадашон мошинаи сабукрав харид менамоянд. Мошинҳои сабукраве, ки аз дигар давлатҳо ба Олмон ворид мегарданд нархашон хело арзон мебошад.

Бисёр фирмаҳо кушиш мекунанл, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба хориҷи кишвар ба фурӯш бароранд. Онҳо моли худро ба мамлакатҳои Югославия, Чехия, Словакия, Болгария, Россия, Литва, Латвия, Эстония ва ғайра пешниҳод менамоянд. Зеро ин мамлакатҳо маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳоро гарон харид менамоянд. Ин усули кор ба фоидаи фирмаҳо буда, сабабгори асосии баланд шудани нарху наво дар Олмон мебошад.

Дар Олмон тамоми шароитҳои зиндагӣ муҳайё мебошад. Музди меҳнат баланд аст. Қобилияти харид намудани ҳамаи чизро доранд. Вале мардуми Олмон ҳамеша аз зиндагӣ меноланд, ки ин кор аз

назари ман ношукрӣ аст.

Ҳисоб намудам, ки Магдалена бештар аз 10-12 намуди пойафзол дорад. Сару либосаш беҳисоб аст. Яхдонаш доимо пур аз ҳамаи намуди хӯрокӣ мебошад. Зиндагии орому осуда ва хуррамона дорад. Вале борҳо шунидам, ки ӯ аз нодорию зиндагии гарон шикоят мекунад. Яъне дараҷаи зиндагии ҳозирааш ӯро қонеъ гардонида наметавонад.

Ёд дорам, ки ӯ солҳои дар Тоҷикистон, ноҳияи Колхозобод истиқомат карданаш як либосро 10-15 сол мепӯшид. Имрӯз мебинам, ки талаботи Магдалена нисбати солҳои пеш хеле зиёд гардидааст. Табиати инсон ҳамин будааст. Ин сатрҳоро менавиштаму шеъре ба ёдам омад.

*Шукр созӣ, неъматат афзун шавад.*
*В-ар насозӣ, аз кафат берун шавад.*

Рӯзҳои дар Олмон буданам кӯшиш ба харҷ медодам, ки бо зисту зиндагонии мардум аз наздик ошноӣ пайдо намоям. Ҳис намудам, ки ба якдигар бахилӣ доранд.

– Сафар Саидович, дар ҳама миллату халқият бахилӣ вуҷуд дорад. – Боре ба ман рӯ оварда гуфт Магдалена. – Немисҳои муқимӣ моро ҳамеша таъна мезананд. Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ моро фашист ва дар Олмон рус ном мебаранд. Лек боке нест. Имрӯз зисту зиндагонии аксарияти олмониҳои омада аз немисҳои муқимӣ қариб фарқ намекунад. Бигузор, гуфтан гиранд. Ба қавли мардуми рус «Саг мечакад, корвон бо роҳи худ меравад». Шумо Сафар Саидович дар ин бора фикр ҳам накунед. Зеро давлат барои ҳамаи мо ҳуқуқҳои баробар додааст. Ҳамаи мо

олмониҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба умеди ояндаи неки фарзандону наберагонамон умр ба сар бурда, бовар дорем, ки онҳоро насли оянда фашисту рус нахоҳанд гуфт.

Пулу мол дар Олмон мавқеи асосӣ *доранд*. Ҳамаи мардуми Олмон танҳо ва танҳо баҳри ҷамъоварии он азму талош менамоянд. Сарвату моликияти ҳар сокини ин диёр зери назорат қарор дорад. Ҳар рӯз дар бонкҳо ба воситаи компютер бақияи пулро ҳисоб мекунанд. Тангаеро беҳуда сарф намекунанд. Ҳисобу китобашон ниҳоят аниқ мебошад. Ҳатто ба меҳмонӣ даъват намуданашон ҳам ҳисобу китоб дорад. Ба меҳмонӣ танҳо дар асоси даъватнома мераванд. Магдалена нақл намуд, ки ин расми олмониҳо ниҳоят нозук мебошад. Агар падар ба писар даъватнома нафиристад, писар ҳаққи дар чорабинии падар иштирок кардан надорад. Боз одат шудааст, ки меҳмонро ҳатман як-ду рӯз пеш огоҳ менамояд. Агар баногоҳ, худсарона ба меҳмонӣ равӣ кушоду равшан мегӯянд, ки ту даъват нашудаӣ, илтимос мекунем аз даромадан ба маъракаи мо худдорӣ намо.

Ин суханонро шунида, тӯю маъракаҳои Тоҷикистони азизро ёдовар гардидам. Дили кушодаю чеҳраи шукуфону хандони соҳиби маърака пеши назарам ҷилвагар гардид. Ҳамаи меҳмонони хондаю нохондаро бо чеҳраи кушод истиқбол мегиранд.

Ҳар боре ба хонаи писарам Комилҷон равам, агар завҷаи азизу меҳрубонаш маро бо хотири озурда истиқбол намояд таъбам хира мегардад. Комилҷонро маломат мекунам ва шукр мекунам, ки то имрӯз ба чунин ҳолат гирифтор нашудаам. Аҳли оилаи Комилҷон маро ҳамеша бо табъи болидаю лабони пур-

табассум истиқбол мегиранд.

Дар Олмон пулу мол дар мадди аввал меистад. Вақтро низ онҳо самаранок истифода мебаранд. Дар вақти корӣ бо якдигар гуфтугӯ намекунанду дӯст намешаванд. Ба қавле, агар онҳо дӯстӣ пайдо намоянд, кор пеш намеравад.

Душманию рақобат доранду ҳар кас мехоҳад аз рақибаш бештар маҳсулот истеҳсол намояд. Ана ҳамин рақобат боиси пешравии кор дар ҳамаи корхона ва фермерҳо гардидааст.

Немисҳои муқими Олмон ниҳоят сарфакор мебошанд. Кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар тӯю маросимҳояшон харҷи зиёд накунанд. Онҳо ба туйҳояшон аз 50 нафар зиёд одам даъват намекунанд. Вале олмониҳои аз гӯшаю канори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муҳоҷир шуда ҳама дилкушоданд. Ба маросимҳояшон аз 100 то 200 нафарро даъват менамоянд. Онҳо, ки урфу одатҳои моро қабул намудаанд аз олмониҳои муқимӣ фарқи калон доранд. Ин манзараҳоро дида беихтиёр шеъри шоири ширинкалом Мирзо Турсунзода ба ёдам омад:

*Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро гум макун.*

Ҳамин хел хислатҳои неки онҳоро олмониҳои таҳҷой писандида кӯшиш менамоянд, ки фарзандонашонро бо фарзандони онҳо хонадор намоянд. Олмониҳои омада бошанд, танҳо хоҳиши ба немисҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дӯстӣ пайдо карданро доранд. Зеро аз таҷриба борҳо мушоҳида намудаанд, ки оилаи фарзандон бо фарзандони немисҳои таҳҷой

давомдор набудааст.

Дар Олмон як анъанаи барои мардуми мо бегона вуҷуд дорад, ки ба ҳақиқат рост намеояд. Марду зан новобаста аз синну сол барои худ дӯст ёфта то 15-20 сол якҷоя умр ба сар мебаранд, ки мардро фрёнд (рафиқ) ном мебаранд. Баъд агар ба ҳамдигар маъқул гарданд расман хонадор мешаванд. Агар ба ҳамдигар писанд наоянд, озодона аз якдигар ҷудо мешаванд. Бисёр оилаҳо арзи вуҷуд доранд, ки дар ин муддат соҳиби фарзанд мешаванд. Танҳо ба воситаи суд оянда ва тарбияи фарзанд муайян карда мешавад.

Магдалена ҳам, ки танҳо истиқомат мекунад, фрёнд дорад.

Ӯ маро бо рафиқаш, ки марди итолиёӣ буду Марио ном дошт шинос намуд. Марио дар ҳақиқат маданияти баланд дошта, бо ман ҳалимона муносибат менамуд. Ӯ дар Олмон худаш танҳо кору зиндагонӣ менамуд. Дуртар аз шаҳри Нюренберг тахминан дар масофаи 300 километр сарҳади мамлакати Итолиё оғоз меёбад, ки он ҷо бародари Марио истиқомат мекунад. Бо даъвати ӯ мо рӯзҳои наздик бояд ба он ҷо сафар намоем.

Андрей рӯзи 16 июн тӯйи хонадоршавиашро бо зане, ки аз шавҳари аввалааш писарчаи 7 сола дошт ва онҳо чор сол боз бо ҳам якҷоя зиндагонӣ менамуданд тайин карда буд. Ба ин тӯй маро низ даъват намуданд.

Вале маълум набуд, ки дар он иштирок менамоем ё не. Ин ба аҳволи саломатиам вобаста буд. Ба замми ин, худамро дар он мамлакати аз Тоҷикистони азиз дур бегона ҳис мекардам. Аҳли байт, модари азизу

меҳрубон, завҷаи азизам, фарзандону бародаронамро пазмон шуда будам. Ҳис менамудам, ки дар ин ҷо мардум фақат барои пайдо намудани маблағ азму талош менамоянду меҳру муҳабати инсонӣ барояшон дуюмдараҷа ҳисоб меёбад.

Магдалена ҳар рӯз соати чоруним аз хоб хеста, бароям хӯрок тайёр менамуд. Соати панҷуним ба кор мерафт. Дар ҷойи кори асосияш то саоти се сидқан кор мекунаду баъди он ба ҷойи кори дуюмаш шитоб менамояд. Бегоҳӣ хастаю бемадор ба хонааш бармегардад. Зуд хӯрок тайёр намуда, ҳамроҳи ману дӯсташ Марио сари дастурхон менишинем.

Як бегоҳӣ гапам бо Магдалена гурехт. Ӯ ба қиёфаи ҷиддӣ ва ҳайрони ман назар андохта гуфт:

– Сафар Саидович, ман кӯшиш намуда истодаам, ки шумо лаҳзае худро дар хонаи ман бегона ҳис накунед. Вале мебинам, ки ба ин аҳамият надода, худро ошуфтаю парешон ва бегона ҳис менамоед. Ҳатто хӯроки дуруст ҳам намехӯред.

– Не, Магдаҷон, худамро умуман дар хонаи Шумо бегона ҳис намекунам. Тоҷикистони азиз ва фарзандону бародаронамро ёд кардам, гуфтам ман ва шеъри Камоли Сӯфиёнро ёдовар шудам, ки гуфтааст:

*Тоҷикистон тору пуди ман,*
*Маънии шеъру суруди ман,*
*Эй сароғози ҳар дуруди ман,*
*Қиблаву Каъбаву суҷуди ман.*

*Даво обу ҳавои Тоҷикистон,*
*Шифоӣ чашмаҳои Тоҷикистон.*
*Камол андар санои Тоҷикистон,*

*Сарояд бо навои Тоҷикистон.*

Хеле афсус мехӯрам, ки шоир ва нависанда нестам. Агар шоир мебудам, васфи ғарибиро чунон ба қалам медодам, ки дили ҳар хонандаро об мекардам.

Ин сатрҳоро навишта кинофилмҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба хотирам омад. Дар фильмҳо немисҳоро фашисту бераҳм ва бадкору бадкирдор намоиш медоданд. Мо одамони шӯравӣ ҳамеша ин хислатҳои бади онҳоро маҳкум менамудем. Вале ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузаштаро, ки шоҳидаш будам ба ёд оварда ба хулосае омадам, ки кору кирдори «Боевикҳои мо» аз фашистон камӣ надоштааст. Ҳамин зулму ситами онҳо буд, ки аксарияти мардуми осудаҳол ба мамлакатҳои ҳамсоя гуреза шуданд. Як қисми ҳамватанонамонро дар мамлакати бегона ба хок супурданд. Магар ин даҳшат нест? Дар он айёми даҳшатовар 37 нафар ҳамдеҳагону хешу табори моро ба гарав гирифтанд, ки онхо азобу уқубати зиёдро аз сар гузарониданд.

Қорӣ Маҳмадҷон яке аз шахсиятҳое буд, ки золимии ӯ аз фашистон камӣ надошт. Тарафдорони ӯ танҳо ба мардуми осудаҳол зулм мекарданд. Ман бо ӯ ду маротиба хамсуҳбат шудам. Бори аввал дар маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳамроҳи Абдуллои Нурӣ ва бори дуюм дар утоқи кориям дар ноҳия моҳи октябри соли 1992 дар авҷи ҳодисаҳои нангин.

Ба ростӣ, Қорӣ Маҳмадҷон ба марди нуронӣ шабоҳат дошта, риши сиёҳи қайчизада, чашмони нозикбину қомати баландаш ба ӯ хеле мезебид. Аз илму дониши динӣ пурра бархӯрдор буд. Тарафдоронаш

хеле зиёд буданд. Ҳатто Абдуллои Нурӣ ӯро устод мехонд.

Ривоят мекунанд, ки ҷавонмарди ватандӯст бо номи Ғулом аз рафтору кирдор ва ниятҳои нангини Қорӣ Маҳмадҷон огоҳӣ ёфта, ӯро мепаронад. Вале ӯ ярадор мегардаду табобат ёфта боз кирдори бади худро идома медиҳад. Бо шунидам Ғулом гурехтааст ва ҳоло сиҳату саломат умр ба сар мебарад.

Қорӣ Махмадҷону тарафдоронаш ба ҳуҷуми афсарону аскарони ҳукуматӣ тоб наоварда дар соли 1992 ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегурезанд. Вале дар он ҷо ҳам кораш омад намекунад. Ба касалии фишори хун гирифтор шуда, хоҳиш менамояд, ки ҷасадашро дар Ватан дафн намоянд. Вале ин ба тарафдоронаш муяссар намегардад. Ноилоҷ ӯро дар мамлакати бегона ба хок месупоранд.

*Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,*
*Эй кош гадо будӣ, ба Канъон беҳтар.*

Ана ҳамин аст тақдири шахсе, ки зидди миллату Ватани хеш муқобилият нишон медиҳад. Ман хулоса мебарорам, ки ин ашхос танҳо дар талоши пулу мансаб ва бойгарӣ мебошад.

Хулас барои онҳо падару модар ва ёру бародар бегона мегардад. Ашхосе, ки ба давлату миллат хиёнат мекунад, ба ҳоли табоҳ гирифтор мешаванд.

*Ҳар ки бо душманин халқ равон аст, чу баҳр*
*Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.*

Агар одам ақли солиму фаҳмиши оқилона дошта бошад ба хатоӣ роҳ намедиҳад. Вале сад афсус, ки ин

хислатҳои носолим дар диёри мо дар байни ҷавонон каму беш ҷой дорад. Хушбахтона онҳо камшуморанд. Аксарияти ҷавонони мо боақлу ботамиз буда, қадри падару модари бузургворро аз замин то осмон медонанд. То рӯзи марг хизматашонро ба ҷо меоваранд. Дар Олмон чӣ? Фарзандон, ки ба балоғат расиданд рафиқи муносиб пайдо намуда, зиндагии худро пеш мебаранд. Барои худ хонаю дар ҷудо мекунанд. Модари Магдалена, ки 90-сола буд, дар хонаи худаш танҳо аз олам даргузаштааст. Фарзандон аз марги ӯ баъдтар огоҳӣ ёфтанд. Чунин ҳодисаҳо дар Олмон қариб ҳар рӯз рух медиҳанд.

Боре барои фаҳмидан ба Катя (апаи Магдалена) савол додам, ки оё фарзандон ба Шумо ёрӣ мерасонанд? Охир писари шумо Вовка фирмаи суғуртавӣ дорад ва даромадаш калон аст. Ӯ китф дар ҳам кашида гуфт, ки пулаш барои нигоҳубини аҳли оилааш базӯр мерасад. Танҳо орзу дорам, ки аз ман маблағ талаб накунаду бас.

Катя ба нафақа баромадасту 680 эвро нафақапулӣ мегирад. Вале ин маблағ барояш камӣ мекунад. Ӯ боз ҷои кор мекобад.

Катя ҷавонзани зебо буда, дар ҷавониаш ба Чилаев ном марди тоҷики ғармӣ хонадор гардидааст. Вале бахташ омад намекунад. Шавҳараш бо русзане аз нав хонадор мегардад. Катя ӯро ба Олмон чандин маротиба даъват менамояд. Аммо Чилаев инкор мекунад. Зеро аз русзанаш фарзанд дорад ва ӯ духтарашро бениҳоят дӯст медорад. Вале бахт ба рӯяш намехандад. Ӯ соли 2000 аз олам дармегузарад. Завҷааш, ки майзада буд аз уҳдаи нигоҳубини духтарчаи дӯстрӯяшон намебарояд ва ӯро ҳамсояашон

ба духтархондӣ қабул менамояд.

Писари дуюми Чилаев Владимир барои ба Олмон овардани хоҳараш бисёр азму талош менамояд, вале модархонди кӯдак аз онҳо маблағи калон талаб мекунад. Ҳоло ин духтари бофаҳму бофаросати тоҷик дар ноҳияи Қумсангир умр ба сар мебарад.

Саҳарии 12 майи соли 2004 худро хеле бароҳат ҳис намудам. Офтоби оламоро шуоҳои заррини худро саховатмандона ба замин паҳн менамуд. Фишори хунам муътадил, барвақт хеста оббозӣ намуда, ба варзиш машғул шудам.

Магдалена шитобон ба кораш рафт. Барои ман наҳорӣ ҳасиби мурғӣ, оби афлесун, равғани маска, пичену кофе ва ду дона тухм тайёр кард. Ман наҳорӣ хӯрда ба пештоқ баромада, аз шаббодаи саҳарӣ роҳат намудам. Ба хона даромада, либосхои таҳпӯшамро иваз намудам. Ба ростӣ нархи либоси таҳпӯш нисбат ба мо аз замин то асмон фарқ мекунад. Агар дар Олмон як дона таҳпӯш харидорӣ намоӣ бо ин нарх дар Тоҷикистон 10 адад чунин либосро харидорӣ менамоӣ.

Бо ҳамин андешаҳо ба хона занг задам. Вале афсус телефон хомӯш буд.

Занги телефони Магдалена садо дод ва ман гушаки онро бардоштам. Овози Магдалена баромад, ки барои нофаҳмии шаб узр пурсид.

Бале хархашаи ӯ назди шавҳараш Марио барои ман ногувор буд. Борҳо ба ӯ танҳо ба танҳо гуфтам, ки муносибататро бо шавҳари ояндаат коста нагардон. Охир Шуморо ояндаи нек дар пеш аст. Агарчанде ба зисту зиндагони хуррамонаи ояндаи онҳо заррае боварӣ надоштам.

Боз занги телефони хонаи Магдалена садо дод. Онро бардоштам. Овози Катя ба гӯшам расид.

– Сафар Саидович, имрӯз чӣ нақша доред?

– Катяҷон, ягон нақша надорам. Андрей ваъда дод, ки имрӯз шаҳрро тамошо мекунем, – гуфтам дар ҷавоб.

– Сафар Саидович, ман ҳозир меоям ва ба сари қабри модарам меравем ва баъдан ба хонаи мо меравем, – гуфт дар ҷавоб Катя.

Андрей омаду ба ӯ гуфтам, ки Катя меояд мо бояд ӯро интизор шавем. Андрей розӣ шуду баъди чанде Катя бо қиёфаи хушҳолу хуррам ба хона даромад. Ба симои базебу дилорои Катя боҳавас назар андохтам.

Ӯ зани зебо ва дилоро буд. Ҳоло ҳам сарфи назар аз он, ки умраш ба ҷое расида бошад, зебою дилоро буд. Солҳои ҷавонӣ аз шаҳри Одесса ба ноҳияи Қумсангир омаданаш ба ёдам омад. Духтари зебою дилоро, ҳалиму меҳрубон ва ниҳоят дилкаш буд, Катя.

Суҳбатамон хеле тафсид. Ӯ аз ман пурсид, ки ҳоло ҳам пахта қадру қимати пештараи худро дорад?

– Ҳа Катяҷон, нарху навои пахта ҳаргиз паст намешавад. Нархи он дар бозори ҷаҳонӣ баръакс баланд мегардад.

Катя ба ёд овард, ки чи хел онҳоро барои ғунучини пахта аз Одесса ба ноҳияи Қумсангир оварданд ва ӯ бо Чилаев хонадор гардид.

– Катяҷон баъди Чилаев ба шавҳар баромадӣ ё не? – пурсидам аз ӯ.

– Не Сафар Саидович, барои ман ягона мард Чилаев буду халос. Ӯро ҳаргиз иваз накардаам. Хуб медонистам, ки ӯ занҳои бегонаро дӯст медошт ва бо онҳо ишқварзӣ мекард. Вале худро бой надода, боре

ҳам дар ин бора бо ӯ баҳс накардаам. Паноҳаш ба худо гуфта худро тасалло медодам...

Суҳбатамон бо Катя авҷ гирифт, ки Андрей расида омад. Ба холааш Катя рӯ оварда гуфт:

– Холаҷон, мо имрӯз ба шаҳри Нюрнберг рафта наметавонем. Имрӯз ман Сафар Саидовичро боз ба шаҳри Гунсенхаузен ба саёҳат мебарам. Лекин ба хонаи шумо, холаҷон, албатта пагоҳ меҳмонро мебарам. Катя китф дарҳам кашида, ба ин таклифи Андрей розӣ гардид.

Ҳамроҳи Андрей ба шаҳр баромадем. Дар ҳақиқат тозагию озодагии он ҳаваси касро меоварад. Дар шаҳр миллатҳои гуногун истиқомат мекунанд ва ҳамаи онҳо ба тозагию озодагӣ риоя мекунанд. Урфу одатҳои худро нигоҳ дошта, маданияти рузғордории олмониҳоро риоя менамоянд. Бештар дар шаҳр намояндагони миллати туркҳо, ирониҳо, афғонҳо кору истиқомат мекунанд. Онҳо ба масҷидҳои мусулмонон рафта намозгузорӣ мекунанд.

Дар шаҳр гоҳ-гоҳ занҳои сиёҳпӯш ба чашм мерасад, ки онҳо намояндагони миллати турк ё араб мебошанд.

Ман ҳамроҳи Андрей баъди каме гашту гузор ба каҳвахонае даромадем. Чою қаҳва фармудем. Пешхизмат зуд хоҳишамонро ба ҷо овард.

Баъд ҳисобӣ карда ба андеша фурӯ рафтам. Барои наҳории сабук пешхизмат аз мо 10 эвро, ки баробари 14 доллари амрикоӣ мебошад талаб кард. Ба назарам хеле қимат намуд. Охир дар Тоҷикистони ободу зебои мо нархи чою қаҳва ниҳоят ночиз мебошад. Шукр ва ҳазорон бор шукр, ки дар чунин мамлакати биҳиштосо зиндагонӣ менамоем.

*То ҳастӣ Ватан, сайри чаман хоҳад монд,*
*Атри гули рӯйи гулбадан хоҳад монд.*
*Дар дафтари ашъори Камоли Сӯфӣ*
*Тасвири бузургии Ватан хоҳад монд.*

Ман аз Андрей хоҳиш намудам, ки бозори мошинфурӯширо тамошо намоем. Бо ҷону дил, гуфт ӯ, ва мо дохили бозор гардидем. Дар он ҷо тамоми намуди мошинҳои сабукрав аз қабили аудӣ, мерседес, опел, БМВ ва ғайра ба фурӯш монда шудаанд. Вале нархашон барои мардуми мо дастнорас мебошад. Аз 67-70 ҳазор евро то 315000 евро нархгузорӣ карда шудаанд.

Дар як гӯша мошинҳои сабукрави дилхоҳ ба иҷора гузошта шудаанд. Нархашон дар 1 моҳ 150-250 евроро ташкил медиҳад.

Фикр мекунам, ки ин кор барои мардумони Олмон ниҳоят қулай мебошад.

Дар ҳамон солҳо дар аксарияти шаҳрҳои Олмон системаи бонкӣ ба дараҷаи баланд ба роҳ монда шуда буд. Дар ҳар қадам банкоматҳо гузошта шуда, мардум маблағи доштаи худро озодона ба даст меоранд.

Андрей чи тавр ба воситаи банкомат гирифтани маблағро ба ман ёд дода, маблағи дар суратҳисобаш будаи худро аниқ намуд. Сипас ба воситаи карточка маблағи лозимиашро гирифт. Хубии кор дар он аст, ки мабодо агар пул иваз шавад ҳам, арзишашро иваз намекунанд. Давлат фарқияташро пардохт менамояд. Аз ҳамин сабаб мардум дар хонаҳо пул нигоҳ надошта, ба бонкҳо месупоранд. Вале маблағи андоз

ниҳоят баланд мебошад. Агар давлат огоҳ гардад, ки шаҳрванд маблағи зиёдатии худро бе пардохтҳои андоз дар бонкҳои дигар мамлакатҳо гузоштааст аз ӯ ҷаримаи калон меситонанд.

Ману Андрей баъди тамошои якчанд мағоза ба мағозаи фурӯши масолеҳҳои сохтмонӣ даромадем. Дар рафу растаҳо тамоми намудҳои масолеҳҳои сохтмонӣ бо тартиби муайян гузошта шудаанд. Намуди гулҳои ороишӣ бешуморанд.

Хостам, ки аз асбобҳои рӯзгор якчанд чизро ҳамроҳ гирам. Вале Андрей ба ман рӯ оварда гуфт:




*Супермаркет дар Олмон*



*Тарабхона дар Олмон*

– Сафар Саидович, ба воситаи тайёра бурдани асбобҳои рӯзгор қатъиян манъ аст. Худам харидорӣ карда, барои шумо мефиристонам.

– Ин тавр бошад Андрей лозим нест. Шукри Тоҷикистони азиз, ки гул-гул шукуфон асту дар он мағозаҳо зиёд шуда истодаанд. Дар он мағозаҳо тамоми молҳои рӯзғор мавҷуд мебошад.

– Сафар Саидович, ба фикрам, ки хеле сайру гашт намудем. Ба ростӣ гуруснагиро сахт ҳис намуда истодаам. Агар шумо розӣ бошед, ба тарабхона даромада, хӯроки шом мехӯрем, – таклиф намуд Андрей.

Бо ҷону дил розӣ шудам, зеро худамро беҳолу бемадор ҳис намуда, гурусна ҳам шудам будам. Дар тарабхона, ки аз солҳои 1930 вуҷуд дорад, даромада хӯрок фармудем. Ҳамаи намудҳои хӯрокӣ бо гӯшти хук омехта мебошанд. Ман фикр мекардам, ки танҳо

барои миллати рус гӯшти хук мақбул мебошад. Вале дар Олмон ҳис намудам, ки немисҳо аз русҳо дида бештар гӯшти хукро истеъмол менамоянд.

Дар Тоҷикистон дар ноҳия борҳо дар тӯю маъракаҳои олмониҳо меҳмон шуда будам. Маъракаҳои онҳо бе истеъмоли гӯшти хук намегузашт. Ба хулосае омадам, ки истеъмоли гӯшти хук яке аз анъанаҳои қадимаи онҳо мебошад.

Аз тарабхона хеста бо пешхизмат ҳисобӣ намудем. Ӯ аз мо 80 эвро талаб намуд. Ангушти ҳайрат газидам. Охир бо ин маблағ дар Точикистони азизам ду се рӯз дар тарабхонаҳо хӯроки шом мехӯрӣ. Хастаю монда ба хонаи Магдалена омадем. Он шаб хеле бароҳат хоб кардам. Гоҳ-гоҳ ҷанҷоли зану шавҳар маро аз хоб бедор мекард, ки ман алакай ба ин одат карда будам ва ба он заррае аҳамият намедодам.

Рӯзи 13 майи соли 2004-ум дар хотирам сахт нақш бастааст. Ба фикрам онро ҳаргиз фаромӯш намекунам зеро дар ин рӯзи баҳори нозанин ман зодрӯз дорам. Соати чоруним аз хоб хестам. Худро хеле бардаму бақувват ҳис намудам. Фишори хунамро санҷидам. Хеле табъи дил 130 бар 90, ки дар синну соли ман ин мувофиқ мебошад. Магдалена барвақт ба кор рафт. Баъдтар шавҳараш низ аз хона баромад. Худам танҳо монда ба ҷойи хобам даромадам. Худро орому осуда ҳис накардам. Охир имрӯз бароям рӯзи муқаддас асту ман бояд онро дар иҳотаи ҷигарбандонам ва хешу табору дӯстонам гузаронам. Лекин сад афсус дур аз Тоҷикистони азиз будам. Танҳоиро дар ғарибӣ ҳис намудам. Беҳуда шоир нафармудааст, ки

*Гадо гар дар Ватан мирад, амир аст,*

*Амири беватан зору ҳақир аст.*

Аз хоб хеста каме ба варзиш машғул шудам. Хӯроки наҳорӣ хӯрдам. Ба хона занг задам вале телефон ҷавоб надод. Ба ростӣ зиқ шудам, зеро фаҳмидам, ки дастгоҳаш корношоям шудааст. Аз писарам Ҳотамҷон гиламанд гардидам охир ӯ шароити пурраи иваз намудани дастгоҳи телефонро дорад. Вале барои чи у ин корро намекунад.

Тавакалӣ ба рақами кории идораи бонки ноҳия Воҳид Ғафуров занг задам. Ба занги телефон аз бозрасии давлатии автомобилӣ ҷавоб доданд. Ба навбатдор худро муаррифӣ намудам. Хушбахтона ӯ маро мешинохтааст. Ба фикрам ӯ писари Маҳмадраҷаб Нуралӣ буд. Зеро эҳтиромона гуфт, ки раис худи ҳозир ин хоҳишатонро иҷро мекунам.

Беихтиёр солҳои таҷлили рӯзи таваллудамро дар Ватан ба хотир овардам. Аз субҳи содиқ то нисфи шаб қадами хешу табор ва ёру дӯстон аз ҳавлиамон канда набуд. Он лаҳзаҳои ширинро ба ёд оварда дар чашмонам беихтиёр ашк ҳалқа зад.

*Ғарибӣ кӯи сахт аст, эй бародар,*
*Ғарибонро накӯ дору маёзор.*

Сӯйи телефон лаҳза ба лаҳза дида медӯхтам. Аз дил мегузаронидам, ки ҳоло дӯст ё бародарам маро ба ин рӯзи бароям муқаддас табрик мекунад. Вале дастгоҳи телефони хонаи Магдалена хомӯш буду хомӯш.

Худро тасалло дода, то нисфирӯзӣ танҳо сари дастурхон нишастам. Соати се Андрей бо завҷааш омада маро табрик намуданд. Баъдтар Катя ба васи-

таи телефон табрик намуд, ки табъам каме болида гардид. Бечора Магдалена бо шавҳараш, ки ба касалии депресион гирифтор буд овора гардида, гоҳ-гоҳ мегуфт:

– Сафар Саидович, ин бемори хавфнок аст, агар ӯро ба ихтиёри худаш гузорам, худкӯшӣ мекунад.

Худоё, аз дил гузаронидам ман, ин ҳодиса дар будани ман рӯй надиҳад, ҳамин ки аз хонаи шумо сӯи Тоҷикистони биҳиштосо раҳсипор гардидам, баъд паноҳатон ба худо.

Андрею завҷааш одамони зираку дурбин будаанд. Ба муносибати зодрӯзи ман дар тарабхонаи Гретсия (Юнон) хӯрок фармудаанд.

Соатҳои панҷуним дар мошинаи Магдалена сӯйи ин тарабхона, ки аз шаҳр шаш километр дур, дар лаби кӯли мусаффо, ҷойи дамгирии мардум ҷойгир будааст, омадем. Ба ростӣ, табиати афсунгари ин мавзеъ ҳаваси касро меоварад. Дар кӯл қайиқҳои гуногун дар шино буданд. Дар як гушаи зебои он мардум оббозӣ ва истироҳат мекарданд. Меҳмонхонаи зебои чорошёнаро дида ба меъмори он ҳар бинанда аҳсан мехонад. Танҳо пашшаю кирмҳо ба истироҳати бофароғати мардум халал мерасонанд, ки газидани онҳо ба саломатии мардум таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ҳашаротҳо аз ҷангалҳои гирду атрофҳо парида меомаданд. Хушбахтона роҳи ҳалли онро ҳам ёфтаанд. Ҳар шахси ба ин мавзеъ ташриф овардаро сӯзандору мегузаронанд, ки таъсири заҳри магасу кирмҳо кора накунад.

Ман барои гузаронидани ин сӯзандору розигӣ надодам, зеро медонистам, ки бардаму бақувват ҳастаму онҳо ба бадани ман таъсире намерасонанд.

Дар тарабхона бадбахтона хӯрокҳои асосиаш аз

гӯшти хук буданд. Хар кас барояш хӯроки дилхоҳашро фармуд. Ман гӯшти гов ва картошка, ки ба воситаи буғ пухта шуда буданд ва 50 грамм араќи русӣ дархост намудам. Сари дастурхон суҳбатамон авҷ гирифт. Магдалена солҳои зиндгиашро дар Тоҷикистони офтобруяи сабзу хуррам ёдовар шуда, беихтиёр дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Табъам хеле болида гардид, ки Магдаленаи азиз диёри аҷдодии моро ба дараҷаи ниҳоят баланд дӯст медорад. Марди пешхизмати тарабхона хеле ҳалиму меҳрубон буд ва каму беш ба забони русӣ ҳарф мезад. Маро намояндаи мардуми русҳо пиндошта, кӯшиш мекард, ки бо ӯ ҳамсуҳбат шавам.

Бо Магдалена баҳсамон дар тарабхона хеле авҷ гирифт. Охир шарт кардем.

– Сафар Саидович ин марди пешхизмат намояндаи мардуми Арманистон мебошад, – гуфт Магдалена.

– Не ман фикр мекунам, ки ӯ намояндаи Югославия мебошад, – гуфтам дар ҷавоб.

Охир ба хулосае омадем, ки ӯро даъват намуда, аз худаш пурсем. Пешхизматро наздамон хонда, аз кадом миллат ва аз кадом мамлакат буданашро пурсидем.

— Падарам аз Косово ва модарам аз Босния мебошад, – гуфт пешхизмат бо забони кандаи русӣ ва маро намояндаи мардуми рус гумон карда, илова намуд, ки русҳо мардуми дӯсту иттифоқ буда, байни худ ҳурмату эҳтироми калон доранд.

Магдалена ба пешхизмат фаҳмонд, ки ман намояндаи мардуми тоҷик, мусулмон мебошам. Дар лабонаш табассуми ширин гул карда гуфт, ки падарам мусулмону модарам насронӣ мебошад. Онҳо хеле

хушҳолона умр ба сар мебаранд. Барои ман сиёсат бегона аст. Ман танҳо дар фикри ҷамъ овардани молу сарват мебошам.

Дар тарабхонаи мамлакати бегона рӯзи таваллудамро нороҳат қайд намудам. Аз тарабхона баромада, хеле дар шаҳр сайру гашт кардем. Дар бораи ободонию озодагӣ ва тозагии он дар чанд саҳифаи китоб қайд карда будам.

Бисер аҷиб аст, ки дар кӯчаҳо политсия ба чашм намерасад. Зеро қоидаю қонунҳо зери назорати катъӣ қарор доранд. Агар садамае рух диҳад ҷаримааш ниҳоят калон мебошад. Аз ҳамин сабаб аксарияти айбдорон ба ҳабс гирифтанашонро афзалтар медонанд.

Соати даҳи шаб ба хонаи Магдалена гашта омадем. Мариоро дар ҳолати ногувор дидем. Касалаш авҷ гирифта, кӯдаквор мегиристу гаштаю баргашта мегуфт, ки худамро мекушам.

Ман ба Магдалена бо ҳазл гуфтам, ки ба ӯ гуй ки тоқат кунад ҳамин, ки Сафар Саидович ба Тоҷикистон рафт майлаш худкушӣ намояд .

Аз ин суханони нимшӯхии ман қаҳри Магдалена омада гуфт:

– Сафар Саидович ин бечора дар ин ҷо бекас асту касалии вазнин дорад. Наход, дар ҳамин лаҳза ҳам шумо чунин шӯхӣ кунед.

Аз ин суханони Магдалена ба қаҳр омада, гуфтам, ки вой бар ҳолаш, кошки аз ӯ тезтар халос мешудем. Гуфти ҷияни Одилам, ки «Ба ман фарқаш чӣ!». Ин ҷавобам қаҳри Магдаленаро дучанд намуд.

Субҳи 14-уми моҳи май барвақт аз хоб бедор шудам. Ҳаво абрнок, ҳарорат 15-16 дараҷа гарм буд.

Вале барои ман ин дараҷаи ҳаво хунук менамуд. Фишори хунамро санҷидам муътадил 130 бар 80, ки табъи дилам мебошад. Якбора аз саҳари барвақт иштиҳоям баланд гардид. Магдалена ширбиринҷи болаззати тоҷикӣ бароям пухта монда ба кор рафтааст. Онро бо иштиҳои том хӯрда ба Магдалена дар дилам ҳазорҳо ташаккур гуфтам. Бароям дар хонаи ин зани дилсӯзу меҳрубон тамоми шароитҳо муҳайё мебошад. Вале сад афсус, ки имконияти танҳо ба берун баромаданро надорам ва бо забони олмонӣ озод гап зада наметавонам. Ба ҷуз ин Магдалена ба ман бовар надорад.

– Сафар Саидович, ман бо ҷону дил калиди хонаро ба шумо медиҳам. Вале шумо вақтро беҳуда мегузаронед. Навиштани ёддоштҳоятон қафо мемонад. Шумо, ки хеле ҷавонмарди зебою хушсурат ҳастед, метарсам, ки боз ягон зани бегонаро ба хона таклиф накунед. Охир ин дар ботини шумо аз ҷавонӣ ҷой дорад, – гуфт шӯхиомезона Магдалена.

Бояд иқрор шавам, ки дар ин синну сол бароям завҷаи меҳрубонам Зумратбӣ аз ҳама азизу меҳрубон буда, ӯро ба касе иваз кардан намехоҳам.

Дар як суҳбатамон Магдалена як фикри ниҳоят оличаноб гуфт, ки ман онро ҳаргиз аз ёд намебарорам.

– Сафар Саидович, пеш аз маргам ба писарам Андрей васият менамоям, ки ҷасадамро сӯзонда хокистарашро ба зодгоҳам Тоҷикистони азиз бурда болои кӯҳҳои сарбафалаккашида пош диҳад.

Бубинед, Магдалена ба зодгоҳаш чи қадар меҳру муҳабати беандоза доштааст. Мо хеле суҳбат намуда,

солҳои ширини ҳаётро дар Колхозобод ба ёд овардем.

Дар омади гап, ӯ таклиф намуд, ки соли оянда низ ба Олмон сафар намоям.

– Ин таклифатро, Магдаҷон, бо ҷону дил қабул менамоям. Вале соли оянда ҳамроҳи дугонаат Зумратбӣ азми сафари ҳаҷ ба Макка дорем, – гуфтам дар ҷавоб.

Ӯ аз ин ҷавоби ғайричашмдошти ман аз таҳти дил хандида шӯхиомезона гуфт:

– Сафар Саидович, бо ин кадар гуноҳҳоят боварӣ дорӣ, ки ҳаҷат қабул мегардад?

– Худо бахшанда ва меҳрубон ҳасту дилам софу беғубор мебошад, ба халқу Ватани азизам софдилона хизмат намудаам. Аз Худо умед дорам, ки ҳаҷам пурра қабул мегардад, – гуфтам дар ҷавоб ман.

Дар авҷи сӯҳбатамон ба хона рафиқи Магдалена Марио даромад. Онҳо бо забони олмонӣ бо якдигар чунон баҳс намуданд, ки сари ман ба дард даромад. Аз гуфту гузорашон чизеро намефаҳмидам. Бо фикрам ӯ аз ман нисбати Магдалена рашк мекард. Ӯ ниҳоят асабӣ буд. Вале ман аҳамияте надода аз наздашон ба хонаи дигар даромада, омадани Андрейро, ки аз рӯйи маслиҳати пешакӣ бояд ба шаҳри Нюрнберг сафар мекардем интизор шудам.

Андрей аз вақти муайяншуда ду соат дер омад.

– Сафар Саидович, ман боре ваъдахилофӣ накардаам, лекин кори зарур баромад, барои ҳамин дер кардам, – гуфт ҳаяҷономез Андрей.

– Боке нест, Андрей, мақсади мо танҳо сайру саёҳат дар шаҳри Нюрнберг ҳасту халос. Ҳоло вақт барои мо пурра мерасад. Боке нест, ки ду-се соат дертар равем, – гуфтам дар ҷавоб ва Андрейро аз ҳолати ногувор ба-

ровардам.

Зуд азми сафар намудем. Азбаски гурусна шуда будам, дар роҳ таклиф намудам, ки дар ягон ҷой хӯроки нисфирӯзӣ хӯрем. Ҳама розӣ шуданд. Сари роҳ ба тарабхонаи Магдоналд даромадем. Ҳар кас хӯроки дилхоҳашро мефармуд. Ман аз пешхизмат хоҳиш намудам, ки бароям хуроке аз гӯшти мурғ биёрад. Хӯрокро чашидам хеле ҳам бемаззаю белаззат буд, ки базӯр нимашро хурдам. Нархаш бошад 20 евроро ташкил медод, ки ба ақли кас намегунҷид. Беихтиёр хурокиҳои Тоҷикистони азиз – шӯрбои болаззат, оши палав, қурутобу гуштбирён, самбусаҳои вараҷини бомазза пеши назарам ҷилвагар гардиданд. Вале сад афсус, ки дур аз Ватанам ва аз ин хӯрокиҳои бомазаю болаззат имрӯз бенасибам.

Боз ба роҳ баромадем. Бо Марио бо забони олмонӣ канда-канда суҳбат мекардем. Суханони нофаҳморо Андрей тарҷума мекард.

Шаҳри Нюренберг шаҳри тараққикардаи Олмон буда, аз шаҳри Гунсенхаузен дар масофаи 60 километр дур ҷойгир мебошад. Мошини мо, ки бо суръати дар як соат 140–160 километр ҳаракат мекард, зуд ба шаҳр расидем. Мошинро дар истгоҳи замонавии сеошёна гузошта ба сайру гашт баромадем.

Диққати маро қасри боҳашамате ба худ ҷалб намуд. Фаҳмидам, ки роҳбарони Германияи фашистиро дар ҳамин қаср суд намудаанд. Қаср ниҳоят диққатҷалбкунанда ва боҳашамат буда, аз санги мармар сохта шудааст. Ҳоло ҳам ҷо-ҷо нишонаҳои тирҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба чашм мерасанд. Ба дохили қаср даромада мустаҳкамӣ ва

боҳашаматии онро дида ба меъмори он садҳо аҳсану офарин мехондам.



*Конгрессзал дар Нюрнберг*

Бинои қасрро Конгрессзал ном мебаранд. Дар дохили он осорхона мавҷуд аст. Дар он ҷо филмҳои бадеию ҳуҷҷатии даврони ҷанг ва рафти мурофиаи суди Нюренбург намоиш дода мешавад.

Дар гирду атрофи бино ҳунарнамоии ҳунармандони мамлакатҳои гуногун ташкил карда шудааст.

Мо ҷои баромади Гитлер ва роҳбарони Германияи фашистиро тамошо кардем, ки толори он барои 10 ҳазор нафар дар ҳамон давра тайёр карда шудааст. Гирдогирди деворҳои толор хеле мустаҳкам буда, ҳангоми гузаронидани ҷамъомадҳо онро аскарону афсарони бовариноки «СС» муҳофизат мекарданд.

Вақте ки мо ба ин ҷо омадем, мардум ниҳоят кам буда, дар варзишгоҳи боҳашамат мошинҳои зиёди боркаш ҷамъ шуда буданд. Ин мошинҳои боркаш аз гӯшаю канорҳои ҷаҳон ба ин ҷо бор оварда, бор мебаранд. Барои хотира ҳама якҷоя расм гирифтем. Агар ба навор мегирифтем беҳтар мебуд вале ман ас-

боби наворгириамро ҳамроҳам нагирифта будам.

Муносибати ҳалиму меҳрубононаи мардуми Олмонро дида, беихтиёр филмҳои солҳои ҷанг, ки афсарону аскарони немис ба ҷаллодон шабоҳат доштанд ба ёдам омад. Дар ҳақиқат ҷанг ҷанг аст. Инсоният имрӯз ва оянда ҷаллодони фашистиро маҳкум мекунад ва барои онҳо бахшиш нест. Ҳоло ҳам ақидаҳои фашистӣ дар мафкураи баъзе ашхос дар тамоми ҷаҳон вуҷуд дорад.



*Фашистони навбаромад*

Гуруҳҳои фашистӣ дар аксари мамлакатҳо ташкил шуда истодаанд. Ба фикри ман бояд роҳбарони мамлакатҳо хусуматҳои берунаро як тараф гузошта пеши роҳи ин гурӯҳҳои терористӣ ва экстремистиро дар мамлакати худ гиранд, ки барои пойдории

давлати онҳо хавфи калон дорад.

Дар ҳама миллату халқиятҳо одамони неку бад арзи вуҷуд доранд. Дар Олмон ҳам ман инро мушоҳида намудам. Як қисми мардум ба намояндагони дигар миллатҳо бо ҳисси бадбинӣ чашм медӯхтанд. Ҳатто кушоду равшан онҳоро швей (хук) ё шайзе (саргин) меноманд.

Бисёр хислатҳои бади инсониро дар Олмон мушоҳида намудам, ки барои мардуми мо бегона мебошанд. Барои онҳо сари дастурхон афшондани бинӣ чизи муқаррарӣ мебошад, ки борҳо ба ин ҳолат ғирифтор шудаму аз хӯрдани хӯрок худдорӣ намудам. Дигар ин ки дар куҷое набошад онҳо боди мухолифашонро озодонаю беҳаёона сар медиҳанд.

Ин сатрҳоро иншо менамудаму солҳои 1989 ҳамроҳи Саидқул, Магдалена, Аскар ва Андрей ба ноҳияи Данғара ба истироҳат рафтанамон ба ёдам омад.

Ба деҳаи Оличадараи ноҳияи Данғара расида барои истироҳат намудан ҷойи муносиб интихоб намудем. Лаҳзае нагузашта осмонро абрҳои сиёҳ иҳота намуда, борон ба боридан сар кард. Ҳамроҳ хонаи муваққатии сайёҳӣ (палатка)-и ду- хонагӣ доштем, зуд онро ҷо ба ҷо намуда ҷойгир шуда, хоб рафтем. Ногаҳон нисфи шаб аз тарафи ҷойи хоби Саидқул овози сахти гӯшхарош ба гӯшамон расид. Андрей аз хоб бедор шуда якбора аз бӯи бад ба берун баромад. Минбаъд ӯ Саидқулро ҳазломезона пирамарди садобаланд номгузорӣ намуд. Яъне ман гуфтанӣ ҳастам, ки баъзе ашхоси мо низ одатҳои мардуми Олмонро доранд.

Дар Олмон ман шоҳиди он будам, ки дар тӯйи арусӣ, ҳангоми ба назди мошин рафтани домоду

арӯс, баногоҳ арӯс якбора дар ҷояш истода бинияшро ҷинҷ карда, бо садои баланд боди мухолифашро сар дод. Мардуми дар туй ишитрокдошта бо садои «браво», ҳама қарсак заданд. Мумкин ин ҳодиса ба ақидаи олмониҳо аз зиндагии хуби ояндаи навхонадорон пайғом бошад.

Дигар хислати номақбули олмониҳо он мебошад, ки муносибати хешу табориашон сард мебошад. Онҳо танҳо ба падару модар ва хоҳару бародар муносибати наздик доранду халос. Амакбача, холабача, тағобача барояшон қариб бегона мебошад. Барои мо бошад ин одат вуҷуд надошта, муносибати хешу табориамон ниҳоят самимӣ мебошад.

Борҳо шунидам, ки дар Олмон фарзандон хонадор, ки шуданд падару модари худро фаромӯш мекунанд. Мегӯянд, менамоянд, ки волидайни мо вазифаи худро ба ҷо оварданд. Мо дигар ба онҳо бори гарони зиндагӣ намегардем. Аз як ҷиҳат ба ақидаи онҳо розӣ шудан мумкин аст, вале ин маънои онро надорад, ки фарзандон бояд волидайни худро фаромӯш намоянд.

Дар Олмон чун мамлакати тараққикардаи чаҳон муфтхӯронро ниҳоят бад мебинанд ва барои онҳо дар ҷамъият ҷой вуҷуд надорад.

Ба тӯю маъракаҳояшон бе даъватнома ягон касро қабул намекунанд. Ҳатто агар додар даъватнома надошта бошад, иҷозати ба маъракаи бародараш рафтанро надорад.

Дар маъракаҳои мо бошад баъзе беномусҳо даъват нашуда бошанд ҳам иштирок намуда, ҳатто болонишин шуда таъби ҳамаро хира мекунанд. Барои онҳо фарқ надорад, ки маъракаи кист ва иштироки онҳо

зарурият дорад ё не. Танҳо хӯрдану нӯшиданашонро медонанду халос. Баъди сархушӣ ба мастию рақси бемаъни машғул гардида айши одамонро заҳр мекунанд.

*Нохонда марав ту бар сари хони касе,*
*Бе қадр шавӣ, агар хурӣ нони касе.*
*Як пораи нони қоқу як косаи об*
*Беҳтар зи ҳазор баррабирёни касе.*

Дигар одати бади мо он аст, ки дар маъракаҳо сарфаю сариштакориро риоя намекунем. Ин одат дар намояндагони дигар халқиятҳои муқими Тоҷикистон қариб ки дида намешавад. Мардуми мо бошад ба қавле «пояшро ба андозаи курпааш дароз намекунад», ба қарз ғутида маъракаи дабдабанок мекунаду баъди рафтани меҳмонҳо намедонад сарашро ба куҷо занад.

Пеш аз ба Олмон сафар карданам барои хешону наздиконам зиёфат додам. Аз деҳаи Комсомол наздиконамро даъват кардам. Вақте, ки онҳо омаданд ҳамроҳашон якчанд шахсеро, ки аз дидори онҳо тамоми мардуми қишлоқ безор аст, дидам. Аз дидани онҳо таъбам хира гашт. Вале сир бой надодам.

Зиндагӣ пастиву баландиҳои худро дорад. Одамони донишманд, боақлу солим бо замона созгорӣ менамоянд. Ман инро дар ҳаёт борҳо мушоҳида намудаам. Шодравон Сироҷиддин Исоев зиёда аз 28 сол роҳбари ноҳия буд ва борҳо таъкид мекард, ки агар аз дастат некӣ ояд бикун ва агар наояд бадиро ба касе раво набин, зеро ҳама чиз мегузарад, вале некӣ то абад боқӣ мемонад.

Дигар одати олмониҳо, ки ба ман қобили қабул

нашуд, муносибати хунуки хурдсолон ба калонсолон буд. Барои онҳо фарқ надорад. Хурдсолону калонсолон ба ҳамдигар як хел муносибат менамоянд. Хурдсолон калонсолонро бо номашон ном мегиранд ва суҳбат мекунанд. Ҳатто келин номи падари шавҳаратро гирифта бо ӯ ҳамсуҳбат мешавад. Барои мардуми мо бегона аст, ки дар хона аҳли хонадон бо либоси таг нимурён шиштухез намоянд. Барояшон онҳо фарқ надорад. Аввал ман шарм мекардам. Баъди чанде одат кардаму мисли онҳо бо либосҳои таг гашту гузор мекардам. Чи хеле дар урфият мегӯянд: «Дар шаҳри якчашма, ки рафтӣ як чашматро бояд кӯр кунӣ»...

Якчанд бор дар маъракаҳои хешу табор низ аҳамият додам, ки баъзе ашхос мағрурона ба тӯй ё маърака бо либоси шабпӯшӣ омаданд. Ин либосро танҳо дар ҷойгаҳи хоб пушидан лозим аст. Ҳатто дар ҳавлӣ дар назди фарзандону аҳли оила пӯшидани ин гуна либосҳо аз рӯи одати мардуми мо нест. Намедонам онҳо ин одатро аз куҷо омӯхта бошанд. Ба андешаи ман ба маросиму маъракаҳо бо либоси расмӣ ё либоси миллӣ ҳозир шудан лозим аст.



*Шаҳри Шпайер*

Рӯзи 15 май маро духтари зебою қадраси Магдалена, ки дар шаҳри қадимаи Шпайер истиқомат менамуд ба меҳмонӣ даъват кард. Субҳи барвақт аз хоб хеста аз тиреза ба берун дида дӯхтам. Ҳис намудам, ки ҳаво нисбати дирӯза хунук асту сим-сим борон меборад. Каме ба варзиш машғул шуда, аз харита муайян намудам, ки шаҳри Шпайер аз Гунсенхаузен дар масофаи 250 километр ва аз шаҳри зебои Нюрнберг 200 километр дуртар воқеъ будааст. Ин шаҳр дар назди дарёи Рейн ҷойгир шудааст. Тақрибан 50 ҳазор аҳолӣ дорад . Номаш аз дарёчаи Шпайербах гирифта шудааст.

Мо соати 8-и пагоҳӣ ба сафар баромадем. Магдалена бо табъи дилам рафтор намуд. Ин сафарро аз рафиқаш Марио пинҳон намуда, ӯро ҳамроҳ нагирифт. Охир Марио дарди сар ва барои ман каси дар

суҳбату меҳмонӣ зиёдатӣ мебошад. Вале афсус...

Магдалена мошинро бо суръати баланд меронд. Роҳҳо ба тамоми стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд. Тахту ҳамвор, агар дар роҳ пашшае нишаста бошад ба чашм мерасад. Ба ду тарафи роҳ дида дӯхта, дилам аз фараҳ лабрез мегардид. Ҳама ҷо сабзу хуррам, дар ду тарафи роҳ заминҳои гандум, рапс, картошка, ҷуворимакка кишт намудаанд, ки дар айни сабзиш буда, тамошояшон ба кас олам-олам ҳаловат мебахшад. Дар ҳар 10-16 километри роҳ қалъаҳои қадимаи насронӣ ба назар мерасанд, ки насли имрӯза ба онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Мошинаи мо бо суръати баланд пеш медавад. Магдалена номи ҳар шаҳру деҳаро ба ман муаррифӣ менамуд, вале онҳо чунон зиёд буданд, ки дар хотирам намондаанд.

Дар аксарияти деҳаҳо дастгоҳҳои бодии барқӣ васл карда шудаанд, ки ниҳоят фоидаовар мебошанд. Мардум аз он истифода бурда маблағи андоз ва хаққи қувваи барқро намесупоранд. Ҳатто мошинҳои сабукрав, ки бо қувваи газу барқ ҳаракат мекунанд аз супоридани андоз озод мебошанд.

Аз Душанбе рӯзи сафар якчанд сабтҳои овозхонони тоҷикро гирифта будам. Аз Магдалена хоҳиш намудам , ки яке аз онҳоро ба магнитафон гузорад. Ӯ рад накард. Баръакс хурсанд шуд. Охир ӯ ҳам нисфи умри ширини худро дар Тоҷикистони азиз, ноҳияи овозадори Колхозобод гузаронидааст.

Ӯ касетаи ҳофизи умедбахши тоҷик Баҳроми Ғафуриро гузошт, ки бо овози ширину ширадори худ сурудеро дар васфи Ватан бо санъати баланд замзама

менамуд. Мафтуни тамошои табиати зебои ин диёр ва овози ширадори ҳофиз гардида, беихтиёр хешу табор ёру дӯстон пеши назарам ҷилвагар гардиданд. Аз чи бошад, ки худро ғариб гумон намудаму зери лаб шеъри шоири тоҷикро замзама кардам:

*Эй кош гадо бошам, дар хоки Ватан бошам,*
*Дар ҷабру ҷафо бошам, дар хоки Ватан бошам.*

Дар чашмонам ба ёди Тоҷикистони азиз ашк беихтиёр ҳалқа зад.

Дар рӯзҳои дар Олмон буданам ба рости духтарони зебои атласпӯши тоҷикро хеле пазмон шуда будам. Зеро дар ин ҷо бо занони хушрӯю зебое вонахӯрдам. Ҳама занҳо аз пир то ҷавон якранганд, андоми зардчаю сафед, бадани фарбеҳ, рӯйи назарногир доштанд. Хаёл мекунӣ, ки бо ҳамдигар хешу табори наздиканд. Аксарият занону мардон либосҳои ҷавонона мепӯшанд. Ҳам кампири 80 сола ва ҳам мӯйсафеди 80-сола шимҳои ҷинс ва майкаи дарозостин мепӯшанд, ки ба онҳо ҳаргиз намезебад.

Дар кӯчаҳо аксар вақт бо мардҳое рӯ ба рӯ мешавӣ, ки монанди онҳо дар Тоҷикистон вонахӯрдаам. Марди фарбеҳтарини ноҳияи Колхозобод дар назди онҳо ба назар одамча менамояд.

Бо чунин фикру андешаҳо ба шаҳри қадимаю зебои Ротенбург расиданамонро нафаҳмидам. Шаҳр хеле зебою дилоро буда, аз паҳлуяш дарёи номдори Рейн ҷорӣ мебошад.



*Ротенбург*

Шаҳр сабзу хуррам буда, гирду атрофашро деҳаҳои хурду калони зебо (дорф) иҳота кардаанд.

Неля ҳамроҳи шавҳараш Маркус, ки немиси муқимӣ асту дар мактаб омӯзгор мебошад, бо ду писару як духтари дустрӯякаш дар хонаи қадима, ки табъи дилашон мебошад, зиндагонӣ мекунанд.

Хеле аҷиб аст, ки тамоми корҳои хонаро шавҳараш ба ҷо меоварад. Хонаро рӯбучин мекунад, хӯрокҳои гуногуни болаззат мепазад. Ҳатто кӯдаки шашмоҳаро ҳам ӯ нигоҳубин менамояд. Ба кору бори Маркус дида дӯхта ба ӯ аҳсан хондам, корҳои ба ҷо овардаи ӯро дида аз занҳои тоҷик ёдовар шудам. Аксарияти корҳои хона ва замини наздиҳавлигӣ ба дӯши онҳо мебошад. Аз субҳи барвақт то дамидани торикӣ дар ҷунбуҷул мебошанд. Вале бо вуҷудн ин дилкашу зебоянд. Агар якрӯза кори занҳои тоҷикро

ба души хонумҳои олмонӣ вогузор намоем, намедонам аҳволашон чи мешавад...

Дар саросари Олмон масъалаи таъмин бо қувваи барқ ҳалли худро пурра ёфтааст. Қад-қади роҳ қариб дар канори ҳамаи шаҳрҳои калон неругоҳи барқии атомӣ сохта шудааст, ки мардум умуман танқисӣ намекашанд ва аксарияти корҳо ба воситаи барқ анҷом меёбанд.

Дар мағозаҳо тамоми намудҳои нимтайёри хӯрокӣ ба фурӯш гузошта шудааст, ки мардум имконияти пурраи харидорӣ намудани онҳоро доранд. Олмониҳо нонро ниҳоят кам истеъмол менамоянд, зеро нархаш нисбати дигар маводҳои хӯрокӣ қиматтар мебошад. Як килограмм нон се эвро ё баробари 3,5 доллар, ба пули тоҷикӣ бошад 15 сомониро ташкил медиҳад. Нонҳои сиёҳ бошад аз ин ҳам қиматтар нарх доранд.

Ҳангоми ба Олмон азми сафар намуданам, Магдалена хоҳиш кард, ки барои ӯ ва Андрей нони хонагӣ ҳамроҳ гирам. Хоҳишашро ба ҷо овардам. Ҳангоми болои дастурхон гузоштани нонҳо ҳар ду нонро бӯй намуданд, дар чашмонашон ашк ҳалқа зад.

– Ташаккури зиёд Сафар Саидович, ба ростӣ аз ин нонҳои ширину болаззат бӯи Ватан-Тоҷикистони азиз меояд, – гуфтанд ҳар ду баробар ва илова намуданд, – кай як бори дигар Худо моро насиби дидори ин диёри биҳиштосо мекарда бошад?

– Насиб бошад ҳамин, ки рафтам даъватнома мефиристам ва омаданатонро интизор мешавам, – гуфтам дар ҷавоб ва суханамро идома додам. – Навмед набояд шуд. Орзуи дидори Ватан, ки кардӣ насиб бошад, он албатта ҷомаи амал мепӯшад. Шоир

беҳуда нафармудааст:

*Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,*
*Зиндагиро орзу ширин намуд.*

– Рост мегӯӣ, Сафар Саидович, лекин ман он Магдаленаи пештара нестам, умрам ба ҷое расидааст. Бар замми он, Марио хоҳу нохоҳ сади роҳи сафарам мегардад.

Хомӯширо авло дониста чизе нагуфтам...

Дар хонаи Неля каме нишаста истироҳат намудем ва бо хоҳиши ман ба тамошои шаҳр баромадем. Неля кӯдаки ширмакашро дар миёнаш баста ҳамроҳаш гирифт. Аҷибаш ин, ки дар давоми ду соат дар шаҳр сайр намудан, кӯдак боре ҳам гиря накард. Ман мушоҳида намудам, ки ҳам Неля ва ҳам шавҳараш ба нигоҳубини он аҳамияти махсус медиҳанд. Сари вақт шир медиҳанд, либосашро иваз мекунанд ва меҳрубонона навозишаш менамоянд.

Дар мо чӣ? Кӯдак хоҳ дар гаҳвора, хоҳ дар замин бошад, гиря гулӯгираш кунад ҳам модар ба корҳои рӯзғор машғул шуда ӯро намемаконад. Кӯдаки бечораро ҳатто сари вақт оббозӣ намедоронанд. Неля кӯдакашро ҳамроҳи шавҳараш дар як рӯз 3-4 маротиба оббозӣ медоронанд.

Бояд ёдовар шуд, ки бо ин ҳама беаҳамиятиҳо ҳам зани тоҷик дар ҳама давру замон фарзанди солиму боақлу бофарҳангро ба дунё меоварад.

Ин сатрҳоро рӯйи қоғаз меовардам, ки як лаҳзаи солҳои ҷавонӣ ба ёдам омад.

Дар замони Шӯравӣ ба ҳама гӯшаю канори Тоҷикистон аз Федератсияи Россия барои кори омӯзгори роҳхат медоданд. Солҳои ҳафтодум ба

мактаби деҳаи мо ду духтараки ҷавони ниҳоят зебо Шура ва Света ба кор омаданд.

Ҳусни зебо қаду қомати баланд ва муйҳои буридаашон ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекард. Ману Саидқул Шомалангов аз хурдӣ, ки духтарони зеборо дӯст медоштем, ҳамон замон «ошиқи зор» шуда, кӯшиши ба онҳо шинос шуданро намудем. Хушбахтона ба мақсадамон расидем...

Як бегоҳӣ ҳамроҳи Саидқул, Шура ва Света ба кӯча баромадем. Аз пешамон занҳои хоҷагӣ аз майдони пахтазор баромаданд. Дар ҳақиқат баъди меҳнати ҳалолу аҳлона миёни пахтазор сару рӯйи онҳо каму беш чанголуд шуда буданд. Шура ва Света ба онҳо назар карда гуфтанд, ки чи хел занҳои шумо ба тозагию озодагии худ нигоҳ намекунанд. Бубинед, онҳо ҷавон бошанд ҳам, симояшон ба кампири солхӯрда шабоҳат дорад.

Аз ин суханони ноҷои онҳо Саидқул бадхашм гардида гуфт:

– Ҳамин ду ҷавони тануманди зеборо, ки ҳамроҳатон мебошанд ҳамин модарони меҳнатдӯсту ватандӯст таваллуд намудаанд. Агар шумо ба қавли худатон паризодҳоро як соат даруни пахтазор дароранд, намедонам ба чӣ монанд мешавед.

Ӯ инро гуфту ба забони тоҷикй шеъри Саъдии Шерозиро хонда тарҷума намуд:

*Тани одами шариф аст ба ҷони одамият.*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ.*
*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият?*

Баъди ин суханони Саидқул ҳар ду худро дар ҳолати ногувор ҳис намуда, узр пурсиданд.

Илова карда гуфтаниам, ки мардуми тоҷик дар руҳияи маданияти баланди тозагию озодагӣ умр ба сар мебарад. Аз мушоҳидаам хуб медонам, ки ҳар як оилаи тоҷику тоҷикистонӣ тозагию озодагиро меписанданд ва онро ба фарзандон низ аз хурдсолӣ меомӯзонанд. Мардуми мусулмон пеш аз намоз ҳама вақт худро тозаю озода намуда, баъд ба намозгузорӣ шуруъ менамоянд. Ҳамин гуфтаҳо исботи тозагию озодагии мардуми мо мебошанд.

Ба хаёл фурӯ рафта, аз лаҳзаҳои сафарам ба шаҳри Шпайер каме канор мондам. Шаҳр қадима буда, аз солҳои 1100-1200 арзи вуҷуд дорад. Таърихи гузаштаи шаҳрро ёдовар шуда мегӯянд, ки онро борҳо руминиҳо ва македониҳо забт намуда, ба хок яксон кардаанд. Вале сокинонаш, ки ватандӯсту меҳнатдӯст буданд онро аз нав боз барқарор менамуданд.

Як қатор биноҳои асрҳои XII-XVI ҳоло ҳам дар ҳолати хуб буда, аз тарафи давлат азнавсозӣ шуда истодаанд.

Биноҳои қадима аз тарафи давлат муҳофизат карда шуда дар ҳолати аз тарафи касе хароб намудани он аз ӯ ҷаримаи калон меситонанд ё ба муҳлати дароз ба маҳбас гирифта мешаванд. Пеш аз нисфирӯзӣ мо ба калисои яҳудиён, ки он дар асри XI сохта шудааст даромадем. Онро археологҳо нав кашф намудаанд. Дар ин ҷо ба манораи шаҳр, ки 100 метр баландӣ дорад баромада расм гирифтем.

Вақти аз мағозаҳо дидан намудан Неля бо воситаи телефони мобилӣ, маро ба хӯроки нисфирӯзи даъват намуд. Шавҳараш Маркус барои мо хӯроки намуди ҳиндуӣ пухта буд, ки маззае надошт. Ҳама шароб нӯшиданд, ман ҳам 50 грамм арақи русӣ нушидам.

Бегоҳӣ соати шаш ба шаҳри Гунсенхаузен баргаштем. Дар роҳ аз шаҳрҳои Штутгарт ва Асбак дидан намудем. Соатҳои ҳаштуним ба шаҳр расидем, дар тарабхонаи *юнонӣ* хӯроки бегоҳӣ хӯрда ба воситаи ҷангалзор бо Магдалена ба хона омадем.



*Шаҳри Шпайер*

Рӯзӣ 16 май хеле барвақт аз хоб бедор гардидам. Лаҳзае ба варзиш машғул шуда, ба берун баромадам. Ҳаво каме сард буд, вале ба димоғ бӯйи баҳор меомад. Сим-сим борон борида, ҳаво ниҳоят тозаю озода табъи дили ман буд.

Худамро хеле бардаму бақувват ҳис намудам. Зери борони боҳаловати баҳорӣ каме гашту гузор карда ба хона даромадам. Фишори хунамро санҷидам. Нисбати дигар рӯзҳо хеле беҳтар 130 бар 80 буд. Шод шудам, ки саломатиам хеле беҳтар гаштааст. Аз ин хурсандии ман Магдалена руҳ гирифта гуфт:

– Сафар Саидович, мебинам, ки имрӯз нисбат ба дигар рӯзҳо худро бардаму бақувват ҳис мекунед. Ман хеле шоду мамнунам.

– Аз Шумо Магдалена як умр миннатдорам. Барои ба ҷо овардани меҳмондории ман тамоми корҳои аз дастатон омадаро ба ҷо овардед, – гуфтам дар ҷавоб.

– Ин хел нагӯед Сафар Саидович, солҳои дар Колхозобод буданам, шумо даҳҳо ҳазор бор бештар барои ману писарам Андрей хизмат намудед, ки ман онро як умр фаромӯш намекунам, – гуфт Мангдалена ва илова намуд, ки омодагӣ бинед имруз азми сафари шаҳри қадимаю зебои Ротенбург мекунем.

Хеле шод гардидам, ки Магдалена хизматҳои ба онҳо кардаамро аз ёдаш набаровардааст.

Ба сафар пурра тайёр шудам. Дар хона хӯроки пагоҳирӯзӣ хӯрда соати $8^{00}$ ба роҳ баромадем. Шаҳри Ротенбург аз шаҳри Гунсенхаузен дар масофаи 200 километр дур воқеъ мебошад. Дар ин сафар бо мо апаи Магдалена Катя ҳамроҳ гардид. Ин сафарамон ба назарам хеле аҷоибу ғароиб намуд. Табиати зебои афсунгар, шаҳру деҳаҳои ободу зебою дилкаши ба ҳам монанд, қалъаҳои куҳнаи қадима ва стансияҳои атомии барқӣ, ки хеле ба назар дилфиреб менамоянд, ба кас олам – олам ҳаловат мебахшанд.

Гулҳои рангорангу хушбӯйи ҷангалзорҳои сабзу хуррам ба ин диёри афсонавӣ ҳусну таровати тоза мебахшанд.

Роҳҳо тахту ҳамвор буда, роҳдорон онро ҳамеша дар ҳолати замонавӣ нигоҳ медоранд. Зеро онҳо аз ин фоидаи калон ба даст меоварданд. Ҳамаи ронандагон ба маблағи зиёд андози роҳ месупоранд. Агар соҳибони роҳ заррае ҳам қоидаҳои нигоҳубини

роҳро риоя накунанд давлат аз онҳо ҷаримаи калон меситонад. Дар сурати сари вақт пардохт накардани ҷарима, роҳ аз онхо кашида гирифта, ба ивази ҷаримааш ба шахси бойи пулдори дигар супорида мешавад. Дар Олмон қисми зиёди даромади мамлакат фақат аз ҳамин ҳисоби ҷарима ва сари вақт супоридани маблағи андоз баланд гардидааст.

Риояи ҳаракати нақлиёт зери назорати қатъӣ мебошад. Дар канори роҳҳо асбобҳое гузошта шудаанд, ки суръати ҳаракати нақлиётро ба навор мегирад. Мошинаи мо дар маҳалаи аҳолинишин бо суръати каме баландтар ҳаракат намуд. Пагоҳӣ ба хона ҳуҷҷат оварданд, ки ронанда дар маҳалаи аҳолинишин бо суръати баланд ҳаракат намудааст. Ӯро 60 эвро ҷарима намуданд. Бе каму кост ӯ пулро дар бонк супорид.

Баъди ду соат мо ба шаҳри ниҳоят зебои қадимаи Ротенбург, ки аз асрҳои XI-XII вуҷуд дорад, расидем. Шаҳр болои теппае ҷойгир буда, гирду атрофаш бо қалъа аз девори сангин маҳкам карда шудааст. Гирду атрофи шаҳрро алафҳои сабзу хуррам ва зебо иҳота намудаанд, ки он ба шаҳрҳои зебои Кисловодск, Пятигорск ва ноҳияи Файзобод шабоҳат дорад.

Шаҳр дорои мағозаҳои бешумор буда, дар онхо туҳфаҳои гуногуни худсоз ба фурӯш бароварда шудаанд. Баъзеи ин туҳфаҳо дар Тоҷикистони офтобии мо ба як пули пучак намеарзанд. Ман аз фурӯшанда хоҳиш намудам, ки шамшереро, ки аз чӯб сохта шудааст нишон диҳад. Нархашро пурсидам. Ӯ аз ман 6 эвро талаб намуд. Ангушти ҳайрат газидам. Катя, ки дар паҳлуям буд шамшерро дар дастам дида гуфт:

– Сафар Саидович барои хотира онро ҳамроҳ гиред. Маблағашро ман месупорам.

– Катяҷон чиҳо мегӯӣ. Гап дар нархаш нест. Охир чунин шамшери чубинро дар хона дар ду соат даҳто месозам, – гуфтам хандаомезона ман.



*Ротенбург*



*Мағозаи яроқфурӯшӣ дар Олмон*



*Фойтун дар Ротенбург*

Вале дидам, ки олмониҳои дигар шаҳрҳо ин туҳфаҳои ба мо нолозимро барои намоиши хонаҳояшон бо завқ харидорӣ менамоянд. Ба яке аз мағозаҳо даромадем, ки дар он тамоми яроқҳои оташфишон ба фурӯш гузошта шудаанд. Аз 200 евро сар карда то 8 500 евро нархгузорӣ карда шудаанд. Ба ман таклиф намуданд, ки ягон намуди яроқро харидорӣ намоям. Рад кардам, зеро аниқ медонам, ки бурдани он ба Тоҷикистон ғайри имкон мебошад.

– Аҷоибаш он аст, ки дар ин шаҳри қадимаи зебо танҳо фойтунҳои дукаса мегарданду халос. Ман дигар ягон намуди нақлиётро вонахӯрдам. Маро бо маблағ ба фойтун ба саёҳат даъват намуданд. Рад накардам, хеле сайёҳат намуда, мабалағашро супо-

ридем.

Ҳама чизро пулу мол ҳал мекунад. Ба қавле дар Олмон бепул саломатро алейк намегиранд. Баъди сайру сайёҳат ба тарабхонаи хурде даромада шарбат, кофеи итолиёвӣ ва торт фармудем. Пешхизмат аз мо 25 евро талаб намуд.

Дар бораи тасвири табиати зебои шаҳру сайру сайёҳати мо сатрҳои зиёд иншо намудан мумкин аст. Вале ин вақти зиёдро мегираду хонандаи азизи мо дилгир мегардад. Хуллас, баъди нисфирӯзӣ ба хона баргаштем. Дар роҳ ба тарабхонаи Қалъа-меҳмонхонаи қадима хӯроки шом хӯрдем. Хӯроки тарабхона болаззат буд. Бо иштиҳо 50 грамм арақи русӣ нӯшида хӯрок хӯрдам.

Дар Олмон шоҳиди тӯйи хонадоршавии ду ҷуфт гардидем. Тӯйи онҳо аз тӯйҳои мардуми рус ва мо аз замин то осмон фарқ мекунад. Арӯс зани қоқинаи дароз, синну солаш тахминан 35-40 сола ва домод марди фарбеҳи 40-45 солаи муйрехта ақди никоҳ ба-станд. Аз қиёфаашон маълум, ки ҳарду то ин дам боз чандин мартиба бо дигарон зану шавҳар шудаанд. Онхо чанд сол рафиқ шуда, соҳиби фарзанданду ак-нун ақди никоҳ баста истодаанд.

Соати *9*$^{30}$ дақиқа, ки торик шуда буд, ба шаҳри Гунсенхаузен расидем. Гапи Магдалена бо рафиқаш (шавҳари ояндааш) гурехт. Онҳо бо забони немисӣ бадқаҳрона ба ҳам ким – чиҳо мегуфтанд.

– Магдалена, сабаби ҷанҷоли шумо дар чист?- пурсидам.

– Сафар Саидович, ӯ аз шумо рашк мекунад, – гуфт кутоҳакак Магдалена.

– Магдалена ба ин зоти шариф фаҳмон, ки ман ои-

ладор ва соҳиби фарзандони баркамолу набераҳои дустрӯяк мебошам. Онҳоро аз ҷон зиёд дӯст медорам ва сахт пазмонашон шудам. Ягон дурӯғ гӯй. Масалан гӯй, ки ман занҳоро бад мебинам ва се сол аст, ки бо ягон зан алоқа накардаам. Афсус, ки табобатам ба охир нарасидааст, набошад ҳамин лаҳза ба Ватан-Тоҷикистони азизу меҳрубон азми сафар мекунам, – гуфтам ман.

– Сафар Саидович, шумо меҳмони азизу муътабари ман ҳастед, на аз ӯ. Хоҳиш мекунам, ки ин фикрҳоро аз саратон дур карда, хонаи моро хонаи худатон ҳисоб намоед, – гуфт Магдалена.

Ба ростӣ, табъам каме болида гардид ва бо ӯ якчанд ҳазл намудам, ки аз навиштани онҳо дар ин китоб худдорӣ намудам.

Ба хона даромадам. Худамро хеле хастаю монда ҳис намудам. Охир мо 12-13 соат дар роҳ будем. Фишори хунамро санҷидам 165 ба 95 буд, ки ин барои ман каму беш зиёд мебошад. Шаб нороҳат хоб рафтам.

Рӯзи 17 майи соли 2004 пагоҳӣ аз хоб хеста, худро каме беҳтар ҳис намудам. Фишори хунам муътадил. Ҳаво низ табъи дилам. Офтоби оламоро нурҳои заррини худро ба замин мерехт. Гоҳ-гоҳ абрҳои тира онро паноҳ менамуданд. Наҳорӣ карда ба варзиш машғул шудам. Ҳарчанд, ки намоз нахондам ҳам лекин аз руйи одат чор ояти қуръонро дар ҳақи гузаштагони бузургворам қироат намудам. Каме нишаста ёддоштҳоямро якчанд сатр навиштам. Баъд хостам дар кӯча каме сайру гашт намоям. Вале аз пешам Магдалена баромада маро аз роҳам гардонид. Бегоҳӣ Марио омад. Хӯроки бегоҳирӯзӣ хурдем, ки за-

ну шавҳар чун одати ҳаррӯза ба баҳсу мунозира даромаданд. Аҳамият надода ба мутолиаи китоби «Спартак» шурӯъ намудам. Чаро ман ба муносибату зиндагии онҳо худамро ҳамроҳ намоям?

Рӯзи дигар ҳам табъам болида буд. Барвақт ширбиринҷи бомазза хӯрда, омадани Андрейро интизор шудам. Ӯ ваъда дода буд, ки меояду мо ба ким – кадом шаҳр ба саёҳат меравем. То соати $10^{30}$ дақиқа интизор шудам. Вале намедонам бо кадом сабаб ӯ дар вақти ваъдаи додааш наомад. Маълум набуд, ки меояд ё не.

Рӯзи гузашта Ҳотамҷон занг зада буд. Ӯ аҳволпурсӣ намуда, гӯшаки телефонро ба завҷаи меҳрубонам Зумрат дод.

– Ҳа, сайру сайёҳатҳо чӣ хел гузашта истодааст? Арӯсат чӣ хел нигоҳубинат мекунад? – гуфт ӯ.

Вале ба фикрам Ҳотамҷон ба модараш чизе гуфт, ки Зумрат суханрониашро дигар намуда, аз аҳволи саломатиам пурсида гуфт, ки оё худамро аз муоинаи тибби гузаронидам. Баъд пурсид, ки кай азми сафари Ватан мекунам.

– Ба ростӣ, ҷони ширин, ҳамаи шумо, хешу табор, бародарону хоҳарон, фарзандону наберагони азизамро сахт пазмон шудаам. Шабу рӯзро дар ёди шумо мегузаронам. Баъд аз Ҳотамҷон хоҳиш кардам, ки дастгоҳи телефонро нав кунад, то ки ман бемалол бо онҳо гуфтугӯ намоям.

Боз хеле Андрейро интизорӣ кашидам. Бисёр мехостам, ки ӯро дида дар бораи сафарҳоямон ба мамлакатҳои Аврупо маслиҳат кунам. Ман имконияти пурра дорам, ки аз ин ҷо ба мамлакатҳои тараққикардаи чаҳон аз ҷумла, Швейтсария, Голлан-

дия, Италия, Норвегия, Франсия, Англия, Австрия ва ғайра сафар намоям. Масофа аз шаҳри Гунсенхаузен то сарҳади Голландия ва Швейтсария ҳамагӣ 200-250 километрро ташкил медиҳад. Нарх низ дастрас буда, 300 евро арзиш дорад. Ба ин мамлакатҳо барои сафар поезди тезгард (экспресс) ба роҳ монда шудааст.

Ман худ ба худ азм намудам, ки аввал ба Голландия сафар кунам. Зеро ба шунидам дар ин мамлакати тараққикарда духтурони машҳури дилшинос кор мекунанд. Мақсад гузоштам, ки аз муоинаи онҳо мегузарам. Танҳо ин масъаларо бо Андрей пазондан лозим буду халос.

Дар ҳамин андешаҳо аз чи бошад, ки дилам ба дард даромад. Фишори хунам паст гардид. Фикр мекунам, ки он ба ивазшавии обу ҳаво вобаста мебошад. Зеро дар ин ҷо обу ҳаво зуд-зуд тағйир меёбад. Як дам офтоб асту, гох-гох осмонро абрҳои тӯда фаро мегиранд, лаҳза ба лаҳза борон меборад, шамол муътадил мевазад, ки ин албата ба саломатӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Боз чанде Андрейро интизор шудам, ки наомад. Интизориро бадтар аз ҷон кандан мегуфтанд, ки ҳақ асту рост. Хеле мондаю ошуфтаҳол гардида, азм намудам, ки танҳо ба кӯча мебароям. Каме сайру гашт мекунам. Ба берун баромадам. Боди мулоими форам мевазид. Аз чи бошад, ки якбора худро хеле бардаму бақувват ҳис кардам.

Дар кӯчаҳои шахр хеле сайр намудам, ки аз пешам Андрей баромад. Барои дер омаданаш узр пурсид.

– Сафар Саидович, аз рӯйи нақша имрӯз ба шаҳри Нюренберг меравем, – гуфт ӯ ва маро барои ба мошина нишастан таклиф намуд.

Дар шаҳр хеле сайр намуда, ба мағозаҳо даромадем. Ба ман мағозаи фурӯши маводҳои хона ниҳоят маъқул гардид. Дар он тамоми намудҳои ашёҳои зарурии хона мавҷуд буданд. Мизу курсӣ, кат ва умуман ҳамаи молҳои рӯзғор аз чӯби оддӣ сохта шудаанд, ки ин мақбули мардуми Олмон мебошад. Нарху навояш низ нисбати маводҳои хӯрокӣ арзонтар мебошад.

Бегоҳӣ соати 18 ба шаҳри Гунсенхаузен баргаштем. Ҳаво нисбат ба дигар рӯзҳо каме гармтар буд, ки аз ин дилам гувоҳӣ дод, ки пагоҳ ҳаво тағйир ёфта, нисбатан хунук мешавад ё шамол мевазад.

Субҳидами 19 май соли 2004 маро қар-қари зоғони сиёҳ, ки қариб ҳар саҳар аз назди тирезаи ҷойи хобам садо медод, бедор намуд. Паррандаҳо умуман дар шаҳру деҳаҳои Олмон ниҳоят кам мебошанд. Фақат гоҳ-гоҳ аз назди обанборҳо ҳамин зоғҳо пайдо мешаванду халос. Фақат як бор дар назди яке аз тарабхонаҳо ду-се гунҷишкро дидаму тамом.

Дар мамлакати биҳиштосои мо бошад ҳазорҳо ҳазор намудҳои парранда умр ба сар мебаранд, ки зеби диёр мебошанд.

Имрӯз бароям рӯзи хеле накӯ ба ҳисоб мерафт. Худамро бардаму бақувват ҳис менамудам, фишори хунам муқаррарӣ буд. Ҳамин лаҳза занги телефон баланд гардид. Гӯшакро бардоштам.

– Салом ака, ин ман Хайрулло аз Душанбе гап мезанам, – садо баромад аз гӯшаки телефон.

– Чӣ хел Хайруллоҷон, ҳама тинҷу соқу саломатанд, – пурсидам аз ӯ.

– Ҳа акаҷон, ҳама аҳли оила хешу табор соқу саломатанд. Танҳо омадани шуморо интизоранд.

Имрӯз Комилҷон ба Душанбе омада барои мошинаи ГАЗ-53-и обкаш чарх хариду рафт, – гуфт Хайрулло.

Аз руйи маслиҳат имрӯз ман худам танҳо ба шаҳр баромадам. Гирду атроф, одамон ба назарам бегона менамуданд. Оҳе аз дил кашида, пеши назарам табиати зебои Точикистони азиз, чашмаҳои мусаффо, куҳу талу теппаҳои сабзапӯш, духтарони паризоду кӯчаю хиёбонҳои сабзу хуррамаш ҷилвагар гардид.

Эй кош, ки болу пар медоштаму сӯйи Ватани ба ҷону дил баробарам ба парвоз медаромадам.

Вале сад афсус, ки ба ин қодир нестам. Ба бозору мағозаҳо даромадам. Аз тамошои онҳо лаззат мебарӣ. Тамоми фаслҳои сол ҳамаи намудҳои сабзавоту меваҷот мавҷуд мебошанд. Тоҷирон махсулотҳоро аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон Испания, Корея, Голландия, Швейтсария, Америкаи ҷанубӣ, Африка ва ғайра оварда ба фурӯш мебароранд. Ҳама маҳсулотҳои овардаашонро дар асоси қонуну қоидаҳои амалкунанда ба расмият медароранд.

Дар мағозаҳои шаҳр тамоми намуди либосҳои занонаю мардона, асбобҳои рӯзғор мавҷуданд, вале арзишашон дандоншикан мебошад.

Нархи автомашинаҳои сабукрави истеҳсоли Япония, Америка, Корея каме арзон мебошанд. Автомашинаҳои истеҳсоли Олмонӣ бошад нисбати онхо якуним баробар қимат мебошанд.

Олмониҳо одамони дурандешанд ва ба маблағи доштаашон нигоҳ карда бештар автомашинаҳои сабукрави истеҳсоли Японияро харидорӣ менамоянд.

Ба хона рафта каме истироҳат намудам, ки Магдалена омад. Гиря гулӯгираш мекард. Зор-зор мегиристу чизе намегуфт.

– Ба ту чӣ шуд Магдалена, чаро гиря мекунӣ. Магар дар кор касе ба ту суханони пасту баланд гуфт? – пурсидам аз ӯ.

– Не, Сафар Саидович, ба ростӣ кор дар ин ҷо ба ҷонам задаст. Бераҳмии беҳад зиёд ҳукумфармост. Роҳбарон танҳо дар фикри ҷамъкунии маблағи зиёданду халос. Аз мо зердастон танҳо истеҳсол намудани моли зиёдро талаб мекунанд, – гуфт гиряолуд дар ҷавоб ва илова намуд, ки ӯро ҳамроҳам ба Ватанаш – Тоҷикистони азиз барам.

– Магдаленаи азиз, ҳоло кор дар ҳама ҷо душвор аст. Шарту шароитҳо дигар шудаанд. Дар Тоҷикистон ҳам мардум бо умеди ояндаи нек шабу рӯз меҳнат менамоянд. Туро ба Ватан-Тоҷикистони азизу меҳрубон ба ҷону дил мебарам, вале медонам, ки ин хоҳишат рӯякӣ мебошад, – гуфтам дар ҷавоб.

Аз ин суханони меҳрубононаи ман ӯ каме таскин ёфта, чой нӯшиду таклиф намуд, ки биё Сафар Саидович аз фурсат истифода бурда ба саёҳати шаҳри қадимаи Вайсенбург меравем. Бо самимияти бепоён розӣ шудам. Шаҳри Вайсенбург аз шаҳри Гунсенхаузен дар масофаи 25 километр дур воқеъ будааст. Мо дар муддати ним соат ба шаҳр расида, аз мағозаҳояш барои фарзандонамон либос харидорӣ намудем. Баъдтар дар тарабхонаи беҳтарини шаҳр кофе нӯшида ба хона баргаштем.

Рӯзи 20 май барои мардуми Олмон рӯзи муқаддас ба шумор меравад. Ин рӯзро онҳо «Худо ба осмон» ном ниҳодаанд. Мардум бо велосипед ба ибодатхонаҳо қатор андар қатор раҳсипор мегарданд. Мо дар хона наҳорӣ намуда будем, ки телефони хонаи Магдалена занг зад. Онро Магдалена бардошта хеле

аҳволпурсӣ намуда, дар охир гуфт, ки мо ҳатман меоем.




*Шаҳри Вайсенбург*

– Сафар Саидович, моро хусуру хушдомани Андрей ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват намуданд. Шумо ба ин чӣ мегӯед? – баъди гузоштани гӯшаки телефон, гуфт Магдалена.

– Ман, Магдаленаи азиз, меҳмонам ва дар ихтиёри соҳибхона мебошам. Ба Шумо чи хеле маъқул бошад, ман аз таҳти дил розӣ мебошам, – гуфтам ман.

Қарибиҳои соати 14 мо ба хонаи падарарӯси Андрей омадем. Моро хеле хуш пазироӣ намуданд. Дар ҳақиқат соҳиби хона марди ситорагарми тануманд ва хушчақчақ будааст. Аҷибаш, ин ки ӯ ҳам Андрей ном доштааст. Ӯ бо суханони ширин маро ба шароити зисту зиндагонияш ошно намуд. Бо забони русӣ хеле озодона сухан меронд. Сари дастурхон нишаста дар ҳайрат мондам. Болои он тамоми нозу неъматҳои

дунё гузошта шуда буд. Бори аввал дар Олмон чунин бисёр хӯрок хӯрдам, зеро ниҳоят болаззат буданд. Магдалена дар ҳайрат монда, сӯям нигариста шӯхиомезона гуфт:

– Сафар Саидович, бори аввал мебинам, ки бо иштиҳои том хӯрок мехуред. Шуморо мабодо амаки Андрей ягон сеҳр накарда бошад.

– Ман имрӯз, Магдалена, дар ҳалқаи хешу табор, ёру дӯстон ва наздикони олмониам мебошам. Табъам болида, димоғам чоқ аст, – гуфтам дар ҷавоб. Магдалена сархуш аз ин суханони самимии ман хеле шод гардида, аз пешониам гарм бӯсид.

Андрей ва дӯсти у Виктор бо забони русӣ ба ҳамдигар баҳс мекарданд. Ман дар фазои сӯҳбати онҳо худро дар яке аз шаҳрҳои Россия эҳсос намудам.

Дар ин меҳмонӣ ман бо фарзанди дӯстам Вовка Чилаев, ки дар ноҳияи Қумсангир умр ба сар мебурданд, вохӯрдам. Аз ин вохӯрӣ шоду фараҳманд гардидам. Падари Вовка шахси обрӯманди ноҳияи Қумсангир ба ҳисоб мерафт, модараш Катя апаи Магдалена буд, ки мо зуд-зуд меҳмони онҳо мешудем. Вовкаро аз хурдсолиаш мешинохтем. Харобу хеле ноҷинс буд. Ҳоло ӯро шинохта намешавад. Ба ҷавонмарди зебою доно ва тануманд табдил ёфта, ба тоҷикон ниҳоят монанд мебошад. Ман падари ӯро хеле хуб мешинохтам. Ду сол пеш аз олам даргузашта буд. Бо Вовка суҳбатамон хеле авҷ гирифт. Ӯ дар бораи баъзе маълумотҳои таърихӣ ва пирамидаҳои Миср чунон омӯхтааст, ки ман аз онҳо умуман бехабар мебошам. Дар бораи коинот ва як қатор сайёраҳо аз ӯ бисёр маълумотҳоро гирифтам.

Ӯ аслан тоҷир асту бисёр орзу дорад, ки дар вата-

наш-Тоҷикистон нуқтаҳои савдои худро кушояд, ба гуфти ӯ барои амалӣ намудани ин нияташ каме ба дастгирӣ ниёз дорад.

– Сафар Саидович, ман ба ростӣ, зодгоҳам Тоҷикистонро сахт пазмон шудаам. Ман тоҷирам ва роҳҳои гуногуни тиҷоратро медонам. Лекин роҳи онро бо Тоҷикистони биҳиштосо наёфта истодам. Хурдсол будам, вале муносибати баланди одаму одамгарии мардуми ин мулки афсонавӣ дар ёду хаёлам сахт нақш бастааст, – гуфт ӯ ва суханашро идома дод. – Дар Олмон ҳама як мақсад доранд. Ҷамъоварии пулу сарвати беинтиҳо. Аз ҳамин сабаб мардум дар ғами чамъ овардани маблағи зиёд шуда, одаму одамгариро аз ёд баровардаанд.

Вовкаро бо диққат гӯш кардам. Ҳар гоҳ ки номи зодгоҳаш Тоҷикистонро ба забон мегирифт, дар чашмонаш ашк ҳалқа мезад. Сари хам нишаста, ба андеша фурӯ мерафт. Баъди лаҳзае ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович, медонам, ки Шумо бо падари бузургвори ман дӯстии наздик доштед. Албатта ман шуморо меҳмондории шоҳона мекунам. Вале агар розӣ бошед аз ҳисоби ман ба шаҳру деҳаҳои Голландия, Швейтсария, Италия ва мамлакатҳои дилхоҳатон ба сайру саёҳат меравем.

– Вовкаҷони азизу меҳрубон, мақсади ман ҳам сайру саёҳати ҳамин мамлакатҳо мебошад. Дар ин бора бо Андрей маслиҳат намуда будем. Агар ин масъаларо ҳал намоед, ман аз замин то осмон миннатдор мешавам, – гуфтам дар ҷавоб ва илова кардам, ки ин таклиф барои ман туҳфаи беҳтарин мебошад.

Бо ӯ ва ҳамаи ҳамсуҳбатон хайру хуш намуда, ба

хона баргаштем. Шаб хеле барвақт хоб рафтам. Саҳарии барвақт маро аз хоб садои баланди раъду барқ, бедор намуд. Саросема аз ҷой хеста ба берун дида дӯхтам, сахт борон меборид. Аз чи бошад, ки дар чунин борони сахт паррандаҳои зиёд дар ҳаво пар зада, овоз мебароварданд. Табиат баъди борону раъду барқ ба мамлакати афсонавӣ шабоҳат дошт. Мафтуни ин табиати нотакрор шуда Андрейро интизор шудам. Ӯ соати 10 омад ва мо ба сайри шаҳр баромадем. Азми шаҳри Вайсбург намуда, дар роҳ ба ғаллазору алафзор, ки аз таъсири баъди борон ба замин хобида буданд, дида дӯхтам.

Рӯзи 25 май саҳарии барвақт аз хоб бедор шудам. Бегоҳӣ ҳаво сард буд. Аз тиреза ба берун нигоҳ кардам. Маълум, ки ҳаво тағйир наёфтааст. Ҳаво софу беғубор буд ва ба кас ҳаловат мебахшид. Аз ин рӯ, пагоҳӣ як-якуним соат дар кӯчаҳои назди хонаи Магдалена сайру гашт намудам. Ин саҳар гардиши хунамро санҷидам, 150 ба 90 буд. Баъд ба кӯча баромадам. **То** баромадани Офтоб сайругашт намудам. Дар осмон абрҳо шино карда, гоҳ-гоҳ Офтоб аз пушти абрҳо намоён мегардид. Аз рӯйи нақшаи корӣ мо имрӯз бояд ба саёҳати шаҳрҳои Шпайер, Штутгарт ва Франкфурт равем.

Соати ёздаҳ Андрей бо занаш омад ва мо **аз**ми сафари шаҳрҳои Шпайер, Штутгарт ва Франкфурт намудем. Магдалена аз суханони шӯхиомези дирӯз ба шавҳаршавандааш гуфтаам ранҷида, бо ман гап намезад. Вале ман аз ин боке надоштам. Баръакс ботинан хело хурсанд будам.

Шаҳрҳои Штутгарт ва Франкфурт қад-қади дарёчаи Майн доман афрӯхта аз шаҳри Гунсенхаузен дар

масофаи 200-220 километр дуртар ҷойгир будаанд. Роҳи байни ин шаҳрҳо хам ниҳоят ҳамвор буд. Мо дар муддати якуним соат ба ин ҷо расидем. Дар паҳлуи роҳҳои мошингард роҳи оҳан мавҷуд буд, ки он ба ҳамаи шаҳрҳои Олмон пайваст мебошад. Ҳамаи сохтмонҳо, хонаҳои истиқоматии ин шаҳрҳо низ дар асоси лоиҳаҳои меъморию шаҳрсозӣ сохта шуда, дар ин ҷо нисбатан хонаҳои се-чор ошёна бештар ба чашм мерасиданд. Аз сайру гашт дар ин шаҳрҳо ба хулосае омадам, ки тамоми онҳо якранг буда, тозаю озода ва сабзу хуррам мебошанд.

Аммо қонун дар барои замин байни шаҳрҳо аз якдигар фарқ мекунад. Аз ҳамин сабаб ҳам қонунҳо оиди замин бешуморанд. Ҳатто ҳуқуқшиносони маслиҳатдиҳанда низ дар тафсири ин қонунҳо раҳгум мезананд. Ҳангоми ба онҳо муроҷиат намудан, китобҳои зиёдро варақгардон карда, баъд маслиҳати ҳуқуқӣ медиҳанд. Қонуни замин барои сокинони шаҳру деҳот қариб ягона аст. Танҳо истифодаи самараноки замин ва сари вақт пардохт намудани маблағи андоз талаб карда. Мардум ин талаботро ба ҷо оварда, зиндагии аҳли оилаи худро пеш мебаранд. Шароити зиндагӣ дар байни сокинони шаҳру деҳот қариб фарқ намекунад.

Ёд дорам, ки дар даврони шӯравӣ мардумро барои сохтмони коммунизм ҳидоят менамуданд. *Яке* аз принсипҳои он аз байн бурдани фарқияти зисту зиндагонии сокинони шаҳру деҳот буд. Ин масъала дар Олмон кайҳо ҳалли худро ёфтааст.

Инро мушоҳида намуда, беихтиёр шиори Владимир Илич Ленин «Касе кор намекунад, намехӯрад», ба ёдам омад. Ба хулосае омадам, ки доҳии пролета-

риати ҷаҳон, ки аксар вақт дар хориҷа истиқомат мекард, ин шиорро дар Олмон эҷод намудааст. Ин танҳо фикри шахсии ман аст.

Вале афсус мехӯрам, ки дар замони шӯравӣ чаро ин шиор амалӣ нагардид. Баръакс, дар қисмҳои аврупоии мамлакат аҳолӣ аз набудани ҷойи корӣ ба шаҳрҳо рафта, деҳотҳо тамоман бе одам монданд. Дар коллективҳои меҳнатӣ деҳқонону коргарон баробар меҳнат намекарданд. Вале баробар музд мегирифтанд. Пеш аз ҳама деҳқонони бригадаҳои пахтакориро дар назар дорам. Ҳар бригада то 60 нафар аъзо дошт. Вале на ҳамаи онҳо ба кор мебаромаданд. Аз набудани ҳисобу китоби аниқ хама як хел музд мегирифтанд. Инро ман дар деҳаи Комсомол хоҷагии «Коммунизм», (ҳоло ба номи Ниёзмаҳмад Бегов) ҳангоми шаш моҳ ба ҷойи акаи Ҳасан сардори бригада кор карданам фаҳмида будам.

Дар Олмон бекорон каму беш ба чашм мерасанд. Вале давлат дар бекории онҳо худро сабабгор дониста, барояшон маблағи кӯмак пардохт менамояд.

Аксарияти бекорон соҳиби хонаи истиқоматӣ, оила, мошини сабукрав буда, аз ҳисоби давлат миёнаҳолона зиндагии худро пеш мебаранд.

Дар шаҳру деҳаҳои мамлакати Олмон ман заводу фабрикаҳои калонро кам мушоҳида намудам. Корхонаҳои саноатии сабук шахсӣ буда, соҳибонашон дар кадом маҳал, ки қувваи корӣ арзон бошад онҷо корхонаро дар муҳлати кӯтоҳ месозанд. Дар аксарияти деҳаҳо корхонаҳои мошинбарорӣ, истеҳсоли анҷомҳои рӯзғор ва ғайра фаъолият менамоянд. Дар натиҷа, фарқияти сатҳи зиндагонии мардуми байни шаҳру қишлоқ аз байн рафтааст. Дар ҳақиқат, кору

фаъолияти корхонаҳои саноатии онҳо ба дараҷаи баланд роҳандозӣ шудааст. Ҳисси кунҷковӣ дар дилам ҷой гирифту ба роҳбари яке аз корхонаҳои саноатӣ ҳамсуҳбат шудам.

– Ман аз Тоҷикистон, – худро муаррифӣ карда гуфтам, – ман якчанд муддат дар мамлакати шумо меҳмон мебошам.

– Хуш омадед, хуш омадед, – гуфт ӯ ва мақсадамро пурсид.

– Дар Тоҷикистони мо заводҳои истеҳсоли қанд ва ғайра мавҷуд намебошад ва қувваи корӣ нисбат ба ин ҷо хело арзон мебошад. Барои чӣ шумо дар мамлакатҳое, ки қувваи корӣ арзон мебошад сармоягузорӣ намекунед?-пурсидам аз ӯ.

– Барои ин кор роҳбарияти мамлакат иҷозат намедиҳад. Барои гузоштани сармоя кафолати давлат лозим аст, – гуфт сардори корхона ва маро бо лабони пуртабассум гусел намуд.

Дар ҳақиқат суханонаш дурустанд. Мегӯянд, ки яке аз соҳибкороии олмонӣ меҳмони Тоҷикистон мешавад. Ҳангоми сайру сайёҳат ба деҳаи зебоманзари «Ҳушёр»-и ноҳияи Варзоб меояд. Аз тамошои табиати зебо, чашмаҳои муссаффо лаззат бурда, азм менамояд, ки дар ҳамин деҳаи зебо корхонаи хурди истеҳсоли машрубот ва обҳои ташнашиканро созад. Ӯ ба ваъда вафо карда, дар муҳлати кутоҳ корхонае сохта чанд нафарро соҳиби ҷойи кор мекунад. Рӯзҳои аввали кораш мардум ҳурмату эҳтиромаш мекарданд. Вале ин кор дер давом накард. Баъди шаш моҳ шахсони номаълум ӯро таҳқир карда, маҷбур сохтанд, ки Тоҷикистонро тарк намояд. Ҳоло корхонаи мазкур ниму нимкола фаъолият менамояду ха-

лос...

Расо соати 2 ба шаҳри Шпайер, ки қад-қади дарёи Рейн ҷойгир мебошад, расидем. Аз рӯйи нақшаамон мо бояд дар маросими салибкаши (крешения)-и писари Неля Винсент иштирок намоем. Расми салибкашӣ ин аст, ки поп ба сари кӯдак об рехта онро каме шустушӯ менамояд ва ӯро тарафдори дини насронӣ эълон менамояд. Баъд якчанд суруди динӣ назди кӯдак суруда мешавад.

Дар ин ҷо маро хеле хуш пазируфта, Винсентро аз рӯйи қоидаҳои дини насронӣ салиб кашиданд. Диққати манро тозагию озодагии калисо, ки хеле боҳашамат буд ҷалб намуд. Фикр кардам, ки чунин бинои калонро, ки лаҳзае аз мардум холӣ намебошад чӣ хел дар чунин ҳолати покиза нигоҳ медоранд.

Баъди гузаронидани маросим ба хонаи Неля омадем. Ӯ аз рӯйи анъана ва расмашон дар ошхона шириниҳои зиёд ва якчанд намуд хӯрок тайёр намуда буд. Соҳибхона болои миз танҳо чою қаҳва мегузораду халос. Аз рӯйи хоҳиш ҳар кас ба ошхона рафта, хӯроки дилхоҳашро оварда мехӯрад. Барои меҳмонон шароити худхизматрасонӣ муҳайё карда шудааст.

Занҳои Тоҷикистонро бемуҳобот биҳиштӣ меҳисобам. Ҳам пухту паз мекунанд ва ҳам ҳурмати меҳмонро содиқона ба ҷо меоваранд. Охир дар хонаи мо пайи қадами меҳмон қариб канда намегардад. Вале ман ҳатто аз ҷоям намехезам. Иззати меҳмону меҳмондориро завҷаи меҳрубонам Зумратбӣ бо расму русуми тоҷикона аз таҳти дил ба ҷо меорад. Бояд иқрор шавам, ки баъзан ман ҳам каму беш бо ӯ муносибати дурушт мекунам. Худ ба худ ваъда до-

дам, ки хислатҳои манфии худро нисбат ба завҷаи азизам умуман аз дил мебарорам. Вале ба рости боварӣ надорам. Зеро чи хеле ки мегӯянд «кӯзапуштро манзил рост менамояд».

Ҳамон рӯз соати 6-и бегоҳ маро ба хӯроки бегоҳирӯзӣ даъват намуданд. Дар ошхона ҳасибҳои ҳархела, гӯшти дар об пухташуда болои миз гузошта шуда буд.

– Сафар Саидович, барои шумо хӯроки махсус аз гушти мурғ пӯхтаем, – рӯ ба ман оварда гуфт Неля.

– Хеле миннатдорам Неляҷон, ҳоҷат надошт. Ман ҳам мисли дигарон кадом намуд хӯроке, ки бошад бо иштиҳо мехӯрам, – гуфтам ман.

– Дуруст мегӯӣ Сафар Саидонич, ман шуморо солҳо боз мешиносам, ин хоксориатонро нағз медонем. Лекин шумо меҳмони олиқадри моед. Ба ҳамин хотир бароятон хӯроки махсус тайёр намудем, – гуфт Неля.

Дигарон низ суханони ӯро тасдиқ намуданд. Чун нисфирӯзӣ бегоҳирӯзӣ низ ҳар кас ба ошхона рафта, хӯроки табъи дилашро оварда мехӯрд.

Ба хӯроки бегохирӯзӣ попи калисоро низ даъват намуданд. Ӯ каме дертар омад. Ҳангоми вориди хона гардидан, ба ӯ касе ҳам аҳамият надод. Поп баробари дигарон ба ошхона рафта хӯроки дилхоҳашро оварда, дар ҷойи холибуда нишаста, бо иштиҳо ба хӯрокхӯрӣ оғоз намуд. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ ӯ ягон сухан намегуфт. Фақат ягон кас ба ӯ муроҷиат намояд ба саволҳои онҳо посух медод.

Бубинед, дар Олмон бою камбағал, муллою оммӣ фарқ надорад. Ҳама баробарҳуқуқ мебошанд. Ман дар ин лаҳза нимчамулоҳои Тоҷикистонро ба ёд

овардам. Новобаста ба синну сол шахсияте, ки риш монда каму беш аз сураҳои Қуръони маҷид бохабар мегардад, худро мулло метарошад. Ба маъракаҳо, ки ворид гардид ҳама хурду калон аз ҷой мехезанд, болонишинаш мекунанд. Барояш хӯроки махсус гузошта, нисбати дигарон хизматашро бештар ба ҷо меоваранд. Аз муомилаҳои хушу меҳрубонона аз худ рафта, оқибат ба рафторҳои ношоиста даст мезананд. Чи хеле, ки шоир фармудааст:

*Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,*
*Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.*
*Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис боз пурс,*
*Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд.*

Дар зиёфати бегоҳирӯзӣ ҳамроҳи поп боз ду нафар зани солхӯрдаи калисо омада буданд. Суҳбати ман бо онхо хеле гарм гардид. Андрей ба онҳо фаҳмонид, ки ин шахс Сафар Саидович рафиқи модари ман аст. Онҳо солҳои зиёд якҷоя кор кардаанд.

– Меҳмон, бигӯед, ки шумо аз кадом мамлакат ва миллат мебошед, – пурсид яке аз онҳо, ки сару рӯяш бо матои сиёҳ пӯшида буд.

– Ман аз Тоҷикистони офтобрӯя буда, миллатам тоҷик мебошад, – гуфтам дар ҷавоб.

– Кадом динро қабул намудаед? – гуфта пурсид зани солхӯрдаи дуюм ва сӯям оромона дида дӯхт.

– Алҳамдулилоҳ мусулмонам ва дини мубини исломро қабул намудаам, – гуфтам дар ҷавоб

Онҳо баъди шунидани ҷавобҳои ман ба фикрам қаноатбахш гардиданд, ки суҳбаташонро байни худ идома доданд.

Соатҳои $9^{30}$ дақиқаи шаб ба хона баргаштем. Хеле мондаю хаста шуда будам. Тапиши дилам ба ин гувоҳӣ медод. Назди оина рафта ба афти рӯям дида дӯхтам. Ҳис кардам, ки намудам таъби дили Магдалена намебошад. Ҳамин лаҳза ӯ ба наздам омад.

– Сафар Саидович ба ростӣ, ки ба маймун монанд шудаӣ, – гуфт ӯ ва аз наздам бо ишва гузашта ба хонаи хобаш даромад.

Аз ин суханони ғайричашмдошти Магдалена ниҳоят қаҳрам омад. Ҳарфе назада, ба хонаи хобам даромадам. Монда, ки шуда будам, баҳузур хоб рафтам.

Рӯзи 26 май ҳаво чун дирӯза хунук буд, шабнами зиёд болои замину автомашинаҳои дар кӯча буда рехтааст. Фишори хунам 130 бар 80 буд, ки таъби дил аст. Каме ба варзиш машғул шуда наҳорӣ намудам. Аз ошхона баромадам, ки ҳама аз пайи кори худ рафтаанд. Каме нишаста дам гирифтам. Якбора суханони Магдалена, маро маймун хонданаш ба ёдам омад. Шаҳрро тамошо карда бегоҳӣ соатҳои чор ба хона баргаштам.

– Сафар Саидович, – ман дишаб каме ҳазл кардам. Маро бубахшед.

– Бо одами наздик ҳазлҳои беҷо намекунанд. Ба хусус бо меҳмон.

– Солҳои пеш ҳазлҳои аз ин бадтарро мекардем Сафар Саидович. Ҳаргиз намеранҷидед. Дар ҳақиқат табъатон ниҳоят нозук гардидааст.

– Хоҳиш мекунам маро бубахшед, – гуфт боз Магдалена.

– Ба як шарт, – гуфтам ба ӯ.

– Ба ҳамаи шартҳоятон розиям Сафар Саидович.

– Аз ман сидқан узр мепурсӣ ва аз ду рухсораам бӯса мекунӣ, – гуфтам ман.

Ҳазорҳо бахшиш, – гуфт ӯ ва аз ду рухсораам бӯсида, маро сахт ба оғӯш гирифт.

Аз рӯйи маслиҳат имрӯз баъди кор бояд азми сафари шаҳри Нюрнберг намоем. Мақсадамон ба оромгоҳи модари Магдалена гузоштани гулҳои тару тоза буд.

– Магдалена, охир мо ду рӯз пеш болои қабр гул гузошта будем. Ба фикрам дар чунин боду ҳаво гулҳо ҳоло ҳам тару тоза мебошанд, – гуфтам ман.

– Дуруст мегӯед Сафар Саидович, аммо дар Олмон расм аст, ки дар ҳар ду рӯз гулҳоро иваз менамоянд. Имрӯз гули дӯстдоштаи модарам, зардро болои оромгоҳаш мегузорам. Арвоҳаш шод мегардад, – гуфт Магдалена.

Ман ҳарфе назада ҳамроҳаш вориди қабристон гардидам. Дар ҳақиқат қабристон ба гулистон шабоҳат дошт.

Болои ҳамаи қабрҳо гулҳои тозаи рангоранг гузошта шуда, шамъҳо фурӯзон буданд. Баъди зиёрати оромгоҳи модари Магдалена ба хона баргаштем. Аз дорухонае барои ман доруи таб (аспирин) бо нархи 11 доллар харидем.. Ин доруро дар дорухонаҳои мамлакати мо бо нархи ночиз мефурӯшанд.

Раҳорах ба андеша фурӯ рафтам. Ман дар давоми ду се моҳ як бор ҳам ба зиёрати қабри падари бузургворам намеравам. Аммо ин ҷо ба хотири Магдалена дар муддати як ҳафта се маротиба қабри модари ӯро зиёрат намудем. Ба ҳар ҳол ин барои ман дарс гардид ва ҳоло ҳар ҳафта ба зиёрати қабри қиблагоҳам меравам. Шоир хуб гуфтааст:

*Мушкиле гар пеш меояд, Худоро ёд кун.*
*То гиреҳи ҷаҳл бикшояд, Худоро ёд кун.*
*Ҳафт пушти бандаи ноаҳл н-осояд ба хок,*
*То падар дар хок осояд, Худоро ёд кун.*

Соати $9^{30}$ дақиқа ба шаҳри Гунсенхаузен баргашта, меҳмони апаи Магдалена Катя гардидем. Ӯ моро хуш қабул карда аз таҳти дил меҳрубонӣ ва меҳмондорӣ намуд, Бо ман муомилаи хуш намуда бо самимият гап мезад, ки ин рашки Магдаленаро овард. Бори аввал ҳис намудам, ки занҳо аз синни 60-солагӣ гузашта ҳам, ҳисси шаҳвонияташонро нигоҳ медоштаанд...

Шаб ба хонаи Магдалена баргаштем. Омадана-монро шунида ба ман Рудолф ва Эдвард занг заданд. Ман ба онҳо бо забони ширину гуворои тоҷикӣ, ки бисёр пазмонаш шуда будам, ҳарф задам.

– Сафар Саидович, – пурсид аз ман Зуска завҷаи Рудолф, ҳоло ҳам дар колхоз пахта кишт мекунанд?

Зускаҷон, – гуфтам дар ҷавоб, – пахта чун солҳои пешин боигарии асосии давлат ҳисоб мешавад. Дар хоҷагии ба номи Ниёзмаҳмад Бегов низ пахта кишт карда мешавад.

– Акаи Сафар, ман дар ҳавлиям як ниҳоли пахта коридаам, ки ҳоло 10 курак ва якчанд гул дорад. Онро ба хотири Ватанам-Тоҷикистон нигоҳубин менамоям, – гуфт боз Зуска ва пурсид, – аҳволи зиндагии шиносҳо, ёру бародарон чӣ хел мебошад?

– Ҳама сиҳату саломатанд, – гуфтам дар ҷавоб

Солҳои пеш Лена ҳамроҳи хоҳаронаш Лиза, Мария, Зуска дар деҳаи «Комсомол»-и колхози «Ком-

мунизм» (ҳоло ба номи Ниёзмаҳмад Бегов)-и ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Румӣ) дар фермаи паррандапарварӣ кор мекарданд. Бар ивази меҳнати садоқатмандонаи онҳо колхоз ҳамеша аз уҳдаи иҷрои нақшаи ҳармоҳа ва солонаи истеҳсоли тухм мебаромад. Аз ҳамин сабаб ҳам, раиси колхоз шодравон Абдухалил Холов нисбат ба онҳо пайваста ғамхорӣ менамуд...

Дар охири суҳбати телефонӣ Зуска маро ба хонааш таклиф намуда, таъкид ба амал овард, ки рӯзи 12 июл вохӯрии олмониҳои шӯравӣ баргузор мегардад. Ба ин вохӯрӣ Шумо, Сафар Саидовичро сидқан даъват менамоем.

Ман дурии роҳро сабаб оварда, узр пурсидам, ки ба ин таклиф розӣ шуда наметавонам..

Баъди чанде ба ман писари Лена Едя занг зада аҳволпурсӣ намуд. Суроғаҳои дӯстонам Пиюс, Йозеф Шнайдерро гирифта ваъда додам, ки ба онҳо занг мезанам.

Рӯзи 27 май чун рӯзҳои муқаррарӣ ҳаво хунуку абрнок буд. Вале маълум, ки баъди нисфирӯзи ҳаво тағйир ёфта, гарм мешавад. Шаб дарди диламро каме ҳис намудам. Фишори хунам ҳам нисбатан паст гардидааст. Сабабашро аз мондашавӣ ва тағйирёбии обу ҳаво маънидод мекардам. Хушбахтона, баъди сайругашт дар ҳавои кушод ин дардҳо бартараф мегардиданд.

Рӯзҳои дар Олмон буданам ба кору фаъолияти кишоварзони ин мамлакати абарқудрат таваҷҷуҳ намудам. Дар ин ҷо дар бораи кушодани заминҳои нав ва беҳтаркунии ҳолати мелиоративии заминҳо умуман сухан намеравад. Дар ҳамаи заминҳои ҳам-

вор ва талу теппаҳо зироатҳо кишт карда мешаванд. Заминҳо бинобар сабаби боришоти зиёд ба обёрии сунъӣ эҳтиёҷ надоранд.

Аз дарахтони мевадиҳанда себ, нок, олуболу, олу, биҳӣ, дар баъзе маҳаллаҳо зардолу, ангур, чормағз ва хурмо мавҷуд мебошад, ки мардум аз онҳо ҳосили фаровон ба даст меоваранд. Ҳангоми сафар ҷо-ҷо дарахтони санҷидро низ мушоҳида кардам. Нақл намуданд, ки дар Олмон тобистон гоҳ ҳаво муътадил ва гоҳ гарм мешавад. Соли гузашта гармии ҳарорати ҳаво то 40 дараҷа расида буд, ки боиси марги якчанд нафар гардид.





Дар Олмон аз зироатҳои кишоварзӣ гандум, рапс, ҷав, ҷавдор, карам, картошка, тамоку, ҷуворимака, бодиринг, помидор, сабзӣ, лаблабу ва дигар сабзавотҳо кишт карда мешаванд.

Заминаш сиёҳтоби зардча буда, барои ба даст овардани ҳосили фаровон ба он поруҳои маҳаллӣ, нуриҳои минералӣ ва партовҳои шаҳрҳоро (ҳоҷатхонаҳоро) истифода мебаранд.

Аз ҳамин сабаб ҳаво дар роҳҳои назди заминҳо заҳролуд буда, ба димоғ бӯи ғализро меоварад. Борҳо ҳангоми сафар инро мушоҳида намудам ва дар ин ҳолат бо руймолча димоғамро мепӯшондам.

Бар замми ҳамаи ин, ҳар сол якчанд маротиба бар зидди ҳашаротҳои зараррасон заҳрҳои кимиёвиро истифода мебаранд, ки буйнокӣ дучанд мегардад.

Дар натиҷаи нарасидани шуои зарурии Офтоб, истифодаи зиёди нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо

меваю сабзавот намуди зебо доранд, вале қариб ки мазза надоранд.

Дар Олмон қариб, ки харбуза, тарбуз ва каду намекоранд. Зеро аз камии рӯзҳои офтобӣ онҳо пухта намерасанд. Соли 2003, ки каме гармӣ зиёд омада буд, ҳосили тарбузҳо фаровон гардида будааст. Вале дар мағозаю бозорҳо дар ҳамаи фаслҳои сол тамоми меваю сабзавотҳои тару тоза ба фурӯш баровварда мешаванд.

Соҳибкорону тоҷирон харбузаю тарбузҳоро аз Испания, Костарика, Африқо ва дигар давлатҳо меоваранд. Олмон бо тамоми давлатҳои дунё савдои доимӣ дорад. Дар ҳамин лаҳза фикр кардам, ки агар лимуҳои тиллоранги Тоҷикистонро дар Олмон ба фурӯш бароранд, ба фикрам, нархашонро нисбатан ду се маротиба зиёдтар мегузоранд. Вале ин кай амалӣ мегардад, намедонам. Дар Олмон шаҳру деҳаҳои зиёдро тамошо намудам. Вале бо раммаи калони гову гӯсфанд қариб, ки вонахурдам. Танҳо як ё ду бор раммаи 200-300 сараи гӯсфанд ва галаи 100 сараи аспро дидаму халос. Подаи говҳо ҳамагӣ 40-50 сарро ташкил медоданд.





Ба фикри ман барои чунин мамлакати тараққикарда ниҳоят кам мебошад. Фикр мекунам, ки раммаи бузу гӯсфанд ва подаи гову аспҳоро даруни ҷангалзорҳо нигоҳубин менамоянд, ки ба чашм ноаён мебошад.

Анбору фермаҳои чорводорӣ аз хонаҳои истиқоматӣ дар масофаи дуртар воқеъ буда, ба тамоми қоидаю қонуни санитарӣ ҷавобгӯ мебошанд.



Ин сатрҳоро иншо менамудам, ки садои занги телефон баланд гардид. Гӯшакро бардоштам.

– Гӯш мекунам, – гуфтам.

– Ин манам, Катя, Сафар Саидович, – овоз баромад аз гӯшаки телефон.

– Шинохтам Катяҷон, – гуфтам ва аз ҳолу аҳволаш пурсон шудам.

– Хеле нағз, – гуфт ӯ ва нақл намуд, ки бо шавҳари охиронам чандин сол боз умр ба сар мебурдам, вале рӯйи хушро надида будам. Ҳоло дар Олмон бе ӯ худро хушбахгарин одами рӯйи дунё ҳисоб мекунам. Лекин бе ёди Тоҷикистони азиз, колхози «Коммунизм» (ҳоло Ниёзмаҳмад Бегов)-и ноҳияи Колхозобод (ҳоло

Ҷалолиддини Румӣ), ки Ватани ҷонии худ ҳисоб мекунам, умр ба сар бурда наметавонам. Лаҳзаҳои ширини умрам дар ҳамин мамлакати биҳиштосо гузаштаанд.

Дар омади гаn ман аз Катя аз ҳолу аҳволи олмониҳои колхоз пурсон шудам.

– Сафар Саидович, – гуфт ӯ, – ҳама меҳру муҳаббат дар Точикистон-ватанамон монд ва садоқатро ман танҳо дар он ҷо ҳис мекардам. Дар ин ҷо мо бо якдигар умуман алоқа надорем. Солҳо якдигарро намебинем ва суроғ намекунем.

Бо Катя хайрухуш намуда, ба ӯ ваъда додам, ки албатта боз занг мезанам.

Имрӯз ман асосан занги Вовка Чилаевро интизор будам. Зеро мо бояд маслиҳати сафарро ба мамлакатҳои Голландия ва Швейтсария мепазондем. Хеле интизор шудам. Хушбахтона ӯ занг зада гуфт, ки баъди ду-се соат наздам меояд.

Баъди чанде рафиқи Магдалена ба ман телефон карда гуфт, ки баъди панҷ–даҳ дақиқа меояд. Дар вақти ваъдаи додааш Марио бо борхалтаи хӯрокиҳои гуногун ба хона даромад. Мо хеле суҳбат намудем. Ӯ нақл кард, ки ҳафт маротиба ҷарроҳӣ шудааст. Лекин аз бемории ҳозирааш хеле азоб мекашад. Ҳатто ба худкушӣ даст мезанад. Агар Магдалена садди роҳам намегашт, барвақт ба ин дунёи фонӣ падруд мегуфтам.

Ман ҳам ба ӯ гуфтам, ки бемории дил дорам ва ҷарроҳӣ кардам. Баъд ӯ аз ман пурсид.

Сафар Саидович, чанд сол боз Шумо бо занҳо ҳамхоба нашудаед?

– Се сол боз рӯйи занҳоро дидан намехоҳам, агар модарам аз нав таваллуд кунад, ҳаргиз дигар зан

намегирам, – бо оҳанги ҷиддӣ барои дилашро таскин додан гуфтам ман.

Дар ҳақиқат Магдалена ба Марио гуфтааст, ки ман бо ӯ алоқае надорам ва Сафар Саидович бо занҳо соли сеюм аст, ки якҷоя хоб намеравад. Суҳбатамон тафсид, ки Вовка Чилаев омад.

– Сафар Саидович, омода бошед, пагоҳ ба сафари Голландия ва Швейтсария меравем, – баъди вохӯрӣ гуфт Вовка.

– Вовкаҷон, сафарамон чанд рӯз идома меёбад? – гуфта пурсидам аз ӯ

– Дуру дароз нест Сафар Саидович, ҳамагӣ ба муҳлати панҷ рӯз, – гуфт Вовка.

– Оё ба ин бемории дилам тоқати ин сафарро мекарда бошам? – пурсидам аз Вовка

– Роҳ он қадар дур нест. Ҳамагӣ 1200 километрро ташкил медиҳад. Боварии пурра дорам, ки сафарамон бомуваффақият анҷом хоҳад ёфт. Охир, мебинам, ки шумо худро хеле бардам ва баққуват ҳис мекунед, – гуфт Вовка ва идома дод, ки омода бошед, пагоҳ ба роҳ мебароем.

Ба ростӣ сафар ба мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳонро аз хурдсолӣ дар дил мепарваридам. Аз ин рӯ, аз ин фурсати муносиб бояд даҳчанд истифода барам.

Рӯзи 28 май ҳаво тағйир ёфт, ҳарорат баланд гардид, офтоби оламоро шуоҳои заррини худро саховатмандона ба замин мерехт. Имрӯз худамро бардаму баққуват ҳис намуда, аввал шустушӯ кардам. Баъд ба сафари шаҳрҳои мамлакатҳои Голландия ва Швейтсария пурра омода шуда омадани Вовка Чилаевро интизор гардидам. Аз рӯйи нақша мо бояд дар

шаҳрҳои зебои ин ду давлати овозадор сайру саёҳат намуда, аз муоинаи тиббии яке аз профессорони машҳур гузарам. Ии шахсият солҳои дароз дар шаҳри Душанбе кор мекард ва ҳоло ҳамроҳи завҷааш, ки аз яҳудиҳои Бухоро мебошад, дар Голландия ҳамчун табиб машҳур гардидаанд. Масофа ба назарам хеле дур намуд. Бештар аз 400 километр. Худ ба худ савол додам, ки оё дили ман дар ин роҳи дур муътадил кор мекарда бошад? Инро Худо медонад. Мусулмонон мегӯянд, ки ҳар чи ки дар пешонаат навишта шуда бошад, хоҳу нохоҳ онро мебинӣ. Гузашта аз ин, бо Вовка Чилаев шиноси наздик набудем. Одамро дар сафар мешиносанд. Бинам, ки ҳамсафари табъи дилам ҳаст, боз дӯстиамро бо ӯ идома хоҳам дод.

Баъди чанде интизорӣ Вовка Чилаев омад.

– Сафар Саидович мебахшед, каме дер кардам. Кор баромад. Дигар такрор намешавад, – гуфт ӯ шармгинона.

Боке нест, Вовкаҷон. Ман ҳам корҳои омодагиро ба итмом расонида, омаданатро интизор шудам, – гуфтам ман.

– Агар шумо розӣ бошед, Сафар Саидович, аввал сари қадам ба хонаи мо медароем. Як пиёла чой нӯшида, шумо бо шароити зисту зиндагии оилаи мо аз наздик шиносо хоҳед шуд, – таклиф намуд Вовка.

– Чаро розӣ намешавам. Охир тоҷикон мегӯянд, ки меҳмон ба пойи худаш меояду бо иҷозати мизбон аз хона меравад, – гуфтам ман.

Мо ба мошинаи хеле зебои Вовка, ки тамғаи «Мерседес» буд нишаста, ба ҳаракат даромадем. Мошина бо суръати баланд пеш мерафт. Баъди чанде

назди ҷангалзор қарор гирифт.

– Марҳамат Сафар Саидович, ба кулбаи вайронаи мо,– гуфт Вовка ва аз мошина фаромад.

Ман низ фаромада сӯйи хонаи Вовка назар кардам. Табиати дилкаши ҷангалзор, бинои зебои замонавӣ, обу ҳавои софу беғубор, вазидани боди мулоим, ба димоғ расидани бӯйи муаттари гулу растанӣ ба кас ҳаловат мебахшад. Дар ҳақиқат ҷойи истиқоматии Вовка ба биҳишти рӯйи дунё шабоҳат дорад. Дар хонаи ӯ каме нишаста, чою шӯрбои тоҷикӣ хӯрда, ба сафар баромадем. Тамоми роҳ ба табиати афсонавӣ бо ҳавас дида медӯхтам.

Ҷангалзорҳои беканор, гулу растанӣ, шаҳру деҳаҳои зебо, хонаҳои замонавӣ, биноҳои маъмурӣ, ки аз рӯйи лоиҳаҳои рангоранг сохта шудаанд, ба кас олам олам ҳаловат мебахшид. Дар роҳ мошинҳои бешумор буданд, ки барои сари вақт ба манзил расидан сахт монеъагӣ менамуданд. Ҳамчунин хавфи гум кардани роҳ мушоҳида мегардид. Вовка инро эҳсос намуда, компютери мошинро ба кор даровард. Ҳар даҳ дақиқа овози зане бо забони олмонӣ дар куҷо буданамон ва ба кадом самт ҳаракат карданамонро мефаҳмонд.

Ҳамин лаҳза занги телефон баланд гардид.



– Холаам Магдалена шуморо мепурсад Сафар Саидович, – гуфт Вовка ва телефонро ба ман дароз намуд.

– Сафар Саидович, сафарҳо ба хайр худро бе ман чӣ хел ҳис мекунед? Чанд маротиба Фрида занг зада Шуморо пурсид, – гуфт Магдалена.

– Худро хеле хуб ҳис мекунам. Вале паҳлуям бе ту Магдаҷон холист. Бе ту ба ростӣ худро нороҳат ҳис мекунам. Лекин кор, кор аст, дар мамлакати шумо он сахт риоя карда мешавад, – гуфтам дар ҷавоб ва аз ӯ хоҳиш намудам, ки рақами телефони Фридаро ба ман диҳад.

Ҳамон замон ба Фрида занг задам. Овози шинос ба гӯшам расид. Ӯ баробари ҳарф заданам маро шинохту бо забони ширини тоҷикӣ аҳволпурсӣ намуд.

– Сафарҷон, додари ширину азизи ман, ба мамлакати мо хуш омадӣ, бигӯ ҷони ширин, ки саломатиат чӣ хел аст? Аҳли оилаат, ки барои ман ниҳоят наздик мебошанд, соқу саломат мебошанд. Акаи Хайрулло, хоҳари ман Лилия чӣ ҳолу аҳвол доранд? – гаштаю баргашта мепурсид Фрида. Ба ростӣ аз суханони ширину гуворои Фрида худро дошта натавониста ба

гиря даромадам. Ҳис намудам, ки ӯ ҳам дар он тарафи гӯшаки телефон гиря мекунад. Овозаш ғамгину гиряолуд ба гӯш мерасид.

– Сафарҷон, ман Тоҷикистон ва тоҷиконро аз таҳти дил дӯст медорам. Ҳамеша баҳри мардуми ин диёр дуои хайр мекунам. Додари ҷон, бигӯ, ки очаат ва отаат, акаи Саидҷон ва апаи Ойтилло ки баҳри ман некиҳои зиёд кардаанд, соқу саломатанд? – гуфта пурсид Фрида.

– Апаҷони азиз, падарам чанд сол пеш аз олам даргузаштанд, вале модарам ҳазор бор шукр хуррамона умр ба сар мебаранд, – гуфтам дар ҷавоб.

– Сафарҷон, ҳамин, ки ба хона баргаштӣ, аввал аз номи ман пешонии модаратро бибӯс, – гуфт гиряолуд Фрида ва суханашро идома дода маро ба хонааш ба меҳмонӣ таклиф намуд. Инчунин илова кард, ки Сафарҷон, пир шудаам роҳ гашта наметавонам, яккаву танҳо зиндагонӣ мекунам. Ҳатто ба мағоза рафта наметавонам.

– Апаҷон, ҳоло вақт ниҳоят танг аст. Барои муоинаи тиббӣ назди профессор рафта истодаам. Агар фурсати муносиб пайдо гардад албатта шуморо хабар мегирам. Набошад дар сафари оянда ам ба Олмон аввал меҳмони хонаи шумо хоҳам шуд, – гуфтам ман ва мо хайрухуш намудем.

Мошини мо бо суръати баланд ба пеш ҳаракат мекард. Вале аз бисёрии мошинҳо дар роҳ мо роҳи чорсоатаро дар давоми ҳафт соат тай намудем. Дар ин роҳ бештар мошинҳои калони боркаш дар рафту омад буданд. Роҳравон бо Иёсиф, ки солҳои зиёд дар Колхозобод ҳамроҳ кор мекардем занг задам.

– Иёсиф, ман Сафар Саидович мебошам. Чанд рӯз

аст, ки дар Олмон дар меҳмонӣ ҳастам. Ҳоло ҳамроҳи Вовка ба Голландия сафар карда истодаем, – гуфтам ман.

– Бовариам намеояд Сафар Саидович, охир шумо чанд рӯз боз дар Олмон меҳмон ҳастеду ман бехабарам, – гуфт ӯ.

– Ҳеҷ гап нест Иёсиф, ба ростӣ фурсати ба шумо занг заданро наёфтам. Имрӯз ба Голландия сафар дорем. Барои муоинаи тиббӣ назди профессор рафта истодаем. Ҳамин, ки фурсати муносиб ёфтем, албата меҳмони хонаи шумо мешавем, – гуфтам дар ҷавоб.

– Шумо Сафар Саидович меҳмони қадрдони хонадони мо мебошед. Дари хонаи мо ба рӯйи шумо ҳамеша боз аст. Шуморо бесаброна интизор мешавем, – гуфт ӯ ва мо бо ҳамдигар хайрухуш намудем.

Боз беихтиёр мафтуни тамошои табиати зебои ин диёри афсонавӣ гардидам. Гирду атроф сабзпӯш буда, боди мулоим ба машом бӯйи муаттари гулу растаниро меовард. Мошини мо дар роҳи чун кафи даст ҳамвор бо суръати баланд ба пеш ҳаракат мекард.

Дар роҳ мошинаи куҳнаю чашмногир дида намешуд. Беихтиёр, мошинаи дӯстам Саидқул Шомалангов ба ёдам омад, ки ӯро дар ин роҳ умуман гаштугузор кардан намемонанд. Ҷойи чунин мошинҳои назарногир осорхона мебошаду халос.

Дар роҳ боз ба хона занг зада аз аҳволи оилаю хешу ақрабо пурсон шудам. Гулмаҳмад ва Хайрулло бо ман гап зада, гуфтанд, ки ҳама тинҷу ором аст ва хешону наздикон ҳама соқу саломатанд.

Рӯзи 27 майи соли 2004 бароям рӯзи хурсандибахш буд. Худамро бақувват ҳис намуда, фишори хунам 140/80 буд, ки онро табъи дилам ҳисоб менамудам.

Табиати ин макон ва офтоби оламафрӯзаш Тоҷикистони азизамро ба ёдам меовард. Хонаи духтари холаи Магдалена дар деҳаи зебои Ловерик ҷойгир буд, ки он аз сарҳади Нидерландия дар масофаи 15 километр ва аз сарҳади Белгия дар масофаи 40 километр дуртар воқеъ гардидааст. Соҳибхонаҳо Катя зани 51-сола, падарарӯсу модарарӯсаш ва шавҳараш маро хеле хуш истиқбол карданд. Меҳмонавозии онҳо аз меҳмонавозии мардуми сарбаланди Тоҷикистон фарқе надошт. Зеро онҳо умри пурбаракати худро дар ноҳияи Қумсангир гузаронидаанд ва расму русуми тоҷиконро гум накардаанд. Модари Вилли солҳои дароз дар колхози ба номи Ленини ноҳияи Қумсангир ба касби говҷӯшӣ машғул буд. Ӯ нақл кард, ки дар як сол ман аз ҳар сар модагов то 5000 – 5500-литрӣ шир меҷӯшидам. Расмаш пайваста дар гӯшаи фахрии ноҳия овезон будааст. Падари Вилли, ки ронанда буд тамоми ноҳияҳои Тоҷикистонро пурра медонист. Аз ман ободию осудаҳолии мардуми Бадахшону Хатлон, Кӯлобу Суғдро пурсон мешуд. Онҳо бо лафзи ширини тоҷикӣ чунон озодона ҳарф мезаданд, ки дар ҳайрат мемондам. Шод аз он будам, ки дур аз Тоҷикистони азиз ман бо мардуми олмонӣ бо забони модариам гуфтугӯ мекунам.

Катя, ки аз омадани мо пешакӣ огоҳӣ дошт бароямон оши палови тоҷикӣ тайёр карда буд. Ман ошро бо 150 грамм араќи русӣ бо иштиҳои том хӯрдам. Каме дам гирифтам, ки Вилли наздам омаду гуфт;

– Сафар Саидович, ман Тоҷикистонро аз дилу ҷон дӯст медорам. Расму оини тоҷикон дар дилу ҷонам нақш бастааст.

Аз ин суханони меҳмонавозона ва дилгармонаи Вилли хеле шод гардида ӯро сахт ба оғӯш гирифтам. Дере нагузашта аз омаданам хабар ёфта, писару духтарони Вилли омаданд. Ман бо онҳо самимона вохӯрӣ намудам. Бар ростӣ, ба симои базебу хӯшрӯйи онҳо дида дӯхта, хаёл мекунӣ, ки онҳо дар асл тоҷик ва тоҷикистонӣ мебошанд.

Дар омади гап, Вилли аз ман пурсид, ки Сафар Саидович чаро тоҷикон, ки ба ҳам ёру бародаранд байни худ ҷангу ҷидол намуданд. Ман ба онҳо фаҳмонидам, ки моро байни ҳамдигар хоинҳои Ватан, мансабталошону душманон ҷанг андохтанд.

– Ба ҳар хол Сафар Саидович, ҳеҷ бовариям намеояд, тоҷикони шуҳратманд, ки таърихи бою рангин доранд, ба ҷанги бародаркушӣ даст заданд, – гаштаю баргашта мегуфт Вилли.

Вале ҳазорон-ҳазор афсӯс, ки ба сари мардуми шарафманди Тоҷикистон ин мусибати нангин омаду моро дар арсаи байналмиллалӣ шармсор намуд. Вале имрӯз аз он мефахрам, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифи Тоҷикистон зери осмони сулҳу салоҳ осудаю хуррамона умр ба сар бурда, бо амри дил ба корҳои ободонию созандагӣ машғул мебошанд.

Рӯзи 28 майи соли 2004 обу ҳаво табъи дилам буд. Он ба фасли баҳори нозанини Тоҷикистон шабоҳат дошт. Саҳарин барвақт хеста, каме ба варзиш машғул шудам. Аз рӯйи нақша имрӯз мо ба шаҳри Венлои мамлакати Голландия сафар менамудем.

Шаҳри Венло аз хонаи Вилли дар масофаи 45 километр ва 170 километр дуртар аз шаҳри Амстердам,

пойтахти Нидерландия ҷойгир мебошад.

Амстердам аз соли 1814 пойтахти Нидерландия ҳисоб мешавад. Шаҳр дар музофоти Голландияи шимолӣ, дар соҳили дарёҳои Амстел ва Эй ҷойгир шудааст. Ин шаҳр бо баҳри Шимолӣ бо канал пайваст мебошад. Аҳолии шаҳр бо атрофаш аз 2 миллион нафар зиёдтар аст. Дар шаҳр намояндагони 177 миллат зиндагӣ мекунанд.

Амстердам шаҳри зебою дилорои қадима буда, дар соҳили баҳри Шимолӣ доман паҳн кардааст. Аз рӯйи суҳбатҳоям бо сокинони ин шаҳри овозадор маълумам гардид, ки онро шаҳри гулҳо меноманд.

Бе ҳеҷ муболиға аз тамошои гулу гулгаштҳо ва биноҳои боҳашаматаш сер намешудам. Онҳо дар зебоию дилкашӣ аз шаҳрҳои мамлакати Олмон фарқият доранд. Голандияро мамлакати гулҳо мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Аз тамошою бӯйи гулҳои гуногунаш кас ҳаловати беандоза мегирад.




*Венло*



*Амстердам*




*Бозори гулҳо дар Амстердам*

Дар роҳраву кӯчаҳояш ҳазорҳо намуди гулу растанӣ ба чашм мерасад, ки аз насими мулоими боди саҳарӣ ба димоғ бӯйи муаттарро меоваранд. Субҳгоҳон аз тамошои ин манзараҳо ҳаловат бурда, худро нисбатан ҷавону боққуват ҳис менамоӣ. Аз тамошои шаҳр лаззат бурдаму беихтиёр хиёбонҳои зебою дилкаши пойтахти Тоҷикистони азиз пеши назарам омад. Пойтахти мо низ дар зебоию дилкашӣ аз шаҳри Амстердам фарқе надорад.

Шаҳрро хеле тамошо кардем. Худамро бардаму бақувват ҳис карда, табъи дилам хӯрок мехӯрдам. Зеро дар ин мамлакат дар ҳамаи ошхонаю тарабхонаҳо хӯрокҳои хуштамъу болаззат тайёр карда шуда, пешхизматҳо табъи дили мизоҷон хизмат мерасонанд. Дар шаҳр рафту омади мошинҳо қариб ба

чашм намерасид. Ҳама, ҳатто хонандагон ба мактаб бо велосипед мераванд. Кӯчаю паскӯчаҳо зебо оро дода шуда, мизу курсиҳо дар ошхонаю тарабхонаҳо аз қамиш сохта шудаанд. Хӯроку нӯшокии дӯстдоштаи голландиҳо кофе ва пирожки мебошад, ки пиру барно ҳамарӯза онро хӯрда кайфият мебаранд.

Шаби ҳамаи шаҳрҳои Голландия ба рӯз шабоҳат дорад. Равшанистон асту мардум тамоми шаб дар истироҳатгоҳҳо дам мегиранд. Голландиягиҳо аксарияташон ба забони олмонӣ хеле бурро ҳарф мезананд. Як чизро ҳис намудам, ки дар Голландия сарҳад вуҷуд надорад. Ҳангоми сайру гашт бо ҳиндуҳо, афғонхо, сиёҳпӯстон, японҳо, хитоиҳо вохӯрда бо як нафар паштунӣ ба забони ширини тоҷикӣ ҳамсуҳбат шудам, ки хеле табъам болида гардид.



– Меҳмони азиз имрӯз хушбахттарин рӯз барои ман ҳисоб мешавад, ки бо шумо бо забони мардуми худам ҳарф задам, – гуфт ӯ.

– Магар паштуниҳо дар ин ҷо каманд, ки аз сӯҳбати ман ниҳоят миннатдор гардидӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Не ниҳоят зиёданд, вале бо шумо ҳарф задан бо забони тозаи тоҷикӣ ба ман ниҳоят хуш омад, – гуфт дар ҷавоб ва илова намуд, ки як рӯз ҳатман меҳмони хонадони мо шавем.

Аз суҳбат бо мардум маълум гардид, ки Голландия барои тамоми гурезаҳо паноҳгоҳ дода ҳамзамон онҳоро сарпарастӣ менамояд. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, аксарияти сармоядорон маблағҳои худро дар бонкҳои машҳури Голландия ва Шветсария мегузоранд.

Мо дар шаҳри Венло хеле сайру гашт намуда бо маслиҳати Вовка Чилаев ҷониби хонаи профессор Сафия роҳсипор гардидем. Номи ин зани ҳалиму меҳрубон ва табиби овозадор қариб ба ҳамаи тоҷикистониҳо шинос мебошад. Ӯ зодаи шаҳри Душанбе буда, дар ҳамин ҷо илму дониш андӯхта, имрӯз ҳамчун табиб машҳур гардидааст. Хешони наздики у Ёқуб Сабзанов, Борис Кимёгаров, Барно Исҳокова, Борис Наматиев барои ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон ошноюю шинос мебошанд. Сафия соли 1966 ба шавҳар баромада, ба хотири ӯ ба Изроил кӯч мебандад. Баъди чанде бо тақозои замон ба Олмон омада, касби табибиашро идома медиҳад. Вале бинобар сабаби зиёд будани пардохти нархи андоз ба Голландия кӯч мебандад ва ҳоло хизмати мардуми мамлакати овозадорро ба ҷону дил ба ҷо меоварад, ки ҳама дар ҳаққаш бо самимият сухан мегуянд. Ӯ дорои як писару ду духтар ва чор набераи дустрӯяк

мебошад. Сафия хеле табиби машҳур буда, аслан бемориҳои дилро табобат мекунад.

Анқариб соатҳои ёздаҳ ба хонаи Сафия омадем. Моро хизматгоронаш хеле хуб қабул намуданд. Зеро Вовка Чилаев бо аҳли оилаи онҳо муносибати сахти дӯстона доштааст. Вовка маро ба онҳо муаррифӣ намуд ва баробари шунидани он, ки аз Тоҷикистон меҳмон омадааст, Сафия ғайричашмдошт зуд наздамон омад. Бо ману Вовка самимона вохӯрӣ намуд. Баробари шунидани номи Тоҷикистон дар чашмони пурмеҳраш ашк ҳалқа зад. Маро чун фарзанди меҳрубонаш ба оғӯш гирифта гуфт:

– Сафарҷон, барои ман имрӯз хушбахттарин рӯз ба ҳисоб меравад, ки шумо ҳамшаҳрии ман меҳмони хонадони ман гардидаед. Ба Худо қасам гӯё, ки сарам ба осмон расидааст.

– Апаҷон, аз истиқболи самимонаатон аз замин то осмон миннатдорам. Вовка нисбати меҳрубониҳо ва ватандӯстии шумо хеле ба ман гуфта буданд.

Дар ҳақиқат суханҳояш ростанд. Мо якдигарро бори дигар сахт ба оғӯш гирифта чун абри борони найсон гиря намудем. Баъд ӯ аз ман сабаби омаданамро ба Голландия пурсон шуд.

– Сафияҷон, овозаи табибии шумо дар саросари ҷаҳон маълум аст, – гуфтам ва илова намудам, – ки дилам дардманд асту ба муолиҷаи шумо эҳтиёҷмандам.

– Сафарҷон, додари ширин, ман аз замин то осмон миннатдор мешавам ва аз Худои мутаол шукргузорам, ки ба ҳамшаҳрии азизам хизматам мерасад. Ба ҷону дил ва самимияти бепоён табобат мекунам.

– Сафарҷон, – гуфт Сафия ва худашро дошта

натавониста, зор-зор гиря кард.

– Сафар Саидовичи азиз, пеш аз ба табобат шуруъ намудан аввал аз рӯйи расму оини халқи шуҳратёри тоҷик як пиёла чой менушем, – таклиф намуд, Сафия.

– Бо ҷону дил Сафияҷон, – гуфтам дар ҷавоб ва мо вориди хонааш гардидем.

Дастурхони пурнозу неъматаш ба ростӣ ҳаваси касро меовард. Ба назар менамояд, шуморо як хонаводаи тоҷик ба меҳмонӣ даъват карда бошад. Бӯи муаттари нони хушбӯйи тоҷикӣ, ҳасибу самбӯса ва меваҳои зиёду тарбузаю харбуза ба димоғ хеле форам мерасиданд.

– Сафар Саидович, дастурхони ман барои мизоҷони наздику худӣ ҳамеша боз аст, аз самими қалб хуш омадед. Имрӯз барои ман хушбахтарин рӯз ба ҳисоб меравад, ки бо шумо ҳамшаҳрии азизу меҳрубонам наҳорӣ менамоям, – гуфт Сафия.

– Сафар Саидовичи азизу муҳтарам, ман дар толори умумӣ мизоҷонро муолиҷа менамоям. Агар хоҳед, якҷоя бо онҳо дароед. Агар танҳо муолиҷа қабул карданӣ бошед, ман аз таҳти дил розиам.

– Не, Сафияҷон заруният надорад, ман ҳамроҳи мизоҷон ба толори умумӣ медароям, – гуфтам дар ҷавоб.

Ба толори табобатии Сафия даромада, ангушти ҳайрат газидам. Дар он ҷо зиёда аз сад нафар мизоҷон ҷамъ омада буданд.

Баъди сеанси табобатӣ Сафия ману Володяро ба хӯроки нисфирӯзӣ даъват намуд. Дар меҳмонии ӯ ба ғайр аз мо боз шаш нафар дӯсту наздикони ӯ ҳузур доштанд. Сафия барои мо хӯроки дӯстоштаи ман

шӯрбо бо нони қоқро тайёр карда буд, ки онро бо иштиҳои том хӯрдем. Баъд ӯ нақл кард, ки дар мамлакати Олмону Голландия нисбат ба нон каму беш беҳурматӣ мекунанд. Нони қоқро умуман истеъмол намекунанд. Онро ба партовгоҳҳо мепартоянд. Дар Тоҷикистони азизи ман ба нони қоқ ҳама эҳтироми зиёд доранд. Онро ноншӯрбо мекунанд, ки болаззат мебошад. Шукри нону шукри серию пурии имрӯзро ҳама ба ҷо меоранд.

Сафия ҳангоми сеанси табобатӣ ба мизоҷонаш изҳор намуд, ки имрӯз барои ӯ хурсандтарин рӯз ба ҳисоб меравад. Зеро дар меҳмонии ӯ дар айни ҳол ҳамшаҳрии азизаш аз Тоҷикистони офтобрӯя, Сафар Саидович иштирок доранд.

– Ҳазорон бор хуш омадед, Сафар Саидович, – гуфт ӯ.

Ман аз ҳаяҷон худро дошта натавониста, дарунакӣ ба гиря даромадам, бо забони канда-кандаи олмонӣ ба ӯ изҳори ташаккур намудам.

Намехоҳам пинҳон кунам, дар сеанси табобатии аввал беҳбудиро ҳис накардам. Росташро гӯям ба табобати хеш ихлос надоштам, дар сеанси табобатии дуюм дар ҳайрат мондам. Аъзои баданам беҳбудиро ҳис намуд ва бароҳат ба хоб рафтам. Сеанси сеюм соати нӯҳи бегоҳӣ анҷом ёфт, ман худро пурра бардаму бақувват ҳис намудам. Аз Сафия хеле миннатдор гардида, ӯро ба Тоҷикистон даъват намудам.

– Ин таклифатонро, Сафар Саидович, бо ҷону дил қабул менамоям. Лекин дар ин синну сол ман ба сафари дур баромада наметавонам. Боз бубинед, мизоҷон хело зиёданд, ба онҳо беҳурматиро намеписандам. Шоири ширинсухан Зебунисо фармудааст:

*Навмед набояд шудан аз гардиши айём,*
*Ҳар шом, ки ояд зи пайи он саҳаре ҳаст.*

Шояд имконият пайдо намояму меҳмони хонадони шумо шавам, – гуфт Сафия ва маро ба хуроки бегоҳирӯзӣ даъват намуд. Сари дастурхони пурнозу неъмати Сафия сӯҳбатамон хеле авҷ гирифт. Ӯ оши бомазаи; бухорой пухта буд. Сари дастархон маро маҷбур намуд, ки сурудеро замзама намоям. Ба ростӣ аз хурдӣ ба сурудхонӣ машғул набудам, аз ин ру таклифашонро рад намудам. Вале ӯ гаштаю баргашта исрор намуд, ки суруд ё шеъреро хонам. Аёми донишҷӯӣ суруди ҳофизаи машҳури Эрон Фарзонаро аз ёд карда будам ва ноилоҷ онро сурудам, ки ҳамаи ҳозирин кафкубӣ намуданд. Баъди хӯроки шом Сафия таклиф намуд, ки боз се чор маротиба табобат кунам. Вале имконияти истодан надоштам. Ба ҳар ҳол ба ӯ ваъда додам, ки агар вақт даст диҳад ҳатман боз меҳмонаш мешавам. Ӯ маро бо табъи болидаю чеҳраи кушода гусел намуд. Ҳангоми ба мошина нишастан дар чашмонаш боз ашк ҳалқа зад.,ба фикрам шеъри шоири бузурги тоҷик ба ёдаш расид,ки гуфтааст:

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,*
*Хори Ватан аз лолаю райҳон хуштар.*
*Юсуф,ки ба Миср подшоҳӣ мекард,*
*Эй кош гадо будӣ ба Канъон хуштар.*

Ҳамроҳи Володя аз Голландия ба хонаи Вилли баргаштем. Ӯ аз омадани мо ки дарак дошт, дастурхони пурнозу неъмат ороста, бо чеҳраи кушоду ла-

бони пуртабассум моро истиқбол гирифт. Мо сари дастурхон нишаста бо иштиҳои том хӯрок мехурдем. Вале Вилли қариб, ки хӯрок нахӯрда зуд-зуд ба таҳхона медаромад. Баъд фаҳмидам, ки дар таҳхона шароб доштааст ва онро нӯшида қариб майзада гардидааст. Табибон ба ӯ тавсия додаанд, ки истеъмоли шаробро умуман бас кунад, ки оқибаташ бад мегардад. Вале бефоида. Шаб завҷаи Вилли Катя ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович медонам, ки дар сафар хеле монда шудаед. Барои истироҳати бофароғататон ман шуморо дар ошёнаи дуюм ҷойгир намудам.

– Катяҷон, – гуфтам ман, – мо меҳмонем ва барои шумо чи хеле маъқул бошад, розием.

Ба Катя миннатдории самимӣ изҳор намудам, ки расми хуби тоҷиконро гум накардааст.

– Сафар Саидовичи азиз, ҳурмату эҳтироми шуморо олмониҳои колхозободӣ ба ҷону дил ба ҷо меваранд. Охир ёрии хирадмандонаатон ба ҳамаи мо борҳо расидааст. Шуморо ҳамаи онҳо гули сари сабад мешуморанд, – гуфт дар ҷавоб Катя ва маро ба ошёнаи дуюм даъват намуд.

Дар хонаи хоби мо барои истироҳат тамоми шароит муҳайё карда шуда буд. Каме дам гирифта бо Володя суҳбат намудам. Нақша кашидем, ки пагоҳ ба мамлакати Белгия сафар намоем. Хастаю монда шуда будам, хеле бароҳат хоб рафтам. Пагоҳӣ баъди ноништа ҳамроҳи дӯсти Вилли Эдик, ки солҳои зиёд дар ноҳияи Қумсангир истиқомат доштааст, ба сафари мамлакати Белгия баромадем.

– Сафар Саидович, ман ғоибона шуморо аз кӯда-

киам мешиносам, – гуфт Эдик. – Ронанда будаму ҳамеша дар сафар. Ба куҷое, ки сафар мекардам аз бозори ноҳияи Колхозобод маводи заруриро харидорӣ менамудам. Дар ҳамаи суҳбатҳо мардум таърифу тавсифи шуморо мекарданд. Дар солҳои роҳбариатон ин ноҳия дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ овозадор гардида буд.

– Хеле миннатдорам Эдикҷон, ки нисбати ман чунин эҳтироми калон доред, – гуфтам ман.

– Сафар Саидович, ҳоло ҳам касбамро тарк накардаам. Ба мамлакатҳои ҳамсоя Партугалия, Испания, Голландия, Белгия бо шартнома бор мекашонам. Сад шукри худо, ки ризқу рӯзиам фаровон асту бо аҳли оилаам хуррамона умр ба сар мебарам.

Мамлакати Белгия аз хонаи Вилли ҳамагӣ дар масофаи 50 километр дур ҷойгир будааст. Мо ба сарҳади он расида, болои купруке, ки ду мамлакатро аз ҳамдигар ҷудо менамуд таваққуф кардем. Табиати зебои он ҳаваси хар касро меоварd. Болои дарё мурғобӣ ва гулҳои обӣ озодона шино мекунанд. Касе ба онҳо кордор намешавад. Баъзе роҳгузарон хӯроконорӣ мепартоянд. Бо таклифи ман дар ҳамин ҷо чанд лаҳзаро ба навор гирифтем, ки ҳоло тамошо мекунаму лаззат мебарам.

Белгия нисбатан мамлакати хурд буда, дар он асосан франсузҳо ва олмониҳо истиқомат менамоянд. Забони давлатии онҳо франсузӣ мебошад. Мисли Голландия мардуми Белгия олмониҳоро ҳурмату эҳтиром намекунанд.

– Чаро ҳам голандиҳо ва хам белгиягиҳо олмониҳоро бад мебинанд? – пурсидам аз Вилли.

– Сафар Саидович, аз руйӣ нақли калонсолон Гитлер ҷангро аз ҳамин ду давлат оғоз намудааст. Аскарони хунхори ӯ мардуми осудаҳолро ниҳоят азоб додаанд. Ҳатто онҳоро ғулом намуда, фарзандонашонро базӯрӣ ба ҷанги зидди Иттиҳоди Шӯравӣ сафарбар намудааст, – гуфт дар ҷавоб Вилли.

Ман ба ҷавоби ӯ қаноатманд гардида, боз мафтуни тамошои табиати зебои ин мамлакати дур аз Тоҷикистони азиз гардидам. Вале манзараҳои зебою дилорои Ватанам ба назарам дилкашу дилоротар мебошанд. Беихтиёр Тоҷикистони азизро ба ёд оварда оҳе аз дил кашидам.

– Сафар Саидович, – гуфтани Вилли маро аз ин ҳолат раҳо намуд.

– Лабай Вилли,– гуфтам дар ҷавоб.

– Дар сари роҳ хонае ҷойгир аст ва агар шумо розӣ бошед онро харидорӣ намоем, – гуфт Вилли.

Ман ӯро бовар карда, гуфтам, ки зарурият надорад. Дар ин мамлакати бегона ман хонаро чи кор мекунам. Ӯ хандид, мо назди хона таваққуф намудем. Бино дар сари роҳ ҷойгир буд. Аз он ба димоғ бӯйи сӯхтагӣ меомад.

– Ин фоҳишахона аст, Сафар Саидович, – гуфт Вилли. – Чанде пеш онро оташ заданд. Дар ин чо чунин фоҳишахонаҳо бисёранд ва дар байни худ рақобат доранд. Муайян карда шуд, ки кормандони фоҳишахонаи ҳамсоя онро оташ задаанд.

Дар шаҳрҳои Белгия хеле сайру саёҳат намуда, ҳамроҳи Магдалена, Ромма бародари Вилли, оилааш ва худи Вилли ба Голландия сафар намудем. Сараввал ба бозор даромадем. Бозораш бениҳоят бой,

фикр мекунӣ, ки шири мурғ ҳам дар савдо бошад. Ҳама савдогарон молҳои худро таърифу тавсиф карда, мардумро ба харидорӣ даъват менамуданд. Диққати маро дукони моҳифурӯшӣ ҷалб намуд. Чандин намуди моҳӣ ба савдо гузошта шуда буд. Вале ба ростӣ тухми моҳӣ ба чашм намерасид.

– Сафар Саидович, ба фикрам дилатон моҳибирён мехоҳад, – гуфт Вилли.

Аз бӯйи моҳӣ лаззат бурда, ба Вилли гуфтам, ки дуруст фаҳмидӣ.

Ӯ ба фурӯшанда, ки забони олмониро хуб медонист, моҳӣ фармуд. Моҳибирёнро хеле боиштиҳо хӯрдам. Ба ростӣ гӯшти моҳии Голландия ниҳоят ҳам болаззат будааст. Голландиҳо ба як қатор миллатҳо, аз ҷумла зангиҳо, ҳиндуҳо, испаниҳо, америкоиҳо ва ғайра омехта шудаанд. Зеро ранги рӯяшон сиёҳчаи сурх мебошад. Занҳояшон ҳусни зебо надошта аксарият шикамкалон мебошанд. Мо аз бозор баъзе чизу чора харидем. Чун дигар бозорҳои мамлакатҳои аврупоӣ нарху наво дар ин ҷо низ қимат мебошад. Дар 400 доллар ҳамагӣ як сумкача чиз харидему халос. Бо ин маблағ дар Душанбе хурокии якмоҳаи як оиларо харидан мумкин аст.

Рузи 29 май Вилли зодрӯз дошт. Шабнишинӣ аз рӯйи маслиҳатҳо бояд аз соати 2-и рӯз то 12-и шаб идома ёбад ва он дар тарабхонаи русӣ дар шаҳри Хайенберг доир гардад. Даъватшудагон як-як ҷамъ мешуданд. Аксарияти онҳо хешу табор аз Тоҷикистон, Қазоқистону Қирғизистон буданд. Ягон олмонии муқимӣ даъват нашуда буд. Онҳо бо ифтихор худро олмониҳои рус муаррифӣ менамуданд. Зеро

ҳис менамуданд, ки олмониҳои муқимӣ ба қадрашон намерасанд.

Дар тарабхонаи русӣ тақрибан соатҳои се шабнишинии зодрӯзи Вилли оғоз гардид.

Вилли гаштаю баргашта ба берун мебаромад. Инро ман пайхас намуда аз ӯ пурсидам.

– Вилли, охир имрӯз рӯзи таваллудат аст, чаро ин қадар саргардонӣ?

– Сафар Саидович, як дӯсти ҷониамро, ки солҳои зиёд дар ноҳияи Қумсангир ҳамроҳ кор мекардем, интизорам. Намедонам барои чӣ дер карда истода бошад, – ҷавоб дод Вилли.

– Дӯстат аз кадом минтақаи Тоҷикистон аст.

– Сафар Саидович, ғармӣ асту эҳтиромаш назди ман ниҳоят зиёд мебошад.

– Мардуми Қаротегину Вахё дӯстони ҷонӣ мешаванд. Агар ӯ огоҳӣ дошта бошад албатта меояд.

Аз суханони ман ӯ ором шуда, сари миз нишаст. Дигарон низ дар сари мизи идонаи зодрӯзи Вилли нишастанд. Ману Магдалена, Володя, Маша , Женя, ки бачаҳои холааш буданд, ҷой гирифта нишастем. Ман дар ин ҷашни зодрӯзи Вилли се бор қадаҳ бардошта, ба саломатии ӯ нӯшидам. Дар ҳамин лаҳза ғайричашмдоштам ба ман сӯхани табрикӣ доданд. Дар ҳаяҷон мондам ва худро ба даст гирифта ба сухан оғоз намудам.

– Дустони азизи олмонӣ, тоҷикон хамеша шуморо ёд мекунанд, ҳамватан меноманд. Шумо ба хусус дар ободу зебо намудани Тоҷикистони азиз саҳми арзанда доред. Шуморо мардуми тоҷик бародар хондаанд, эҳтироматонро ба ҷо меоранд. Бовар кунед, миёни

шумо ҳамшаҳриҳоямон, чеҳраҳои шинос худамро дар Тоҷикистон тасаввур карда истодаам. Ба бародарам Вилли бахту саодат ва рӯзғори хушу саломатӣ таманно менамоям.

Маро ба рақс даъват намуданд. Хеле рақсида, ба ҷойҳои худ нишастем. Ҳама машғули хӯрокхӯрӣ ва сӯҳбат будем, ки писари Вилли Саша ба падараш рӯ оварда гуфт:

– Падарҷон, дар ҳамин рӯзи зодрӯзат чи орзуи нек дорӣ?

– Писарҷон, мехоҳам, ки дар ҷашни зодрӯзам дӯсти ҷониам Шайхуддин иштирок намояд, – гуфт Вилли.

– Ин орзуятро, падарҷон, ба ҷону дил ба ҷо меоварам, – гуфт Саша ва пардаро кушод. Пушти парда марди тахминан 50-55 сола истода буд. Ришаш зард ба тоҷики асили ғармӣ монанд буд. Даст ба оғӯши Вилли кушод. Онҳо якдигарро сахт дар оғӯш гирифта ба гиря даромаданд. Аз ин манзара дар чашмони ман ҳам ашк ҳалқа зад. Ашк ашки шодӣ буд. Ба ифтихори ташрифи Шайхуддин рақсу бозӣ авҷ гирифт. Дар толор танҳо ва танҳо суруду таронаҳои тоҷикӣ ва русӣ танинандоз буданд. Ҳама хиромона мерақсиданд. Ман бо зани Володя ба рақс даромадам. Дар воқеъ, Мария зани хеле зебою кадбаланд буда, рақси арабӣ, тоҷикӣ ва русиро бо маҳорати баланд иҷро мекард, ман одатан чунин занҳоро дӯст медорам.

Вилли маро бо Шурик (Шайхуддин) шинос намуд. Ӯ хеле шод гардида нақл кард, ки солҳои дароз дар ноҳияи Қумсангир дар мағоза кор мекардааст ва ғоибона моро мешинохтааст. Зеро хешу табори назди-

каш дар колхози ба номи К. Маркс (ҳоло Сафар Ҷумъаев) истиқомат менамудаанд. Ӯ зуд-зуд меҳмонашон мешудааст. Баъди сӯҳбат мо аз ҷой хеста чун шиноси дерина якдигарро сахт дар оғӯш гирифтем.

Шабнишинӣ то посе аз шаб давом намуд. Баъди ба итмом расидани он Володя ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович, агар хоҳишатон бошад пагоҳ Шуморо ба сайру саёҳат ба шаҳри Берлин мебарам.

– Бо ҷону дил ман розӣ мебошам, Володя. Аз ҷавониам орзуи тамошои ин шаҳри овозадори Олмонро дар дил мепарваридам, – гуфтам дар ҷавоб

– Ягон душворие нест, Сафар Саидович, ба шаҳри Берлин сафар мекунем.

Рӯзи дигар бо Володя ҷониби шаҳри Берлин ва шаҳрҳои мамлакати Полша роҳсипор гардидем. Баъди шаш соати сафар Володя ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович, ба ростӣ, ки монда ва гурусна шудам. Агар шумо розӣ бошед, ҳамин ҷо барои дамгирӣ қуллай мебошад.



*Рейхстаг, 1945*



*Рейхстаг, имрӯз.*



*Дарвозаи Бранденбург*

– Чаро розӣ нашавам Володя, охир ин ҷойҳо ба шумо шинос мебошанд. Худатон медонед, – гуфтам дар ҷавоб.

Володя мошинаро дар ҷойи кушоду барҳаво қарор дода, хӯроки гарм тайёр намуд. Мо ноништа, карда баҳузур хоб рафтем. Пагоҳӣ соати $5^{00}$ боз ба роҳ баромадем. Раҳорах ман шаҳрҳои зебоманзараи Олмон: Кил, Мобик, Постак, Гамбург, Шверин ва дар шаҳри Берлин Рейхстаг, дарвозаи Бранденбург ва ғайраҳоро тамошо намуда ба навор гирифтам.

Дар шаҳри Берлин Володя як қисми бори мошинро фаровард ва мо суйи мамлакати Полша ба сафар баромадем.

Аксарияти шаҳрҳои Полша чун шаҳрҳои Олмон тозаю озода ва зебою дилоро буданд. Одамонаш

хушмуомилаанд. Як қатор соҳибкорон Володяро хуб мешинохтанд ва ҳурмату эҳтиром менамуданд. Зеро ӯ мунтазам ба онҳо бор дастрас менамояд.

Дар шаҳри Прентаз мо боз як қисми борро фароварда, қисми охиронашро дар шаҳри Ноинбренштург ба фурӯш баровардем. Корамон омад кард. Бо таклифи Володя мо дар ҳамин шаҳр шабро гузаронидем.

– Сафар Саидович, чи хел табиати зебо дорад манзараҳои шаҳри Ноинбренштург. Биё хӯроки шомро дар ҳамин ҷо мехӯрем. Дуртар аз ин ҷо кӯли калоне мавҷуд аст, ки аз тамошояш кас сер намешавад, – гуфт Володя.

– Пеш аз хоб хеле нағз мешавад, ҳам кӯлро тамошо мекунем ва ҳам каме дар ҳавои кушоди ин ҷо сайругашт намоем, – гуфтам ман дар ҷавоб.

Ҳангоми хуроки шом Володя як шиша коняки 0,7 литра нӯшида, пеш-пеш ба роҳ баромад. Баъди ним соат ба назди соҳили кӯл расидем. Дар ҳақиқат кӯл зебо буда, гирду атрофаш сабзазор буд. Даруни кӯл ҳамаи намуди гуногуни мурғобиҳо, чайкаҳо озодона шино мекарданд. Касе аз роҳгузарон онҳоро озор намедод. Баръакс ба даруни об барои онҳо хӯрокӣ мепартофтанд. Шаб хеле бароҳат хоб намуда, аз шаҳр хамиртуруш барои пухтани нон бор намуда, ба роҳ баромадем.

Рӯзи 2 июни соли 2004 ҳаво хеле таийғирёбанда буд. Мо чун ҳаррӯза ба сайру саёҳати шаҳрҳои Олмон баромадем. Дар ҳар 20 километр ҳаво дигаргун мешуд. Гоҳ борону, гоҳ офтобӣ мегардид. Ман дар роҳ аз Володя хоҳиш намудам, ки маро ба назди дарёи Элба барад.

– Бо ҷону дил Сафар Саидвич, дарё аз ин ҷо он қадар дур нест. Баъди ним соат ба лаби дарёи Элба мерасем, – гуфт Володя.

Болои купрук рафта сӯйи дарё дурру дароз дида дӯхтам. Кинофилмҳои даврони ҷангии замони шӯравӣ ба ёдам омад. Чӣ қадар ҷанговарони мо ҳангоми убури он захмдору ҳалок гапрдиданд. Дарёи Элба чунон калон мебошад, ки дар он пароходҳо шино мекунанд.

Аз лаби дарё ба шаҳри Бруншвейг омадем. Баъди каме сайру гашт аз Володя хоҳиш кардам, ки агар дар; наздикиҳо ҳамом бошад, даромада каме шустушӯ намоем. Ӯ хандида ҷавоб дод, ки дар ин шаҳр дар ҳар қадам ҳамомҳои замонавӣ мавҷуд мебошад. Марҳамат рафтем. Ба яке аз ҳамомҳои наздиктарин даромада оббозӣ намудем. Вақте аз ҳаммом баромадем ба хизматгори пеши дари он ба забони русӣ раҳмат гуфтам. Ӯ сӯям нигоҳ карду ба забони русӣ ҷавобам дод, ки «Спасибо это не деньги» яъне раҳмат маблағ нест. Баъд фаҳмидам, ки аз Россия ба ин ҷо кӯч бастааст. Маблағи ҳамомро Володя дучанд пардохт намуд. Сафарамонро идома дода, аз шаҳрҳои Ганновер, Дюселдорф, Штутгарт, Ворди, Дартлунд дидан намудем. Дар шаҳрҳои Дюселдорф ва Ганновер аэропортҳои калон мавҷуд мебошад, ки тайёраҳо аз он ҷо ба тамоми мамлакатҳои чаҳон парвоз менамоянд. Ҳамон рӯз бегоҳӣ ба Голландия расида, ба мошинамон сӯзишворӣ гирифтем. Володя гуфт, ки нархи сӯзишворӣ нисбати Олмон дар ин ҷо арзонтар мебошад.

Раҳорах Володя ба ман якчанд биноҳоро нишон дода, нақл кард, ки ин ҷо фоҳишахонаҳо мебошанд.

Ҳатто дар деҳаҳо ҳам чунин биноҳо ба чашм мерасанд. Онҳо бо ҳамдигар рақобати калон доранд. Ӯ боз гуфт, ки дар як қатор мамлакатҳои Европа калисоҳо иҷозат додаанд, ки мардҳо бо ҳам оила бунёд намоянд. Ба ин боварии кас намеояд.

Мо дар ин сафар бештар аз се ҳазор километр роҳро тай намудем. Аз рӯйи маълумотҳо аз як тараф то тарафи дигари Олмон зиёда аз 1100 километрро ташкил медиҳад. Чанд маротиба ҳатто то мамлакатҳои Полша, Голландияю Белгия рафта, дар якчанд шаҳрҳояшон сайру саёҳат кардем.




*Лавҳаи таърихӣ дар дарёи Элба*

Дар роҳҳо бештар мошинаҳои боркаш ба чашм мерасиданд. Ин мошинаҳо зебо чиҳозонида шудаанд

ва барои ронандагону мусофиронашон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Онҳо ба тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба истиснои Амрико бор мекашонанду аз он ҷо бор меоваранд.

Рӯзи 3 июн ҳаво хунук шуд. Шамоли сард мевазид. Мо сӯйи хонаи Володя ба шаҳри Гайненгкилнер раҳсипор гардидем. Шаб завҷааш меҳмондории шоҳонаамон намуд. Пагоҳӣ соати 5 боз ба роҳ баромадем. Имрӯз аз руи нақша бояд дар шаҳри Франкфурт лаби Майн сайру саёҳат намоем. Аз хонаи Володя то ин шаҳр масофа 300 километрро ташкил медод. Мо онро дар муҳлати 4 соат тай намуда, барои ба шаҳр баромадан Вовка Чилаевро занг задем, ки моро ҳамроҳӣ намояд.

– Вовка, агар шумо розӣ бошед, ман дар ҳамин ҷо, бо Сафар Саидович хайру хуш менамоям. Чор рӯз ҳамроҳаш будам, лаҳзае ҳам хастагиамро ҳис накардам. Ниҳоят одами пурбаракат мебошад ин марди шариф.

– Ӯро танҳо то шаҳри Гунсенхаузен роҳнамоӣ мекунам, – гуфт Володя.

– Володяҷон, ман ба Сафар Саидович солҳо хизмат намоям кам аст. Хизмати ӯ ба тамоми олмониҳои Колхозобод садҳо бор расидааст. Бо ҷону дил ҳамроҳаш ба куҷое фармояд, меравам. Мана марҳамат мошин тайёр, – гуфт Вовка ва маро сӯи мошинаш ҳидоят намуд. Ман Володяро сахт ба оғӯш кашида, хайрухуш намудам. Ҳангоми гусел ӯ сӯям нигариста гуфт:

– Сафар Саидович, аз шумо як хоҳиш дорам. Соқу саломат ба Ватан расидед дар қабристоне, ки падари бузургворамро ба хок супоридаем рафта, ба сари

қабраш як даста гул мегузоштед аз шумо аз замин то осмон миннатдор мешудам.

– Володя, ин хоҳишатро бо ҷону дил иҷро мекунам. Баробари ба хона расидан ба қабристон рафта, гулҳои беҳтарини Тоҷикистонро дастрас намуда, ба зиёрати оромгоҳи модарат меравам, – гуфтам дар ҷавоб ва зуд ба мошина нишастам. Зеро дар чашмонам ашк ҳалқа зад.

*Ҷону дили ман фидои модар,*
*Қурбони таронаҳои модар.*
*Як умр нарафтааст зи ёдам*
*Ҳарфу сухану садои модар.*
*Ҳарчанд шавад баланд номам,*
*Ман сар биниҳам ба пои модар.*

Аз шаҳри Франкфурт то хонаи Магдалена масофаи роҳ 250 километрро ташкил медод, ки мо онро дар муҳлати 3 соат тай намудем.

Ба маврид аст қайд намоям, ки боиси ифтихори мардуми мост, ки олмониҳои аз Тоҷикистон кӯч баста урфу одат ва тарзи либоспӯшии тоҷикиро гум накардаанд. Дар ҳама тӯю маъракаҳояшон сурудҳои ширини тоҷикӣ сароида, марду зан сару либоси тоҷикӣ ба тан мекунанд.

– Шумо ин сару либосро аз куҷо дастрас менамоед, – дар яке аз туйҳо пурсидам аз пиразани солхурда, ки дар тан сару либоси тоҷикӣ пӯшида буд.

– Писарам, мо ҳоло ҳам бо мардуми Тоҷикистон алоқаамонро гум накардаем. Ҳар сол ёру бародарон дар асоси хоҳишамон ба мо сару либоси наву шинами тоҷикӣ мефиристонанд, – гуфт дар ҷавоб ӯ бо

лафзи ширини тоҷикӣ.

Бегоҳӣ соатҳои шаш ба шаҳри Гунсенхаузен расидем. Дар сайру саёҳат ба ман шаҳри Кобленс, ки аз ду бараш дарёи калон мегузарад ниҳоят маъқул омад. Шаҳри Кобленс чун шаҳри Сочии Федератсияи Россия шаҳри курортии олмониҳо будааст.

Рӯзи чоруми июни соли 2004 ғайричашмдошт ҳаво сард омад. Борони бошиддат мебориду шамоли сохт мевазид. Таъсири хунукӣ ҳатто дар хона ҳам асар мекард. Борону шамол тамоми гандумзорро ба хок хобондааст. Фикр мекунам, ки он ба ҳосилбандии ин зироатҳои фоидаовар зарари калон мерасонад.



*Шаҳри Кобленс*

Мо ба сайру саёҳати шаҳри Вайсбург баромада аз мағозаҳо якчанд савғотӣ харидем. Ба нақша гирифтем, ки ба сайру саёҳати шаҳрҳои мамлакатҳои Франсия ва Англия меравем. Аз зани Володя, ҷавон-

зани хушчақчақу хушмуомила, Наташа хоҳиш кардем, ки нарху навои роҳро муайян намояд. Агар Худо насиб кунад, ба сафар мебароем.

Нисфи рӯзро дар хона гузаронидем.

Рӯзи панҷуми июн ба шаҳрҳои Вайсбургу Настенбург ба сафар баромадем. Шаҳрҳоро тамошо карда, аз мағозаҳо каму беш савғотӣ харидем.

Вақти баргашт Магдалена ба ман рӯ оварда гуфт:

– Сафар Саидович, дилам хиҷил аст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳодисае рух медиҳад.

– Чаро ту ин тавр мегӯӣ Магдалена? Ҳама тинҷу ором ва саломатии ман шукри Худо хеле хуб мебошад. Худо хоҳад ин сафарамон табъи дил анҷом меёбад, – ӯро тасалло додам ман.

– Сафар Саидович, биё барои ором намудани асабҳоям ба тамошои кӯли калон меравем, – таклиф пешниҳод намуд Магдалена.

– Ман ин хоҳиши шуморо бо ҷону дил қабул менамоям, – гуфтам дар ҷавоб ва мо сӯи кӯли калон раҳсипор гардидем.

Кулро хеле тамошо намуда, аз шинокунии паррандаҳо лаззат бурдем.

– Сафар Саидович аз шумо як хоҳиш менамоям, – гуфт Магдалена, – ман мехоҳам рухсат (виза)-и дар Олмон мондани шуморо як моҳ дароз кунам.

– Ман дигар тоқати дар ин ҷо истодан надорам Магдалена. Аҳлу авлод ва наздиконамро пазмон шудам. Мехоҳам, ҳарчи зудтар ба Ватани азизам баргардам, – гуфтам ба ӯ.

Ҳарчанд, ки Магдалена зорию тавалло мекард, суханҳояш ба гӯши ман намедаромаданд. Дар охир ӯ аз ман хафа шуда, ба зери лабаш чизе ғур-ғур мекард.

Мо бо таъби хира ба хона баргаштем.

Шаб ба хона омада фишори хунамро санҷидам хеле баланд буд. Худро бениҳоят бад ҳис мекардам. Эй Худоҷон кош болу пар медоштаму ҳамин лаҳза сӯйи Ватани азизам парвоз мекардам. Назди ҷигарбандонам, Зумради аз дилу ҷон ширинам мерафтам. Ба ҳоли зор шабро рӯз намудам.

Рӯзи шашуми июн аҳволи саломатиам каме бехтар гардид. Фишори хунам 160/100-62 буд. Худро то нисфирӯзӣ нағз ҳис намудам. Ҳаво тез-тез тағйир меёфт. Гоҳ офтобӣ буд ва гоҳ борон меборид. Шаб, ки нороҳат будам, рӯзона дилам кам-кам дард мекард, фишори хунам пасту баланд мешуд. Тоқатам тоқ шуду ба берун баромадам. Ба мағозаи хӯрокворӣ даромада хлеб харида, ба хонаи Андрей рафтам. Аз ӯ узр пурсидам, ки бинобар сабаби бад будани саломатиам дар тӯяшон иштирок карда натавонистам.

– Ҳамаашро медонам Сафар Саидович. Боке нест, охир шумо меҳмони азизи моед ва вазифадорем, ки то рӯзи дар ин ҷо буданатон ҳурмату эҳтироматонро ба ҷо оварем, – гуфт дар ҷавоб Андрей.

Ҳамаи рӯз дар шаҳри Нойнбург сайру гашт намуда, лаби дарёи Дунай расм гирифтем. Бегоҳӣ меҳмони хонадони Володя Швангер шудам. Сари дастархон ҳама танҳо дар як мавзуъ, дарёфт намудани маблағи зиёд баҳсу мунозира менамуданд. Хеле нишаста ба табъи хира ба хона баргаштам.

Рӯзи ҳафтуми июн худро хеле бардаму бақувват ҳис намудам. Ҳаво офтобӣ, фишори хунам муътадил буд. Ба намояндаи Тоҷикистон дар фурудгоҳи Олмон Эшонқулов Фирӯз занг задам. Ҷавонмарди хушмуомила будааст Фирӯз.

– Писарам Фирӯзҷон, ман Сафар Саидович аз ноҳияи Колхозобод аз шумо пурсиданиам, ки ба самти Душанбе рӯзи наздиктарин кай чипта гирифтан мумкин.

– Сафар Саидович, ман шуморо ғоибона мешиносам. Дар хизмататон ҳамеша тайёр мебошем. Рӯзи чоршанбе тайёра ба самти Душанбе парвоз менамояд. Агар ба шумо маъқул бошад, номатонро менависам, – гуфт ҳалимона Фирӯз.

– Аз муомилаи хушу самимии шумо, Фирӯзҷон, аз замин то осмон миннатдорам. Хоҳиш менамоям, ки бароям дар ҳамин рӯзи чоршанбе чипта омода намоед, – гуфтам ва бо ӯ хайру хуш намудам. Баъди чанде ғайричашмдошт ба ман Маҳмадулло занг зада аз аҳволам пурсон шуд.

– Хуб дам гирифта истодаам Маҳмадулло, лекин Ватанам, Тоҷикистони азизро пазмон шудаам. Сангу хори Ватанамро ба тиллою нуқраи Олмон иваз намекунам. Рӯзи чоршанбе чипта фармудам. Насиб бошад ба Ватан бармегардам.

Гӯшаки телефонро ба ҷояш мондам, ки апаи Магдалена Катя ба хона омад. Бо ӯ хеле суҳбат намуда, дарди диламро изҳор намудам.

Бегоҳӣ ба даруни ҷангал рафта, баъзе ҷойҳои зебои онро ба навор гирифтам. Баъд ба хонаи Андрей рафта хӯрок хӯрда ба хона баргаштам. Табъам ҳамоно хира, дилам чизе намекашид. Танҳо орзуи ҳарчи зудтар ба Ватан баргаштанро мекардаму халос. Хушомадҳои Магдалена дар назарам ҳеҷ буд. Барои ман шуда шавҳаршавандаашро бегоҳӣ аз хона дағалона гусел намуд.

Пагоҳии рӯзи 8-уми июн аз хоб барвақт хестам. Ба берун дида дӯхтам. Осмон софу беғубор. Маълум, ки имрӯз офтобӣ мешавад. Худро бардаму бақувват ҳис намудам. Фишори хунамро санҷидам, ки муътадил 160/90 буд. Ҳамроҳи Катя дар шаҳр каме сайр намуда, ба хона омадам. Ба Хайрулло занг зада гуфтам, ки рӯзи чоршанбе бармегардам. Ӯ хеле шоду хурсанд гардида гуфт, ки шуморо ҳама дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе пешвоз мегирем.

Баъди нисфирӯзӣ ба Швабах ва Нюрнберг сафар карда ба зиёрати қабри модари Магдалена омадем. Сари мазораш гулчамбар гузоштем. Ӯро ман бо некӣ ёдоварӣ намудам. Зеро зани ботамкин, хушмуомила, хушгуфтор ва хушрафтор буд.

Бо таклифи Магдалена сари қабри сагчааш Мини омада каме нишаста ба хона баргаштем.

Шабона ба ҳамаи шиносҳои олмониам аз ҷумла ба Эдия, Рудик, Катя, Геся, Фрида занг зада бо онҳо хайру манзур намудам. Ҳамаи онҳо хоҳиш мекарданд, ки ман боз як ду рӯз монам.

Инак сафари ман ба Олмон ва баъзе мамлакатҳои Аврупо ба охир расид. Мумкин бо амри тақдир боз ба ин ҷойҳо баргардам. Ман мехоҳам дар бораи мамлакати Олмон баъзе ахбороти шавқоварро, ки шунидам ва мушоҳида намудам пешкаш намоям:

– Олмон аз ҷиҳати аҳолӣ дар Аврупо ҷойи дуюмро ишғол мекунад;

– Дараҷаи иқтисодии мамлакат дар Аврупо аввалин мебошад;

– Президенти Олмон роҳбари номиналӣ[1] мебошад.

---

[1] Президент вазифаҳои намояндагиро иҷ ро мекунад.

– Асосан роҳбари сиёсии Олмон Сарвазир – канслери федералӣ мебошад;

– Қонунгузории Олмон дар асоси Ҳуқуқӣ Римӣ[1] амал мекунад;

– Аҳолии Олмон дар ҷаҳон аз ҳама калонсолтарин мебошад (синну соли миёна 40-сола мебошад);

– Дар Олмон мардҳо аз занҳо зиёдтар мебошанд;

– Миллат дар Олмон аз рӯи шаҳрвандии расмӣ муайян карда мешавад;

– Инкор намудани Холокост[2] дар Олмон қатъӣ маън мебошад;

– Агар Олмониҳо барои манзил аз пардохти маблағ саркашӣ ҳам кунанд, онҳоро аз манзилашон намеронанд;

– Олмониҳо бе суғуртаи тандурустии давлатӣ аз хизмати тиббӣ маҳрум мебошанд;

– Аз мамлакатҳои Аврупо фақат дар Олмон дар автобанҳо[3] маҳдудияти суръат вуҷуд надорад;

– Футбол аз ҳама намуди варзиши маъмул мебошад. Асосиатсияи калонтарини футбол дар Олмон вуҷуд дорад;

– Дар Олмон менталитети[4] миллӣ ҳукмрон аст;

– Олмониҳо ба саломатии хеш аҳамияти калон медиҳанд. Онҳо ба кадом намуди маҳсулотро истеъмол кардан аҳамияти калон медиҳанд;

– Қариб ҳамаи Олмониҳо (ҳатто сарватмандон) дар манзилҳои иҷоравӣ зиндагонӣ мекунанд;

---

[1] Систамаи ҳуқуқие, ки дар Рим ва Византияи қадим вуҷ уд дошт. Асоси он давлати «республика»-вӣ мебошад.
[2] Несту нобуд намудани миллати яҳудӣ .
[3] Роҳҳои автобилии байнишаҳрӣ .
[4] Хусусиятҳои хоси миллӣ , ки ҳукумрон мебошад.

– Нақшу нигори дар пӯсти бадан кашидашуда барои зану марди Олмон ниҳоят маъмул мебошад;

– Дар Олмон маҳсулоти ниёзи мардум арзон аммо молҳои бонуфуз қимат мебошанд;

– Дар минтақаҳои шимол ва ҷануб диалекти нутқ фарқи калон мекунад. Ҳатто барномаҳои телевизион бо тарҷума барои шимол ё ҷануб намоиш дода мешаванд;

– Қоидаҳои ҳаракат дар Олмон бечунучаро риоя карда мешаванд. Роҳи рах-рахи пиёдагардиро бо чашми пӯшида ҳам гузаштан мумкин аст;

– Маводҳои шикастаро барои таъмир додан аз харидани он қиматтар мебошад;

– Олмониҳо ҳуқуқҳои ҳайвонотро ҳифз мекунанд ва барои муомилаи бад бо ҳайвонот ҷазо медиҳанд. Шахсе, ки бо ҳайвонот бад муомила мекунад, ҳайвонотро аз дасти ӯ кашида мегиранд;

– Занҳои Олмонӣ қариб пойафзоли пошнабаланд намепӯшанд;

– Немисҳо пивои хориҷиро намепазиранд;

– Дар мактабҳои Олмон баҳои аъло 1 ва баҳои бад 6 мебошад;

– Дар Олмон баъди хатми мактаби ибтидоӣ кудаконро вобаста ба донишашон ба мактабҳои муқаррарӣ ва гимназияҳо тақсим мекунанд;

– Ба донишгоҳҳо фақат хатмкунандагони гимназияҳо дохил шуда метавонанд;

– Маъдумоти олӣ дар Олмон бепул аст, вале ба шуниди ман аз ҳар як донишҷӯ 500€ (Studiengebühren) меситонанд;

– Дар донишгоҳҳои Олмон барномаҳои стандартии таълимӣ вуҷуд надорад. Донишҷӯён барномаи

курсро худашон интихоб мекунанд;

– Донишҷӯён имконият доранд, ки аз рӯи хоҳишашон дар дарсҳо иштирок намоянд, барномаи курси таълимиро иваз кунанд, ба худомӯзӣ машғул шаванд ва дарсҳои иловагӣ гиранд;

– Қабули довталабон дар як сол ду маротиба ба семестри зимистона 15 июл ва ба семестри тобистона 15 январ гузаронида мешавад;

– Барои дохил шудан ба донишгоҳҳо аз довталабон имтиҳон гирифта намешавад, фақат онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дониши дараҷаи аълои забони немисӣ ё англисиро пешниҳод мекунанд;

– Дар Олмон умуман кор накарда бо кӯмаки иҷтимоии давлатӣ зиндагӣ кардан мумкин аст, вале Олмониҳо инро ба шаъну шарафи худ паст медонанд. Магдалена се сол бо кӯмаки иҷтимоӣ ҳар моҳ 3 ҳазор евро зиндагӣ кардааст;

– Рӯзи корӣ дар инҷо барвақт оғоз ёфта барвақт ба охир мерасад, вақти корӣ ба нақшаи қатъӣ гирифта шудааст;

– Дар фирмаҳо ҳамдигарро «ту» гуфта муроҷиат мекунанд;

– Чи қадар, ки нағз кор кунӣ ба дӯшат вазифаҳои навро бо маоши зиёдтар мегузоранд. Агар аз ӯҳдаи кор набароӣ, зуд аз кор пеш мекунанд;

– Иваз кардани ҷойи кор барои олмониҳо зарари маънавӣ меорад. Баъди иваз намудани ҷойи кор Олмониҳо ба духтури рӯҳшинос муроҷиат мекунанд;

– Ҳама кор дар Олмон дар вақти муайяншуда иҷро мешавад;

– Полиси Олмон фақат дар мошинҳои «Мерседес» мегарданд;

– Дар Берлин баъди Анқара туркҳо аз ҳама зиёд зиндагӣ мекунанд. Дар ҳама ҷо масҷидҳо ва занҳои сиёҳпӯшро дидан мумкин аст;

– Дар Олмон як умр зиндагӣ карда бо ҳодисаҳои криминалӣ дучор нашудан – мумкин аст. Ман мардонеро дидам, ки дар умри худ ягон бор занозанӣ накардаанд. 80 фоизи ҷиноятҳо аз тарафи хориҷиён содир карда мешавад;

– Ба шуниди ман ҳокимони пештараи шаҳрҳои Берлин ва Гамбург гомосексуалистҳо буданд. Дар ҷамъият гомосексуалистҳоро бе ягон маҳдудият қабул мекунанд;

– Занҳои Олмон то ба наздикӣ косметикаро истифода намебурданд ва ҳоло бо таъсири хориҷиён ин корро мекунанд, то ин ки онҳоро занҳои бадафттарини Аврупо нагӯянд;

– Таклифи бегоҳ як пиёла қаҳва нӯшидан, дар Олмон маънои ҳамхоба шуданро дорад;

– Сагҳо дар Олмон ба одамон дар намеафтанд. Аккоси сагҳо қариб ки шунида намешавад;

– Олмон барои одамоне, ки шириниро дӯст медоранд, биҳишт аст. Намуди зиёди шириниҳоро дар ҳама ҷо дидан мумкин аст;

– Дар Олмон барои ба моҳигирӣ рафтан курси омӯзишӣ гузаштан лозим аст. Яке аз бобҳои ин курс бо моҳии гирифта чи хел муомила кардан мебошад. Баъд андози «Литсензияи моҳидориро» супоридан лозим аст. Барои ба клуби шикорчиён дохил шудан ҳар сол то 100 000 евро андоз супоридан лозим аст;

– Олмониҳо барвақт хоб мераванд ва барвақт аз хоб мехезанд;

– Агар ба асфалт боқимондаи сигорро партоед, 20

евро ҷарима медиҳед. Дар олмон сигоркашон умуман кам мебошанд;

– Ҷуфтҳои ҳархела дар Олмон зиёданд. Хусусан мардҳои африқоӣ занҳои фарбеҳи олмониро мегиранд. Барои африқоиҳо зани фарбеҳ доштан ифтихор аст. Яъне онҳо зани фарбеҳро хӯронда метавонанд. Занҳои фарбеҳи Олмонӣ бошад, бо мардҳои африқоӣ сайругашт карда аз зиндагӣ ризо мебошанд;

– Калимаҳои «ман ва азони ман» дар Олмон маъмул аст;

* * *

Пагохии рӯзи 9-уми июн ба сафар омодагӣ дида ҳамроҳи Вовка Чилаев ва Магдалена ба фурудгоҳи шаҳри Мюнхен омадем. Дар фурудгоҳ бо як қатор коргарони он, ки аз Душанбе ҳамроҳ омадем, шинос будам. Аз ҷумла яке аз онҳо Эшонқулов Фирӯзро, ки бо хешу табори ман, Исмат Абдуллоев ҳамкурс буд, вохӯрдам. Ӯ маро хеле ҳурмату эҳтиром намуда, суроғаашро дод ва маро то даруни тайёра гусел намуд. Соати 8 тайёраи мо ба фурудгоҳи шаҳри Истамбул ба замин фаромад. Моро таъкид намуданд, ки баъди як соат тайёра ба парвоз омода мегардад, касе дер накунад.

Аз хурдиам падарам борҳо мегуфт, ки Сафарҷон, ту одами бобахтӣ, ризқу рӯзиат фаровон ва ниҳоят дилёб мебошӣ. Ин суханони ширини падарамро дар шаҳри Истамбул ёдовар гардидам. Бо марди миёнасоли тануманде ҳамсуҳбат гардидам. Ӯ аз ман пурсид, ки ба куҷо азми сафар дорам.

– Ба Душанбе, – кӯтоҳакак ҷавоб додам ман. Аз

суҳбатамон ҳарчанд ки забони туркиро намедонам, фаҳмидам, ки ӯ якчанд маротиба ба Душанбе сафар кардааст ва корманди фурудгоҳи шаҳри Истамбул мебошад. Баъди эълон намудани парвози тайёраи мо наздам омад. Борхалтаҳоямро ҳамроҳи ҳамроҳонаш гирифта маро бе ягон тафтишоти зиёдатӣ то тайёра бурда, дар салони тиҷоратӣ ҷойгир намуд. Ҳазорон бор шукргузорӣ мекунам, ки, маро дар Туркия, шаҳри Истамбул чунин қадрдонӣ намуданд.

Тайёра бо суръати баланд парвоз мекард. Мусофирон бо якдигар суҳбат менамуданд. Аз суҳбаташон маълум, ки Тоҷикистони биҳиштосоро аз таҳти дил ёд кардаанд.

Ман лаҳзаеро, ки дар яке аз тарабхонаҳои шаҳри Найнбург рух дода буд, ба ёдам овардам. Хӯроки шом мехӯрдему суҳбати гарм доштем. Якбора дар тарабхона садои суруди тоҷикӣ баланд гардид. Ҳофизи мумтози тоҷик Афзалшоҳ Шодиев бо оҳанги форами тоҷикӣ суруди шӯхеро замзама менамуд. Ҳама ба рақс даромадем. Баъди ба охир расидани суруд назди соҳиби тарабхона рафтам. Ба ӯ салом дода, сабаби дар тарабхона садо додани сурудҳои тоҷикиро пурсидам.

– Ман аслан, олмониҳои хуҷандӣ мебошам. Понздаҳ сол пеш ба ин ҷо кӯч бастам. Айёми ҷавонӣ ва лаҳзаҳои ширини ҳаётам дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ гузаштаанд, – гуфт дар ҷавоб ӯ ва илова намуд, ки баъди ба Олмон кӯч бастанаш бори аввал бо тоҷикӣ ҳарф мезанад. Аз ҳамин сабаб ҳам кандаканда гап мезад.

– Шумо касетаҳои тоҷикиро аз куҷо дастрас мена-

моед? – боз пурсидам аз ӯ.

– Дар шаҳри Хуҷанд дӯстони зиёд дорам. Бо онҳо алоқаамро накандаам. Хоҳиш мекунам онҳо мефиристонанд, – гуфт ӯ.

Дар тарабхона ҳамоно сурудҳои тоҷикӣ таннинандоз буданд. Беихтиёр ба ёди Тоҷикистони азиз дар чашмонам ашк ҳалқа зад.

Ҳангоми гусел соҳиби тарабхона наздам омада бо дилу ҷон ба хонааш ба меҳмонӣ даъватамон намуд. Норасоии вақтро сабаб намуда, узр пурсидам ва ваъда додам, ки бори дигар агар насиб кунад, албатта меҳмони хонадонаш мешавем.

Халқ дуруст фармудааст «Дар меҳмонӣ будан хуб аст, вале дар хона будан беҳтар». Зери ҳамин андешаҳо тайёра ба фурудгоҳи шаҳри Душанбе оромона фаромад. Аз тайёра берун шуда, аввал хоки Ватанро ба дидаҳо молида бӯса намудам.

Маро дар фурудгоҳ сардори гумруки фурудгоҳ Гурез Зарифов, фарзандону наберагон ва бародаронам истиқбол карданд. Ба ҳамаашон оғӯш кушода аз пешониашон гарм бӯсидам. Оби чашмонамро дошта наметавонистам. Ашк, ашки шодӣ буду халос. Чунонки устод Мирзо Турсунзода гуфтааст:

*Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан,*
*Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.*
*Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он*
*Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан.*
*Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,*
*Боз мехонам суруди тозае дар гӯши ӯ,*
*Боз мегирам нафас ман аз ҳавои беғубор,*
*Боз менӯшам ман об аз чашмаи пурҷӯши ӯ.*

Бегоҳӣ сари дастурхони пурнозу неъмат, ки завҷаи меҳрубонам Зумрат ба хотири ба хона расиданам густурда буд, ҳама аҳли оила, бародарону хешонам ба ҳам омаданд. Сӯяшон дида дӯхта аз дидорашон сер намегардидам ва беихтиёр шеъри шоири бузург Бозор Собир ба ёдам омад:

*Тоҷикистон,Тоҷикистон,*
*Мекунам шукри каму бисёри ту,*
*Мукунам шукрона аз озарму аз озори ту.*
*Аз ту ман сарват намехоҳам,*
*Ватан ҳастӣ, бас аст,*
*Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.*

Ҳазорҳо шукр, ки боз соқу саломат ба Ватан баргаштам. Ҳазорҳо шукр, Тоҷикистон.

## БА ҶОИ ОХИРСУХАН

Ходими давлатию ҷамъиятӣ Сафар Саид вазифаву мансабҳои пурмасъулу ифтихориро, аз ҷумла, агрономи хоҷагии Ниёзмуҳаммад Бегови ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, директори Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳия, раиси Ҳукумати ноҳия, раиси хоҷагии «Гулистон», директори заводи пахта, раиси Фонди хайрияи вилоят, раиси Шӯрои калонсолони ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро ба ӯҳда дошт.

Дар бораи ҳаёту фаъолияти ин шахси наҷиб як китоб не, чандин китоб нависем, меарзад, зеро ӯ дар иҷрои ҳамаи вазифаҳои давлатию ҷамъиятӣ – чи дар замони шӯравӣ ва чи дар айёми соҳибистиқлолӣ пурмаҳсул кору фаъолият кардааст.

Сафар Саид дар тараққиёти вилояту ноҳия нақши арзандаи хешро гузоштааст. Ӯ вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, дорандаи чандин ордену медалҳо ва Корманди шоистаи Тоҷикистон аст.

Ман, хушбахтона, чандин солҳо зери роҳабрии ин марди фарҳангӣ кору фаъолият кардаам.

Зиндагиномаи ӯ барои дигарон, ба хусус, барои насли ҷавон намунаи ибрат ва мактаби ҳаётии хубе шуда метавонад, ки дар ин бора, Худо хоҳад, алоҳида хоҳем навишт.

Сафар Саид 13 майи соли 1945 дар ҷамоати Қули Сӯфиёни ноҳияи Данғара ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби №33 хоҷагии ба номи Ниёзмуҳаммад Бегови ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, ҳуҷҷатҳояшро ба

Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон супорида, онро соли 1967 бо муваффақият хатм менамояд.

Сафар Саид дар тӯли меҳнати 50-солаи худ Ниёзмуҳаммад Бегов, Сироҷиддин Исоев, Ғоибназар Паллаев, Ғайбулло Авзалов, Камол Сӯфиев, Султон Мирзошоевро устодони кори хеш меҳисобад, ки ин инсонҳои наҷиб дар рушду нумӯи вилояту ҷумҳурии азизамон саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамчунин ҳамкоронаш Юлдош Қулчиқов, Темур Дадобоев, Абдулло Аҳмадов, Акрамҷон Ҳакимовро доимо ба ёд меорад…

Алҳол адиб Сафар Саид дар иҳотаи 40 набераву абера, фарзандони бо нангу номусу завҷаи меҳрубонаш дар хоҷагии Ниёзмуҳаммад Бегови ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ умр ба сар бурда истодааст. Дар вақтҳои фароғат ӯро доимо дар китобхонаи шахсияш, ки зиёда аз 4 ҳазор китоб дорад, дидан мумкин аст, ки ба хондану навиштани ёддоштҳояш машғул аст.

Китобҳояш бо номҳои «Гардиши айём» (2008), «Дастоварди бахт» (2012) аз чоп баромадаанд, ки барои ҳар як хонанда дарси ибрат шуда метавонанд.

Китоби «Дар ёди Ватан» хотиротест аз сафарҳои ӯ ба Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо, ки лаҳзаҳои хотирмонро ба хонандагон ҳадя мекунад.

Ба устод Сафар Саид парвози баланди эҷодӣ орзу менамоям.

***Саидқул Шомалангов,***
*узви Иттифоқи рӯзноманигорони*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Барои қайдҳо

Барои қайдҳо

Барои қайдҳо

**Сафар Саид**

**ДАР ЁДИ ВАТАН**

*(Хотираҳои сафар)*

Муҳаррири нашриёт *Гурез Сафар*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 05.05.2014 супорида шуд.
Чопаш 07.05.2014 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 10,5. Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ҶДММ «Ҳотамиён» ба табъ расидааст.

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

*Сомонаи «Равшанфикр» муаррифгари дастовардҳои илми ватанӣ буда, дар он маводи илмӣ дар мисоли мақолаҳо, китобҳо, автореферат, монография, маҷаллаҳо, диссертасияҳо ва амсоли инҳо интишор меёбад.*

*E-mail:admin@ravshanfikr.tj*